ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

**ТДУ: 339.543**
**ББК: 65.9**
**Т - 86**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ТУРСУНОВ ХУШРУЗ МУТАЛИБОВИЧ**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ ГУМРУКИ ТОҶИКИСТОН

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо**

**Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент Ҷабборов А.И.**

ДУШАНБЕ - 2023

## МУНДАРИҶА


**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ ... 3**

**Муқаддима ... 4**

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ ГУМРУК**

1.1. Муносибатҳои назариявӣ доир ба таснифи муҳтаво ва вазифаҳои низоми гумрук ... 16

1.2. Нақши идоракунии низоми гумрук дар амалигардонии вазифаҳои стратегии иқтисодиёти мамлакат ... 34

1.3. Муносибатҳои методологиву методӣ доир ба ташкили идоракунии низоми гумрук ва арзёбии самаранокии он ... 50

**БОБИ II. АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ РУШДИ НИЗОМИ ГУМРУК ВА МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ ОН**

2.1. Таҳлили ҳолати танзими гумрукии фаъолияти иқтисоди хориҷии ҷумҳурӣ ... 70

2.2. Арзёбии механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии низоми гумрук ... 88

2.3. Арзёбии сатҳи таъминоти молиявии идоракунии низоми гумрук ... 107

**БОБИ III. РОҲҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ ГУМРУК**

3.1. Таъминоти иттилоотӣ-таҳлилии идоракунии низоми гумрук ... 132

3.2. Коркарди нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии идоракунии низоми гумрук ... 144

3.3. Такмили механизми идоракунии иқтидори кадрии низоми гумрук ... 159

**Хулосаҳо ... 184**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ... 187**

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда ... 189**

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ... 203**

**Замимаҳо ... 206**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**СУГ** – Созмони умумиҷаҳонии гумрук

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақим

**СММ** – Созмони милали муттаҳид

**ФИХ** – Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

**НМФИХ** – Номгуи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

**МИБ** – Муносибатҳои иқтисодии берунӣ

**СҲИ** – Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶСП** – Ҷамъияти саҳомии пушида

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

**МХГББ** – миқдори хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ

**ХНГ** – хароҷот барои нигоҳдорӣ ва рушди низоми гумрук

**ҲГСХ** – ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ

**СИАЯ** – Системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи ягона

**РМГ** – Раёсати минтақавии гумрукӣ

**ТАҚХ** - ташкилоти амонатии қарзии хурд

**ГОСТ** – стандарти давлатӣ

**ISO** – Созмони умумиҷаҳонӣ оид ба стандартизатсия

**ИМА** – Иёлоти муттаҳидаи Амрико

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**ҶХХ** – Ҷумҳурии халқии Хитой

**ВАО** – Васоити ахбори омма

**БМР** – Барномаи миёнамуҳлати рушд

**МИБ** – Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ

**ФИБ** – Фаъолияти иқтисодии берунӣ

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Баробари ба даст омадани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба пас аз ҳазорсолаҳо иқтисоди миллии ватанӣ ва шакли бозоргонии хоҷагидорӣ ташаккул ёфта, рӯ ба рушдёбӣ ниҳод. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ба алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ҷалб гардида, дорои муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии яктарафа ва бисёртарафа мебошад ва дар муносибатҳои якҷояшавии минтақавии ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намуда, аъзои иттиҳодияҳои зиёди якҷояшавии минтақавии ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.

Ҳадафи стратегии давлат, бо мақсади таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, ба густариши минбаъдаи алоқаҳои ҷаҳонии хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки афзалиятҳои муносибатҳои иқтисодии берунӣ равона гардидааст. Бинобар ин, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 «бо дарназардошти тағйироти солҳои охир, ки дар мамлакат ва ҷаҳон, минтақаи Осиёи Миёна ва фазои Авруосиё ба амал омадаанд, бахусус таъсири буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонии солҳои 2007-2009 ба иқтисодиёти кишвар тартиб дода шудааст»[1].

Бо дарназардошти гузариши ҷумҳурӣ ба давраи муносибатҳои бозоргонии рушдкунанда, методҳо ва принсипҳои идоракунии иқтисодиёт, бахши иқтисодиёти берунӣ ва умуман муносибатҳои иқтисодии берунӣ тағйироти қатъиро тақозо мекунанд. Пеш аз ҳама, ин ба иҷрои «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» вобаста аст, ки мақсади он мусоидат намудан ба иҷрои сиёсати иқтисодии берунӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ, ҳамчунин зиёд намудани ҳаҷми содироти ғайри ашёи хом, коҳиш додани таносуби молҳои

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, - №392. - С. 6.

истеъмолӣ ва хизматрасониҳо дар ҳаҷми умумии воридот мебошад. Аммо таҳлили фаъолияти иқтисодии берунии солҳои охир аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ ҳанӯз дар бахши воқеии иқтисодиёт муҳити тавонои соҳибкорӣ таъсис дода нашудааст. Қисми зиёди иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии берунӣ барои иштироки фаъолона дар алоқаҳои берунӣ таҷрибаи кофӣ ва сатҳи дониши лозимаро надоранд ва он аз доираи иқтисодиёти миллӣ берун мемонад. Ғайр аз ин, аксари иштирокчиён барои амалисозии манфиатҳои худ ва мақсадҳои умумии хислати савдоӣ-тиҷоратидошта маҳдуд карда шудаанд, ки дар аксар маврид ба манфиатҳои давлат дар соҳаи бехатарии иқтисодии ҷумҳурӣ мутобиқат намекунанд. Дар ин шароит эҳтиёҷот ба вазифаи танзимкунанда ва назораткунандаи давлат баландтар мегардад. Бинобар ин, Вазорати савдо ва рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ба ҳалли ин масъалаҳо ба таври ҷиддӣ амал намоянд. Аз ин лиҳоз, зарурати махсуси муайян намудани нақш ва мақоми Хадамоти гумрук дар низоми идоракунии фаъолияти иқтисодии берунӣ, шомил намудани он ба низоми ҳамкории байниҳамдигарӣ бо мақомоти дигари блоки иқтисодии ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои муносибатҳои иқтисодии берунӣ дар ин раванд пайдо мегардад.

Айни замон, дар шароити гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи нави рушд ва тавсеаи фаъолияти иқтисодии хориҷие, ки бо фаъолгардонии кишвар дар робитаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ алоқаманд мебошанд, таъмини рушди муносибатҳои гумрукӣ ва такмили методҳо ва воситаҳои танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии берунӣ талаб карда мешавад. Ин пеш аз ҳама, ба ҷустуҷӯйи механизмҳои нави такмили фаъолияти гумрукӣ дар самти мувофиқгардонии он ба меъёрҳои байналмилалӣ ва рушди таъминоти илмӣ-методӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотии умуман низоми гумрук боис мегардад. Имрӯзҳо, ҳанӯз ҳам норасоии мутахассисони баландихтисос дар соҳаи фаъолияти гумрук ва кадрҳои идоракунӣ

мушоҳида мегардад, ки ин масъала таҷдиди назар ба сиёсати кадрии низоми гумрукро тақозо менамояд. Ғайр аз ин, сатҳи пасти фаъолияти механизми иқтисодии идоракунии низоми гумрук мушоҳида мегардад, ки он ба такмилдиҳӣ ниёз дорад. Масъалаҳои дар боло зикршуда муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотро муайян мекунанд.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Маҷмуи масъалаҳои муносибатҳои гумрукӣ ва масъалаҳои амалии ташаккул ва рушди низоми гумрук дар таҳқиқотҳои илмии олимон ва муҳаққиқони хориҷӣ ба монанди И. Ахмадуллин, О. Дмитриев, Д. Зеркин, К. Кулиев, Ю.Г. Кисловский, И. Милшина, А. Миретин, Р. Мертон, В. Макрусев, Е. Приймак, Н. Ефремова, С.В. Белозерова ва дигарон инъикос ёфтаанд. Онҳо дар коркарди ҷанбаҳои идоракунӣ, иқтисодӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоии низоми гумрук саҳми бузург гузошта, ташаккул ва рушди механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии низоми гумрукро асоснок намудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя будани таҳқиқотҳои илмие, ки ба масъалаҳои рушди низоми гумрук дар иқтисодиёти ташаккулёбандаи мамлакат бахшида шудаанд, эҳсос мегардад. Ҷанбаҳои алоҳидаи ин масъала дар асарҳои олимони ватанӣ, ба монанди Раҷабов Р.К., Ҳикматов С.И., Рауфи А., Ҷабборов А.И., Қаюмов Н.К., Оймаҳмадов М., Мирсаидов А.Б., Фақеров Х.Н., Алиев М., Ҳасанов К., Катаев А.Х., Буриев Л.Ҷ., Гадоев Ф.И., Раҷабова Н.Р. ва дигарон инъикос ёфтаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки дар он масаълаи густариши минбаъдаи алоқаҳои ҷаҳонии хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки афзалиятҳои муносибатҳои иқтисодии берунӣ бо мақсади таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат самти муҳим арзёбӣ гардидааст, сурат гирифтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз коркарди асосҳои назариявӣ ва ташкилию иқтисодии ташаккул ва рушди механизми идоракунии низоми гумрук иборат мебошад. Онҳо барои баланд бардоштани сатҳи самаранокии низоми гумрук ва ташкили шароити мусоид барои фаъолгардонии амалкарди иштирокчиёни фаъолияти итисодии хориҷӣ, ки ба таъмини амалигардонии «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон» равона гардидаанд, имкон фароҳам меоранд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалигардонии мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаллу фасл намудани вазифаҳои зерин муайян шудаанд:

– таҳқиқи муҳтаво ва вазифаҳои низоми гумрук;

– муайян кардани нақши низоми гумрук дар амалигардонии вазифаҳои иқтисодии стратегии давлат;

– омӯхтани муносибатҳои методологӣ ва методии идоракунии низоми гумрук;

– таҳқиқи вазифаҳои асосии дохил намудани ҷумҳурӣ ба низоми алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва сатҳи дарёфти он;

– таҳлили ҳолати механизмҳои идоракунии низоми гумрук;

– таҳқиқи идоракунии унсурҳои асосии арзишии механизми иқтисодии низоми гумрук;

– коркарди методҳо ва алгоритми таъминоти иттилоотӣ-таҳлилии идоракунии низоми гумрук;

– асоснок намудани роҳҳои асосии такмили идоракунии иқтидори кадрии низоми гумрук.

**Объекти таҳқиқот** механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ ҳамчун мақомоти давлатӣ ва агенти макроиқтисодиёт мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқоти** диссертатсионӣ муносибатҳои идоракунӣ ва иқтисодии бо фаъолияти низоми гумруки Ҷумҳурии

Тоҷикистон алоқаманд дар шароити гузариши мамлакат ба марҳилаи нави рушд мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар тасдиқи муқарароте ифода меёбад, ки такмили механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии низоми гумрук, ҳамчун объекти идоракунӣ (маҷмуи ниҳодҳои гумрук, ташкилотҳо, равандҳо, хадамоти гумрук ва кормандони гумрук) ҳолати сифатии муносибати иқтисоди хориҷии кишварро муайян карда, ба рафтори иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ дар самти баланд бардоштани дараҷаи ҳифзи манфиатҳои иқтисоди миллӣ ва амниятии он мусоидат менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои бунёдии олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи назария ва амалияи фаъолияти гумрук ва идоракунии он, инчунин танзими муносибатҳои иқтисодии берунӣ ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои абстраксияи илмӣ, индуксия, дедуксия, методи таърихӣ-мантиқӣ, таҳлил ва таҷзия, методҳои оморӣ, баҳогузории муқоисавӣ, пурсишҳои иҷтимоӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар раванди таҳқиқот инчунин қонунгузориҳои миллӣ ва хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти гумрук, дастурамалҳои Созмони умумиҷаҳонии гумрук (СУГ), Созишномаи генералӣ оид ба тарофаҳо ва савдо, маводи Шӯрои роҳбарони Хадамоти гумруки давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурамал ва фармоишҳои Хадамоти гумрук оид ба маҷмуи масъалаҳои таҳқиқшаванда истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаҳои иттилоотӣ–таҷрибавии таҳқиқотро маълумоти омории расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсатҳои минтақавии он, Бонки миллӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон, маводи дар ВАО ба нашррасида, сомонаҳои Интернетӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар назди кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон солҳои 2010-2016 иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** мазкур дар коркарди асосҳои назариявии ташкилӣ-иқтисодӣ, механизмҳои иттилоотӣ ва кадрии такмили системаи идоракунии низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар доираи низоми танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии берунӣ), ки ба раванди фаъолгардии воридсозии ҷумҳурӣ ба алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва истифодаи самараноки афзалиятҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ дар саноатикунонии иқтисодиёти мамлакат мусоидат мекунанд, ифода меёбад.

Муаллиф чорабиниҳо ва механизмҳои мушаххаси такмили идоракунии низоми гумрукро пешниҳод намуда, такмили минбаъдаи низоми ҳисоббаробаркуниҳои байни низоми гумрук ва буҷети давлатиро асоснок кардааст.

Натиҷаҳои нисбатан муҳими илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки шахсан унвонҷӯ ба даст оварда, барои ҳимоя пешниҳод мекунад, инҳо мебошанд:

– дар асоси таҳлили назариявии самтҳои гуногуни назарияи фаъолияти гумрукӣ асоснок карда шудааст, ки фаъолияти гумрукӣ дар худ назария ва амалияи танзими маҷмуи муносибатҳои ба ҷойивазкунии молҳо аз тариқи сарҳадҳои гумрукии давлатҳо алоқамандидоштаро таҷзия мекунад: а) таҷрибаи фаъолияти гумрукӣ - ин фаъолияти ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ буда, бо танзими ҷойивазкунии молҳо аз тариқи сарҳадҳои гумрукии давлатҳо алоқаманд мебошад, ки онҳо барои таъмини бехатарии миллӣ равона гардидаанд; б) фаъолияти гумрукӣ ҳамчун назария шакли тасаввури низоми донишҳо оид ба муҳтаво, қонуниятҳои рушд, принсипҳо, методҳо, мақсадҳо ва вазифаҳои фаъолияти гумрукӣ мебошад;

– ба идоракунии низоми гумрук ҳамчун яке аз намудҳои низоми махсуси идоракунӣ дар хадамоти давлатӣ, ки бо мақсади амалигардонии ҳадафҳои иқтисодии стратегии давлат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ таъсири мақсаднок мерасонад, таърифи муаллифӣ дода шудааст. Идоракунии низоми гумрук ҳамчун низоми мураккабе баррасӣ мегардад, ки аз инҳо иборат аст: а) занҷири ба таври системавӣ бо ҳам алоқаманди вазифаҳо (амалҳо), ки истифодаи механизмҳои марбутаи идоракуниро тақозо мекунанд; б) маҷмуи асноди қонунгузорӣ, принсипҳо, методҳо, усулҳо ва сохтори ташкилӣ, мақсадҳо ва вазифаҳо, ки аз сиёсати савдои берунии мамлакат (бо назардошти асноди меъёрӣ-ҳуқуқии савдои берунии байналмилалӣ) бармеоянд; в) механизмҳои алоқаҳои баръакс, ки вобаста ба рушди объекти идоракунӣ барои ворид намудани тағйирот дар дохили низом таъйин шудаанд;

– ташаккул ва рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ дар ҳошияи либеризатсияи фаъолияти савдои берунӣ, дигаргуниҳо дар шартҳои муносибатҳои иқтисодии берунӣ, қисмҳои таркибии асосии алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва инчунин хосият ва дараҷаи дохилшавӣ ба тақсимоти байналмилалии меҳнат ва мубодилаи молҳо даврабандӣ карда шудааст. Муайян карда шудааст, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз осебпазир боқӣ монда, боиси тадриҷан коҳиш ёфтани имкониятҳои иқтидории ба хоҷагии ҷаҳонӣ якҷояшавии он мегардад. Бинобар ин, асоснок карда шудааст, ки самти асосии сиёсати иқтисодии ҷумҳуриро бояд бартараф намудани камбудиҳои болозикри марбут ба рушди ҳамкории иқтисодии берунӣ дар асоси такмили механизмҳо ва воситаҳои низоми гумрук ташкил диҳад;

– низоми идоракунии молу воситаҳои нақлиёт ва амволи дар додугирифти моликияти давлат қарордошта коркард шудааст, ки ҳамкории байниҳамдигарии ташкилӣ-иқтисодии ҳамаи сохторҳои низоми гумруки ҷумҳуриро дар соҳаи таҳқиқоти маркетингӣ, истифодаи оқилонаи механизмҳои логистикӣ, интиқоли самараноки мусодираҳо,

муқаррарнамоии воқеии арзиш ва татбиқи онҳо, тақсимоти одилонаи даромадҳои аз молҳои мусодирашуда бадастаомадаро ифода мекунад; асоснок карда шудааст, ки меъёри хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ унсури хароҷотии ташаккули нархи хизматрасониҳое мебошад, ки аз ҷониби низоми гумрук ба иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ (ташкили интиқоли молҳо аз тариқи сарҳади ҷумҳурӣ тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои муқаррарнамудаи давлат) расонада мешаванд;

– алгоритми равандҳои таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрук ва ташаккули низоми нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрук, ки аз ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти гумрукӣ сарчашма мегиранд, коркард карда шудааст; Муносибати методӣ нисбат ба ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳои гумрукӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти мақомоти гумрук таҳия шудааст, ки мақсади амалигардонии вазифаҳои давлатӣ, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти вайроннакунандаи мамнуиятҳо ва маҳдудиятҳои муайяншудаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ФИХ) ва сатҳи қонеъгардонии талаботи истеъмолкунандагонро (иштирокчиёни ФИХ) дорад;

– асосҳои консептуалии коркарди сиёсати кадрӣ ва таъминоти кадрии низоми гумрук, ки аз асоси умумиметодологӣ ва ташкилии ташаккули талабот ба кадрҳои ихтисосманди низоми гумрук маншаъ мегирад, пешниҳод гардида, барои таҳияи стратегияи рушди сиёсати кадрии низоми гумрук алгоритме пешниҳод карда шудааст, ки аз як қатор марҳилаҳои пайдарҳам иборат мебошад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асоснок намудани фаъолияти гумрукӣ ҳамчун: а) таҷрибаи фаъолияти гумрукӣ ин фаъолияти ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ буда, бо танзими ҷойивазкунии молҳо аз тариқи сарҳадҳои гумрукии давлатҳо

алоқаманд мебошад, ки онҳо барои таъмини бехатарии миллӣ равона гардидаанд; б) фаъолияти гумрукӣ ҳамчун назария шакли тасаввури низоми донишҳо оид ба муҳтаво, қонуниятҳои рушд, принсипҳо, методҳои мақсадҳо ва вазифаҳои фаъолияти гумрукӣ мебошад.

2. Муқарароти муалифӣ нисбат ба идоракунии низоми гумрук ҳамчун низоми мураккаб: а) занҷири ба таври системавӣ бо ҳам алоқаманди вазифаҳо (амалҳо), ки истифодаи механизмҳои марбутаи идоракуниро тақозо мекунанд; б) маҷмуи асноди қонунгузорӣ, принсипҳо, методҳо, усулҳо ва сохтори ташкилӣ, мақсадҳо ва вазифаҳо, ки аз сиёсати савдои берунии мамлакат (бо назардошти асноди меъёрӣ-ҳуқуқии савдои берунии байналмилалӣ) бармеоянд; в) механизмҳои алоқаҳои баръакс, ки барои ворид намудани тағйирот дар дохили низом вобаста аз рушди объекти идоракунӣ таъйин шудаанд.

3. Арзёбии ташаккул ва рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ дар ҳошияи либеризатсияи фаъолияти савдои берунӣ ва муайян намудани самти рушди иқтисоди берунӣ дар асоси воситаҳои низоми гумрукӣ.

4. Коркарди механизмҳои низоми идоракунии молу воситаҳои нақлиёт ва амволи дар додугирифти моликияти давлат қарордошта ва арзёбии унсури хароҷотии ташаккули нархи хизматрасониҳои гумрукӣ.

5. Коркарди алгоритми равандҳои таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрук, ташаккули низоми нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрук, ки аз ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти гумрукӣ сарчашма мегиранд.

6. Асоснок кардани роҳҳои такмили муносибати методӣ нисбат ба ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳои гумрукӣ.

7. Коркарди асосҳои консептуалии таъминоти кадрии низоми гумрук, ки аз асоси умумиметодологӣ ва ташкилии ташаккули талабот ба кадрҳои ихтисосманди низоми гумрук маншаъ мегирад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар такмил додани асосҳои илмӣ ва методологии идоракунии низоми гумрук ва инчунин дар асоснок кардани истифодаи механизмҳои иқтисодии идоракунии низоми гумруки мамлакат бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллии кишвар дар марҳалаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия овардашударо роҳбарони мақомоти гумрук метавонанд барои такмили воситаҳои идоракунии фаъолияти гумрук, коркарди стратегияи таъминоти иттилоотӣ ва кадрии идоракунии низоми гумрук мавриди истифода қарор диҳанд. Як қатор қоидаҳо ва пешниҳодот «Оид ба фонди рушди низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди коркарди стратегияи рушди хизмат дар давраи дарозмуҳлат қабул шудаанд. Муаллиф дар раванди таҳияи дастурамал «Оид ба аз нав сохторсозӣ кардани низоми гумрук» дар Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок намудааст.

Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми омода намудани маҷмуи лексияҳо оид ба фанҳои «Фаъолияти гумрук», «Бехатарии иқтисодӣ», «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ», «Идоракунӣ дар мақомоти гумрук» ва ғайра, инчунин дар макотиби олии соҳаи иқтисодӣ ва факултаҳои гумруки макотиби олии ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асоснокии хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи идоракунии низоми гумрук эҷодкорона истифода бурдааст. Дар раванди таҳқиқот усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодот дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст. Натиҷаҳои

таҳқиқот интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқи бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – "Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо" иҷро карда шудааст: б.10.2. Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарқкунандаи идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, инкишофи ҳамкориҳо ва бизнеси байналмилалӣ; б.10.3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Идоракунии давлатии низоми андоз, гукмрук ва маҷмаии иқтисоди беруна. Идоракунӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт, шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои ташкили истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ, хизматрасрониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ (давлатӣ); б.10.5. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Механизмҳои институтсионалии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ, сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес ба иҷро расидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳама давраҳои иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф амалӣ шудааст: ба монанди таҳияи мавзӯъ, асоснокkунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Мавзӯи мазкур бори нахуст дар донишгоҳҳои кишвар мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифта, такмили механизмҳои идоракунии низоми гумрук дар асоси механизмҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Як қатор ҳолатҳои назариявии диссертатсия оид ба масъалаҳои такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва иттилоотии идоракунии низоми гумрук дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ (Ҷумҳурии Укрина ва Федератсияи Россия), инчунин дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ баён гардидаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и Донишогоҳи тиҷорати Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Ҳолатҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 мақолаи илмӣ, дар ҳаҷми умумии 4,6 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия 208 саҳифаи матни чопи компютерӣ буда, аз ҷумла 32 ҷадвал ва 18 нақшаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 131 номгӯйро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ ГУМРУК

## 1.1. Муносибатҳои назариявӣ доир ба таснифи муҳтаво ва вазифаҳои низоми гумрук

Ба вуҷуд омадани фаъолияти гумрукӣ бо пайдоиш ва рушди хоҷагии молӣ ва мубодилаи савдои байналмилалӣ ва инчунин бо шаклҳои содатарини андозбандӣ алоқаманд мебошад. Дар адабиёти илмӣ қайд карда шудааст, ки ташаккул ва рушди фаъолияти гумрукӣ ва инчунин танзими тарофавии амалиёти содиротӣ - воридотӣ ба таърихи қадимтарин мансуб мебошанд. Ҳанӯз дар асри II то мелод муносибатҳои гумрукӣ дар Миср, Ассирия ва Бобулистон пайдо шуда буданд. Дар асри III то солшумории мо дар шаҳри Тариф (Андалузия), дар минтақаи Кадисаи ҷануби Испания (дар давраи ҳукмронии Карфаген) ҷадвали махсусе таҳия шуда буд, ки номгӯйи молҳо ва мутаносибан воҳиди ченкунӣ ва миқдори боҷи аз онҳо рӯёндашаванда барои ҷойивазкунии он тавассути сарҳад қайд карда мешуд. Ҷадвали мазкурро ба ифтихори шаҳри Тариф тарофа номиданд. Ҳамин тавр, тарофаи гумрукӣ дар ҳамон давра барои ҳукумат манбаи муҳими пур кардани хазина гардид.

Фаъолгардии равандҳои табдилёбии фаъолияти гумрукӣ ба воситаи муҳими танзими мубодилаи молҳо дар асрҳои VII-IX, ки тиҷорати байналмилалӣ тамоюли рушд гирифта буд, мушоҳида мешавад. Дар ин давра, дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон кормандони гумрук дар ҳукуматҳо мақоми баландро соҳиб гардида, онҳо дар байни мансабдорони давлатӣ, пас аз граф ва мэр ҷойи сеюм, хазинадорон бошанд - ҷойи чорумро ишғол мекарданд.[2] Чунки гумрук яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини муайянкунандаи сатҳи соҳибистиқлолӣ ва мустақилияти давлат мебошад. Бо ин муносибат олими намоёни рус Д.И. Менделеев дар замони худ чунин қайд карда буд: «то замоне, ки давлатҳо аз якдигар дар алоҳидагӣ, бо

---

[2] Кисловский Ю.Г. История таможенного дела и таможенной службы России [Текст] / Ю.Г. Кисловский. Под общ. ред. А.Е. Жерихова. - М.: РУСИНА-ПРЕСС, 2004. – 585 с.

ҳадафҳо, воситаҳо ва ҳукуматҳои мустақили худ арзи ҳастӣ мекунанд, зарурат ба гумрук боқӣ мемонад».[3] Бинобар ин, дар ҳамаи марҳилаҳои таърихи рушди давлатҳо гумрук ба ҳайси пули (кӯпрук) махсус ва зарурии байни мамлакатҳо дар бозори берунию дохилӣ хизмат кардааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар натиҷаи рушди фаъолияти гумрукӣ дар асри XVII ҷараёни протексионизм ба ташаккулёбӣ шурӯъ намуд, ки солҳои тӯлонӣ ва инчунин дар асри XIX амал карда буд. Дар ин давраҳо фаъолияти низоми гумрук аслан сиёсати ҷараёни протексионизмро амалӣ мекард. Бо дарназардошти ин К. Маркс гуфта буд, ки «низоми протексионизм воситаи сунъии соҳибони фабрикаҳо буд, то ки коргарони мустақилро истисмор намояд, воситаҳои миллии истеҳсолот ва мавҷудиятро ба сармоя табдил диҳад ва маҷбуран суръати гузариш аз усули куҳнаи истеҳсолотро ба усули муосир тезонад».[4] Дар ҳамон давраҳо протексионизм дар тамоми давлатҳои ташаккулёфта ғоя ва механизми муҳим буд ва низоми гумрук барои амалисозии он равона шуда буд. Масалан, Д.И. Менделеев протексионизмро ҳамчун сохти давлатӣ эълон намуда, аҳамияти онро дар рушди иқтисодиёт исбот карда буд. Ӯ бо мақсади муайян кардани алоқаи протексионизм бо савдои озод ду шакли протексионизмро ҷудо намуда буд: якум, бояд ба он равона шуда бошад, ки дар давлат саноат тараққӣ карда, маҳсулоти онҳо эҳтиёҷоти ҷомеаро қонеъ гардонад ва зимнан ба молҳои воридотӣ бояд бочҳои баланд муқаррар гардида ё воридот манъ карда шавад; дуюм, бояд вазифаи муҳофизатиро иҷро намояд, ки дар ин ҷо ғамхорӣ, пеш аз ҳама на барои рушди намудҳои нави саноат, балки дар умум барои дастгирии истеҳсолоти мавҷудбуда дида мешавад.[5]

Ҳамин тавр, метавон тасдиқ кард, ки дар давоми рушди таърихии

---

[3] Миретин, А.В. Стратегический подход к управлению инновационной деятельностью таможенных органов [Текст] / А.В. Миретин // Менеджмент и бизнес-администрирование. - 2012. - № 3. - С. 13-24. - EDN PETBHX. - С.17

[4] Маркс К. Нищета философии [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. Собр. соч. В 55-и т. Т. 4. - М., 1955. - С. 65-185

[5] Менделеев Д.И. Указ. соч. [Текст] / Д.И. Менделеев. - Москва : Издательство Академии наук СССР, 1937-1954. - С. 702

давлатҳо ва иқтисодиёти онҳо фаъолияти гумрукӣ аз илм пеш гузашта будааст. Бинобар ин, донишҳо дар бораи он, яъне назарияи фаъолияти гумрукӣ танҳо дар нимаи дуюми асри XX барои соҳиб гардидан ба сифати илмӣ оғоз намуданд. Азбаски дар ин давра ба таври қатъӣ таҷрибаи фаъолияти гумрукӣ мураккаб гардида буд, мушкилоти зиёде пайдо шуданд, ки онҳоро дар асоси таҷриба ва фаҳмиши пештара самаранок ҳаллу фасл намудан имконият надошт. Бинобар ин, шурӯъ аз ҳамин давра самтҳои гуногуни назарияи фаъолияти гумрукӣ рушд намуданд, ки дар натиҷа маҷмуи донишҳои хусусӣ оид ба фаъолияти гумрукӣ ташаккул ёфт. Аммо то имрӯз масъалаҳои назарияи фаъолияти гумрукӣ ҳалталаб боқӣ мондаанд, ки ҳалли ин гуна массъалаҳо барои давлати соҳибистиқлоли мо ниҳоят муҳим мебошад.

Дар адабиёти илмӣ доир ба моҳияти низоми гумрук тавсифҳои гуногун зиёд ба назар мерасанд. Масалан дар луғати калони иқтисодӣ чунин омадааст: маҷмуи воситаҳо ва методҳои танзими давлатии интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади мамлакат, аз он ҷумла боғоҷ, интиқолоти почта ва молҳо (ҳамчунин молҳои транзитӣ); яке аз қисмҳои муҳим низоми танзими давлатии фаъолияти иқтисоди беруна. Яке аз унсурҳои марказии низоми гумрук - ин хадамоти давлатии гумрукӣ мебошад[6]. Дар лӯғати ҳуқуқӣ бошад, он ба таври зайл оварда шудааст: «мафҳуми нисбатан умумӣ ва маҷмуиест, ки он нафақат сохторҳои давлатӣ ва сохторҳои дигарӣ таъминкунандаи амалигардии сиёсати гумрукиро тавсиф менамояд, балки ҳамзамон шаклҳои амалии фаъолияти онҳо, инчунин қонунгузории гумрукӣ....»[7]

Муҳаққиқони тоҷик Раҷабов Р.К., Ҳикматов С.И., Ҷабборов А.И. низоми гумрукро маҷмуи методу механизмҳои бо ҳам алоқаманди ниҳодҳои муайяни мақомоти гумрук, ки фаъолияти онҳо ба

[6] Большой экономический словарь [Текст] / Автор: А.Н. Азрилиян. - М.: Институт новой экономики, 1997. - 856 с.
[7] Большой юридический словарь [Текст] / Авт. и сост. А.Б. Борисов. - Москва: Книжный мир. - 2010. - 847 с. ISBN 978-5-8041-0462-8

расмиятдарорӣ, назорат ва танзими гумрукию-тарофавии фаъолияти тиҷорати беруна ва таъмини амнияти иқтисодии мамлакат равона шудааст, муайян намудаанд[8].

Муҳақиқи тоҷик Раҷабова Н.Р. низоми гумрукро ҳамчун фаъолияти мақомоти гумрукӣ ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳои давалатӣ барассӣ намуда, онро дар сохтори низоми идораи давлатӣ ҳамчун мақомоти иҷроияи давлатӣ, ки сиёсати гумрукро бо назардошти истифодаи самараноки механизмҳои танзими тарифию-гумрукии фаъолияти муносибатҳои иқтисоди бенруна амалӣ мекунад, тасниф додааст.[9]

Бо ақидаи мо низоми гумрук ин маҷмуи элементҳо ва ҷузъҳои таркибии бо ҳам алоқанди ниҳоди гумрук (шакл, восита ва методҳо) мебошад, ки дар пояи муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ташаккул ва рушд ёфта, тавассути идора ва танзими воридоту содирот танзими давлатии фавъолияти иқтисоди берунаи мамлакатро таъмин менамояд. Чузъҳои таркибии онро сатҳои гуногуни мақомоти гумрук ташкил медиҳанд, ки онҳо умумияти функсиналӣ ва ягонагӣ дошта, дар доираи низоми ягонаи марказонидашуда фаъолият мекунанд (ниг ба расми 1.1).

Дар шароити муосир низоми гумрук аз рӯйи муҳтаво ва иҷрои вазифаҳои махсуси худ ниҳоди муҳим ва таъсиррасони ҳар як давлати соҳибистиқлол мебошад. Низоми гумрук на танҳо дар низоми танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ ва пур кардани даромади буҷети давлат, балки дар низоми таъмини кулли намудҳои амнияти миллӣ, пеш аз ҳама амнияти иқтисодии мамлакат аҳамияти махсусан калон дорад. Бинобар ин, дар солҳои аввали истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 1992, таҳти №14 Раёсати асосии назорати гумрукии назди Девони Вазирони Ҷумҳурии

[8] Раджабов Р.К. Вопросы организационного механизма улучшения таможенного обслуживания в Республике Таджикистан [Текст]: учебное пособие / Р.К. Раджабов, С.И. Хикматов, А.И. Джабборов. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 125 с. - С 13

[9] Раджабова Н.Р. Организационный механизм развития оказания услуг по таможенной экспертизе товаров при проведении таможенного контроля (на мат. Республики Таджикистан) [Текст]: дисс. канд. экон. наук: 08.00.05 / Раджабова Нурхаёт Раджабовна. - Душанбе, 2015. - С. 33

Тоҷикистон ташкил карда шуд. Соли 1992 дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарофаҳои гумрукӣ» қабул гардид. Асноди қонунгузории мазкур ба фаъолияти иқтисодии берунии субъектҳои иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодии мамлакат асоси институтсионалӣ гузоштанд. Дар ҳақиқат, такмили минбаъдаи «механизмҳои институтсионалӣ-иқтисодии хосияти стратегидошта, ки барои рушди фаъолияти иқтисодии берунии субъектҳои хоҷагидор шароит ва муҳит ташаккул медиҳанд, вазифаи муҳими марҳилаи нави рушди мамлакат мебошанд».[10] Дар ин ҷанба ҳолати рушди низоми гумруки мамлакат ҷойи марказиро ишғол менамояд.

Барои такмили механизмҳои ташкил ва идоракунии низоми гумрук ва баланд бардоштани нақши он дар танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ, пеш аз ҳама аниқ кардани мафҳуми фаъолияти гумрук, моҳият, объект, предмет, ҳадафҳо ва вазифаҳои он, назарияи фаъолияти гумрукӣ зарур мебошад. Азбаски ин масъалаҳо ҳанӯз ҳам дар илми иқтисодӣ пурра инъикос наёфтаанд, ҷойгоҳи он дар илми иқтисод дар сатҳи возеҳ муайян нашудааст. Мавҷуд набудани назарияи мукаммал ва асосноки фаъолияти гумрукӣ имкон намедиҳад, ки самаранокии дилхоҳи фаъолияти низоми гумрук, ки дар акси ҳол метавонад боиси пайдоиши таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, пеш аз ҳама ба амнияти иқтисодӣ гардад, таъмин карда шавад. Масъалаҳои илмии мавзӯъ, пеш аз ҳама зарурати таъсиси консепсияи мукаммали низоми гумрукро тақозо менамоянд, ки бояд марҳилаҳои пайдарҳами зеринро фаро гиранд:

– муайян кардани тарҳи умумии фаъолияти гумрукӣ, ки имконият медиҳад он ҳамчун низом барассӣ карда шавад;

– муқаррар кардани мақсадҳо, вазифаҳо, сохтори назариявӣ, прагматикӣ ва илмӣ;

---

[10] Мирсаидов А.Б. Институциональные основы развитие внешнеэкономической деятельности регионов Республики Таджикистан [Текст] / А.Б. Мирсаидов // Государственное управление. - 2017. - № 2(34). - С. 68-80.

– муайян кардани принсипҳои ба даст овардани донишҳо, ҷамъоварӣ ва ташкили истифодаи амалии онҳо.

Таҳлили ақидаҳо оид ба фаъолияти гумрук, ки дар адабиёти иқтисодӣ вуҷуд доранд, нишон медиҳад, ки гарчанде мафҳуми «фаъолияти гумрук» таърихи дуру дароз дошта бошад ҳам, то ҳол тафсири ҳаммонанди он вуҷуд надорад. Тафсирҳои гуногун аз услуби мухталифи муаллифон ва имконияти якдигарро фаҳмидани онҳо бармеоянд. Дар асоси ҷамъбасти ақидаҳои муаллифони гуногун[11] доир ба моҳияти фаъолияти гумрук, мо ба хуллосае омадем, ки дар фаъолияти гумрук назария ва амалияи танзими маҷмуи муносибатҳое таҷзия мешаванд, ки онҳо бо ҷойивазкунии молу воситаҳои нақлиёти аз тариқи сарҳадҳои гумрукии давлатҳо алоқаманд мебошанд. Дар чунин ҳолат фаъолияти гумрукро ҳамчун фаъолияти ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, ки бо танзими ҷойивазкунии молу воситаҳои нақлиёти тавассути сарҳади гумрукӣ алоқаманд буда, барои таъмини амнияти миллӣ равона шудаанд, метавон баррасӣ намуд. Дар мавриди фаъолияти гумрук ҳамчун назария нуктаеро бояд қайд кард, ки он шакли тасаввури низоми донишҳо оид ба муҳтаво, қонуниятмандии рушд, принсипҳо, методҳо, мақсадҳо ва вазифаҳои фаъолияти гумрукӣ мебошад. Объекти назарияи фаъолияти гумрук муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди амалиёти воридотӣ-содиротӣ ва ҳаракати байналмилалии молҳо ба вуҷуд меоянд.

Иштирокчиён ё субъекти муносибатҳои гумрукӣ инҳо мебошанд: низоми гумрук, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, молистеҳсолкунандагони дохилӣ, истеъмолкунандагон, мақомоти ҳокимияти давлатии мамлакатҳои

---

[11] Алиев М.Б. Проблемы повышения качества услуг в логистических таможенных терминалах Республики Таджикистан [Текст] / М.Б. Алиев, М.М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. 2015. - №2/9 (190). - С. 74-78; Гадоев Ф.И. Организационно-экономические основы развития таможенно-терминального обслуживания в Республике Таджикистан [Текст]: дисс. канд. экон. наук: 08.00.05 / Гадоев Фирдавси Искандарович. - Душанбе, 2012. -163 с.; Факеров Х.Н. Таможенно-тарифное регулирование внешнеэкономической деятельности [Текст] / Х.Н. Факеров, Р.К. Раджабов, С.И. Хикматов, Н.Р. Раджабова. - Душанбе: Ирфон, 2008. -190 с.

хориҷӣ ва ғайра. Дар комплекси бо раванди ҷойивазкунии молҳо алоқаманд онҳо дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқи гумрукӣ ва амалиёти муносибатҳои иқтисодии ба тартибовардашудае баромад мекунанд, ки барои ҳавасмандгардонӣ ё маҳдудсозии фаъолияти иқтисодии берунии иштирокчиёни муносибатҳои гумрукӣ равона шудааст (ниг. ба расми 1.1).




**Расми 1.1. Сохтори низоми гумрук**

***Сарчашма*:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Ҳамин тавр, муносибатҳои бо танзими ҷойивазкунии молҳо тавассути сарҳадҳои гумрукӣ алоқамандидошта, аз нуқтаи назари таъминоти бехатарии иқтисодӣ дар ташаккули мусоиди муносибатҳои иқтисодӣ, муносибатҳои гумрукии институтсионалӣ, муқаррарсозии ниҳодҳо ва амалиёти зарурии низоми гумрук ва инчунин иҷрои амалии муносибатҳои иқтисодии муайяншуда ифода меёбад.

Вазифаи назарияи фаъолияти гумрук таъмини таҷрибаи воситаи интихоби асоснокшудаи муносибатҳои иқтисодии оқилона ва батартибдарории ҳуқуқии роҳҳои амалкарди низоми гумрукие мебошад, ки барои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ, умуман амнияти миллии давлат мусоидат мекунад. Шарҳи назарияи муосири фаъолияти гумрук бидуни тадқиқоти байнифаннӣ ғайриимкон аст. Маҳз дар асоси истифодаи чунин муносибати методӣ метавон тавсияҳои асосноки илмиро ба даст овард. Тавре ки дар расми 1.2 нишон дода шудааст, низоми гумрук дар худ ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ,

ташкилӣ-ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва функсионалиро таҷассум мекунад. Бо мақсади амалисозии дурусти мақсадҳо ва вазифаҳои назарияи фаъолияти гумрук дар доираи таъмини алоқаҳои байниҳамдигарии назарияҳои ҷузъӣ заминаҳои консептуалӣ ва муқарарот ташаккул меёбад, ки ҷанбаҳои гуногуни соҳаро инъикос мекунанд. Пеш аз ҳама, назарияи иқтисодии фаъолияти гумрук, ҳуқуқи гумрук, такил ва ё эҷоди гумрук (ташаккули низоми гумрук) ва инчунин назарияи идоракунии низоми гумрук (ниг. ба расми 1.2) мувофиқ мешаванд.




**Расми 1.2. Сохтори назарияи фаъолияти гумрук**

***Сарчашма*:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Назарияҳои ҷузъие, ки дар расми 1.2 дар доираи назарияи фаъолияти гумрук нишон дода шудаанд, дорои вазифаҳои шарҳӣ, таҳқиқӣ, пешгӯйӣ ва идоракунӣ мебошанд. Дар чунин шароит дар заминаи ташкили назария ва сохтори гумрук бояд парадигмаи низомие қарор дошта бошад, ки барои муайянсозии қонуниятнокии рушди низоми гумрук ва интихоби амсилаи фаъолияти гумрук замина мегардад. Амсилаи фаъолияти гумрук пешгӯйии ҳаракати миқёси бузурги захираҳои иттилоотӣ ва қабули қарорҳои алтернативиро оид ба идоракунии низоми гумрук таъмин менамояд. Мақсади назарияи гумрук дар тасаввури низоми донишҳои бунёдӣ оид ба фаъолияти гумрук ифода меёбад, ки асосҳои назариявии коркарди механизмҳои рушди минбаъдаи низоми гумрук, коркард ва истифодаи амалии воситаҳои муассири ва мухталифи танзими иштирокчиёни

муносибатҳои гумрукӣ ва МИБ-ро ташкил медиҳад.

Дар заминаи ҷамбасти маълумоти болозикр дар таҷрибаи амалӣ фаъолияти гумрукро ҳамчун маҷмуи методҳо ва усулҳое баррасӣ намудан мумкин аст, ки онҳо риояи чораҳои танзими гумрукӣ-тарифӣ, мамнуиятҳо ва маҳдудиятҳоро дар доираи асноди қонунгузории муқарраршуда оид ба хадамоти гумрук ва фаъолияти савдои берунӣ (амалиёти воридоту содирот) таъмин менамоянд. Роҳбарии умумии фаъолияти гумрукро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.[12] Дар истилоҳи «фаъолияти гумрук» доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва инчунин маҷмуи муносибатҳои фаъолияти иқтисодии беруниро дарбаргиранда инъикос ёфтаанд. Бинобар ин, фаъолияти гумрук соҳаи фаъолияти касбие мебошад, ки намудҳои мураккаби фаъолият, ба монанди татбиқи амалиёти гумрукӣ, ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ, ташкили назорати гумрукӣ, фаъолияти таҳлилии ҳифзи ҳуқуқӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иттилоотиро фаро мегирад.[13]

Дар шароити муосир фаъолияти гумрук дар раванди инкишофи доимӣ қарор дошта, бо омилҳои зерин алоқаманд мебошад:

– фаъолгардонии равандҳои шомилгардии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ;

– аъзогии комилҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои бонуфузи иқтисодии байналмилалӣ (Созмони умумиҷаҳонии савдо, Созмони умумиҷаҳонии гумрук ва ғайра);

– ҳар чи бештар васеъ шудани миқёс ва хусусиятҳои амалиёти содиротию воридотӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидори ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он;

---

[12] Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №12, қ-2, мод. 704; соли 2006, №3, мод. 159; соли 2007, №7, мод.681, соли 2008, №6, мод.459; №10, мод.818; соли 2011, №3, мод. 160; №6, мод. 458$ Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с., №874; №845; аз 01.08.2012; №881)

[13] Ахмадуллина И. Разработка и организация внедрения прогнозных технологий в управление деятельностью таможенных органов [Текст] / И. Ахмадуллина // Финансы и кредит. - 2014. - № 31. - С. 58-64

– фаъол гардидани равандҳои мусоидати давлат дар таъмини рушди алоқаҳои иқтисодии берунӣ ва фаъолияти савдои хориҷӣ.

Фаъолияти гумрук, ки соҳаи фаъолияти касбӣ мебошад, дар маркази низоми танзими давлатӣ, яъне пеш аз ҳама дар низоми сиёсати гумрукии давлат қарор дорад, ки он аз муносибатҳо ва назарияи гумрук маншаъ мегирад. Сиёсати гумрукӣ дар худ маҷмуи муносибатҳои гумрукӣ, чорабиниҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, институтсионалӣ ва дигар чорабиниҳои аз тарафи давлат иҷрошавандаро таҷассум менамояд, ки ба танзими маҷмаа ва низоми муносибатҳои гумрукӣ ва амалисозии манфиатҳои иқтисодии ҷумҳурӣ дар бахши иқтисоди берунии иқтисодиёти миллӣ равона шудаанд.[14] Бо ибораи дигар, сиёсати гумрукӣ ин низоми чораҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва гумрукӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти савдои хориҷӣ, ҳифзи иқтисодиёти миллӣ ва ҳаллу фасли вазифаҳои фискалӣ мебошад.[15] Дар доираи муайянкунии мафҳуми «сиёсати гумрукӣ» мафҳуми «фаъолияти гумрук»-ро метавон ҳамчун маҷмуи воситаҳое баррасӣ кард, ки сиёсати гумрукиро амалӣ месозанд.

Шубҳае нест, ки вобаста аз ворид намудани тағйирот ба сиёсати савдои хориҷии мамлакат, инчунин чораҳои давлатӣ оид ба танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ ва мутаносибан чораҳои сиёсати гумрукӣ тағйир меёбанд. Ин тағйирот дар натиҷаи рушди алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонии ҷумҳурӣ ба амал меоянд, ки иштирокчии бевоситаи он давлат мебошад. Дар натиҷаи тағйирёбии чораҳо оид ба танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ табиист, ки таркиби воситаҳои амалисозии сиёсати гумрукӣ ва таъсири он ба фаъолияти гумрук низ дигаргун мешавад.

Низоми гумрук ниҳоде мебошад, ки қолаби онро меъёрҳо ва қоидаҳои дар асноди қонунгузории мамлакат қайдгардида ташкил мекунанд.

---

[14] Зеркин Д. Функциональный подход к анализу деятельности таможенной службы как основа для повышения ее адаптивности [Текст] / Д.Зеркин, К. Кулиева, О. Дмитриева // Вестник МГОУ. Серия: Экономика. - 2012. - № 2. - С. 63-69.

[15] Мильшина И.В. Структура и компетенция органов управления таможенным делом в Таможенном союзе [Текст] / И.В. Мильшина // Информационная безопасность регионов. - 2011. - №2. - С. 49-55.

Пуррагӣ ва бидуни ихтилоф будани ин меъёрҳо ва риояи онҳо сифати фаъолияти мақомоти гумрук ва самаранокии ниҳодро муайян менамоянд. Инчунин сифати назорати риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ аҳамияти калон дошта, онҳо барои таъмини баробарии иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии берунӣ дар назди қонун муайян гардидаанд. Фаъолияти ислоҳотии ниҳоди хадамоти гумрук ба интихоби стратегияи рафтори субъектҳои хоҷагидор дар самти фаъолияти савдои хориҷӣ ва тағйири сохтори истеҳсолот таъсир мерасонад. Тағйири фазои меъёрӣ-ҳуқуқии низоми гумрук, ки дар он иштирокчиёни муносибатҳои савдои хориҷӣ амал мекунанд, рафтори онҳоро тағйир медиҳад. Дар низоми гумрук иҷозатҳо ва мамнуиятҳое инъикос ёфтаанд, ки рафтор ё усулҳои амали субъектҳои хоҷагидорро муайян мекунанд ва бо ин роҳ як шакли рафтори онҳоро ҳавасманд гардонида, шакли дигари фаъолиятро маҳдуд месозанд. Вазифаи асосии фаъолияти мақомоти гумрук бояд аз он иборат бошад, ки онҳо дар асоси дигаргуншавии марбутаи ниҳодҳои танзимкунандаи худ ҳамчун омили муносибгардонии таҷрибаи рафторӣ баромад намоянд.

Дар солҳои истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ, ки дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ дигаргуниҳои иқтисодӣ ба амал омаданд, мақому накши хадамоти гумрук низ дар сохтори институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон куллан тағйир ёфт. Пас аз соли 2000 гузариши хадамоти гумрук ба шакл ё ниҳоди муосир ба охир расида, Дастурамали Раёсати асосии назорати гумрукии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, ки назорати риояи меъёрҳо ва қоидаҳои хадамоти гумрук фаъол гардиданд.

Бо дарназардошти инкишофи алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонии ҷумҳурӣ ақидаҳо нисбат ба сиёсати гумрукӣ бо таваҷҷуҳ ба муносибатҳои нав бозбинӣ шуданд. Ба ҳайси заминаи амалкарди хадамоти гумрук се принсипи зерини бунёдӣ муайян карда шуданд:

Якум, низоми гумруки ҷумҳурӣ дар радиф ё якҷоя бо мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ, ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам берун аз он, ба

мақомоти ҳимоякунандаи манфиатҳои иқтисодиёти миллии давлати соҳибистиқлол табдил ёфтааст.

Дуюм, принсипи мазкур ба он асос ёфтааст, ки фаъолияти низоми гумрук барои наздикшавӣ бо мамлакатҳои дигари ҷаҳон, алалхусус бо мамлакатҳои шарик, дар асоси сода ва ба ҳам монанд кардани реҷаи гумрук ва амалиёт тибқи таҷрибаи байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Сеюм, равонасозӣ ё ташкили назорати гумрукӣ дар сарҳадҳо ва дар дохили мамлакат, ки дар маконҳои мазкур ҳаҷми асосии гардиши мол ба қайд гирифта шудаанд.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ раванди такмил ва баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти хадамоти гумрук фаъол гардида истодааст. Афзалиятҳои зерини рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ амалӣ карда мешаванд:

– беҳтаргардонии ифрасохтори сарҳадҳо ва таъмини рушди инфрасохтори гумрук дар тамоми нуқтаҳои гумрукии мамлакат;

– ташкили тарзу услуб ва методҳои муносибу самараноки пардохтҳои гумрукӣ;

– такмил ёфтани омори гумрукии савдои хориҷӣ;

– такмилёбии таъминоти кадрӣ ва сатҳи касбияти хадамоти гумрук;

– фаъолияти рақамии Хадамоти гумрук дар асоси истифодаи технологияи иттилоотии муосир ва ғайра.

Ҳамаи чораҳои номбаршуда фаъолияти хадамоти гумрукро тадриҷан муносиб гардонида, мақом ва нақши онҳоро дар таъмини устувории рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, назорати асъорӣ ва умуман бехатарии иқтисодиёти миллии мамлакат баланд бардоштанд. Хадамоти гумрук дар қатори доираи васеи вазифаҳо боз як вазифаи ниҳоят муҳим – вазифаи фискалиро иҷро менамоянд. Дар ин ҳошия, самтҳои афзалиятноки фаъолияти онҳо чунин мебошанд:

– такмили ташкил ва технологияи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва назорати равандҳои воридшавии онҳо ба буҷети давлат;

– ташкили барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нацлиёт бо унификатсияи онҳо ва соддагардонии амалиёти гумрукӣ;

– баланд бардоштани нақш ва аҳамияти низоми гумрук ҳамчун ниҳоди ҳифзи ҳуқуқ.

Ҳамин тавр, фаъолияти низоми гумруки ҷумҳурӣ хосияти бисёрвазифавии фаъолиятро (фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, иқтисодӣ ва молиявӣ) дарбар мегирад.

Қабул гардидани Кодекси гумрук (дар таҳрири 3 декабри соли 2004) ҳуҷҷати асосие мебошад, ки танзими фаъолияти иқтисодии берунии ҷумҳуриро таъмин карда, инчунин он санади асосии меъёрии муқарраркунандаи меъёрҳо ва қоидаҳои амалкарди кормандони хадамоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ дар шароити низоми иқтисодии бозорӣ маҳсуб меёбад.

Воридгардии иқтисоди мамлакат ба хоҷагии ҷаҳонӣ, дохилшавӣ ва амалкарди он дар доираи Созмони умумиҷаҳонии савдо тақозо менамоянд, ки Кодекси гумрук тибқи меъёрҳои байналмилалии эътирофшудаи фаъолияти гумрук ба тартиб даровarда шавад.

Кодекси гумруки ҷумҳурӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи ташкили фаъолияти гумрукӣ тибқи меъёрҳои қонунгузориҳои гумрукӣ, ки Созмони умумиҷаҳонии гумрук ва Созмони умумиҷаҳонии савдо ба роҳбарӣ гирифтаанд ва инчунин бо назардошти санадҳои қонунгузории ҷумҳурӣ, ки рушди соҳаи иқтисодиёти миллӣ ва субъектҳои бахши соҳибкориро танзим мекунанд, омода гардида, дар заминаи ҳамоҳангосозӣ ба талаботи байналмилалӣ ба он тадриҷан тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Ҳангоми коркарди Кодекс ҳамчунин меъёрҳои аз тарафи умум қабулшудаи байналмилалӣ, ки онҳо дар Конвенсияи байналмилалӣ оид ба сода ва ҳамоҳангкунии амалиёти гумрукӣ (моҳи июни соли 1999 қабул шуда буд) инъикос ёфтаанд, ба назар гирифта шудаанд. Ҳамин тавр, Кодекси гумрук дар самти фаъол гардонидани савдои берунии ҷумҳурӣ,

иштироки хадамоти гумрук дар равандҳои ислоҳоти иқтисодии мамлакат ва ҳаллу фасл намудани масъалаҳои иҷтимоӣ, барои инкишофи гардиши моли байниҳамдигарӣ, пеш аз ҳама бо мамлакатҳои ИДМ ва мамлакатҳои шарик (ҶХХ) имкониятҳои васеъ боз кард.

Шурӯъ аз соли 2010, қабули чораҳои қатъӣ оид ба такмили асноди қонунгузорӣ дар соҳаи хадамоти гумрук ва иҷрои онҳо барои дигаргуншавии минбаъдаи меъёрҳо, қоидаҳо ва амалиёти ниҳоди хадамоти гумрук, ҷорӣ намудани технологияи иттилоотии муосир, рушди инфрасохтор ва муносибгардонии тарофаҳои гумрукӣ мусоидат карданд. Дар рафти такмили Кодекси гумрук ва сохтори мақомоти давлатии хадамоти гумрук барои ташаккули стандартҳои ҷаҳонии марбутаи низоми назорати гумрукӣ замина гузошта шуд.

Дар шароити муосир зери таъсири дигаргуниҳои дар фаъолияти иқтисодии берунӣ дар натиҷаи шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ, сатҳи масъулияти ниҳоди хадамоти гумрук дар низоми сохтори институтсионалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баландтар мегардад. Бо дарназардошти ин, дар шароити муосир институтсионализатсияи он аҳамияти муҳимро дар бар мегардад. Институтсионализатсия дар худ раванди мустаҳкамшавии меъёрҳо, қоидаҳо, мақом ва нақшро дар низоми фаъолияти хадамоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ таҷассум мекунад.

Дар адабиёти иқтисодии мамлакат тамоюли ташаккул ва рушди низоми гумруки Тоҷикистон дар асарҳои Ҳасанов К.[16], Катаев А.К. Тошматов, М.[17], Оймаҳмадов М.[18] Раҷабов Р.К., Ҳикматов С.И., Ҷабборов А.И[19] ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мо дар асоси омӯзиши

[16] Хасанов К. Таможня Республики Таджикистан: создания и становления [Текст] / К. Хасанов. - Душанбе: Ирфон, 1998. - 176 с.
[17] Катаев А.Х. Основы внешнеэкономических связей [Текст]: учебное пособие / А.Х. Катаев, Р.К. Раджабов, М. Тошматов. - Душанбе: Ирфон, 2001. -237 с.
[18] Оймахмадов М. Основы таможенного дела [Текст] / М. Оймахмадов. Учебное пособие. - Душанбе: Ирфон, 1998. - 544 с.
[19] Раджабов Р.К. Экономика таможенного дела [Текст] / Р.К. Раджабов, С.И. Хикматов, А.И. Джабборов. Учебное пособие.- Душанбе: Сумани Кудрат, 2013. -184 с.

асарҳои онҳо бо таваҷҷуҳ ба таърихи кӯтоҳи ташаккул ва рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ раванди институтсионализатсияи онро ба марҳилаҳои зерин тақсим намудем:

Марҳилаи якум – пайдо гардидани эҳтиёҷот дар ташаккули мақсадҳои умумӣ мебошад, ки бо рушди муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ дар марҳилаҳои аввали давраи гузариш алоқаманд аст. Дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ кушода мондани сарҳадҳо боиси пайдоиши зарурати танзими иқтисодиёти бахши хориҷӣ ва ташаккули мақсадҳои умумӣ дар заминаи ташкили ниҳодҳои расмӣ гардиданд, вале дар марҳилаҳои аввал меъёрҳои ғайрирасмӣ бартарӣ доштанд, ки дар натиҷаи онҳо мубодилаи ғайриэквивалентии асъор бо ҷаҳони берунӣ, хориҷгардии захираҳо, сармоя ва амволи қиматбаҳо фаъол гардиданд ва ин ҳолат хилофи манфиатҳои иқтисодиёти мамлакат ва умуман ҷомеа буданд (солҳои 1992-1997 дар назар аст).

Марҳилаи дуюм, пайдо гардидани меъёрҳо ва қоидаҳои нав дар низоми гумрук ба хотимаёбии ҷанги шаҳрвандӣ, истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, мустаҳкам гардидани шохаҳо ва мақомоти давлатдорӣ дар ҷумҳурӣ мебошад, ки сатҳи фаъолнокӣ ва масъулиятнокии омилҳои ниҳоди низоми гумрукро баланд бардоштанд (солҳои 1997-2005).

Марҳилаи сеюм, ташаккул ва рушди хадамоти гумрук, давраи такмили маҷмуи меъёрҳо ва қоидаҳо мебошад, ки дар асноди қонунгузорӣ муқаррар гардидаанд. Бояд қайд кард, ки қабули Конвенсияи Киото оид ба сода ва ҳамоҳанггардонии амалиёти гумрукӣ (соли 1999) ҳамчун воситаи умумии ба амалисозии вазифаи интегратсионии хадамоти гумрук ишоракунанда, барои иваз намудани бартариҳо дар низоми гумрук мусоидат мекунад, яъне гузариш ба механизми маҷбуркунӣ, ки хоси ниҳодҳои расмии сиёсӣ мебошад ва гузариш ба самти истифодаи вазифаҳои ниҳоди иқтисодӣ, ки ба танзими савдои берунӣ ба манфиати ташкили шароити мусоид ҷиҳати рушди фаъолияти иқтисодии берунии субъектҳои хоҷагидорӣ (пас аз соли 2005) шароит фароҳам меорад.

Дар натиҷаи ивазшавии афзалиятҳо тезонидани барасмиятдарории гумрукӣ, ва

истифодаи ҳаматарафаи технологияи иттилоотӣ шаффофияти фаъолияти хадамоти гумрук ба амал омад, ки он сатҳи ихтилофоти байни кормандони хадамоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии беруниро ба таври назаррас коҳиш дод.

Бо мақсади риояи қоидаҳо ва меъёрҳои таркибдиҳандаи ниҳоди Хадамоти гумрук номгӯйи қатъии муҷозот барои риоя накардани тартиб ва меъёрҳои муайяншуда дар доираи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид. Барои фаъолгардонии равандҳои институтсионализатсияи сохтори Хадамоти гумрук уҳдадориҳои функсионалии он дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ мушаххас карда шуданд, ки ба онҳо нуктаҳои зерин мансуб дониста мешаванд:

– ташаккули доираи муайяни субъектҳои дар низоми муносибатҳои фаъолияти гумрукӣ баромадкунанда, ки дорои хосияти устувор мебошанд;

– ташаккул ва рушди сохти ташкилии муайяни сохтори низом;

– меъёрҳо ва нишондодҳое муайян карда шудаанд, ки ба танзими рафтори иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ равона шудаанд;

– вазифаҳои муҳим ниҳоди хадамоти гумрук, ки барои ягонагӣ ва низомнокии он мусоидат мекунанд, муайян ва мушаххас гардидаанд.

Амалисозии бомуваффақияти танзими гумрукӣ дар асоси таъмини истифодаи нисбатан самараноки воситаҳои назорати гумрукӣ ва танзими мубодилаи молу воситаҳои нақлиёт, иштироки фаъолона дар иҷрои вазифаҳо ҷиҳати мусоидат ба рушди савдои хориҷӣ ва ҳавасманд гардонидани рушди иқтисодиёти миллӣ ҳадафҳои асосии ниҳоди хадамоти гумрук мебошанд. Ин ҳадафҳоро метавон ба таври зайл шарҳ дод:

– дар ҳаҷми пурра рӯёндани пардохтҳои гумрукӣ бо мақсади пур кардани буҷети давлат;

– ташкили назорати давлатии риояи мамнуъиятҳо ва маҳдудиятҳои аз тарафи иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ дар рафти ҷойивазкунии молу воситаҳои нақлиёти тавассути сарҳади гумрукӣ;

## Ҷадвали 1.1. Вазифаҳои асосии низоми гумрук

| Расмӣ | Ғайрирасмӣ |
|---|---|
| Барасмиятдарории гумрукӣ, назорат ва инчунин ташаккули шароит барои тезонидани интиқоли молҳо. | Омӯзонидани таҷриба, дониш ва малака ба насли ҷавон. |
| Муайянкунӣ ва ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ, назорати дурустии ҳисоббаробаркуниҳо, саривақтӣ будани пардохтҳо ва қабули чораҳои маҷбурӣ. | Баланд бардоштани ихтисоси ҳайати кадрӣ, омода кардан ва аз нав омода кардани мутахассисон. |
| Назорати риояи реҷаи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ. | Интегратсионӣ – таъмини шароит ё иштирок дар интегратсияи мамлакат бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси мустаҳкам кардани ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи гумрук. |
| Таъмин ва назорати раванди риояи роҳҳо ва методҳои танзими давлатии ФИХ ва шартномаҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, ки тибқи асноди қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд. | Иштирок дар баланд бардоштани шуғлнокӣ тавассути пешниҳоди вазифаҳои холӣ ба ҷойи шахсони вазифадори мақомоти гумрук. |
| Пурзӯр намудани мубориза бар зидди қочоқ ва дигар ҷиноятҳое, ки бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, силоҳ, амволи қиматбаҳои фарҳангӣ, маводи радиоактивӣ, намудҳои ҳайвоноту растаниҳои нодир ва ғайра алоқаманд мебошанд. | Таъминкунандаи иҷтимоӣ, ки аз амалисозии вазифаи ғанигардонии буҷети давлат сарчашма мегирад. |
| Амалисозии назорати асъорӣ дар доираи салоҳияти муайянгардида. Таъмини амалисозии шартномаҳои байналмилалӣ ва уҳдадориҳои мамлакат, ки ба хизмати гумрукӣ, ташкили ҳамкорӣ бо мақомоти гумруки давлатҳои хориҷӣ дахл доранд. | Мутобиқшавӣ, ки барои мувофиқ гардонидани фаъолияти хадамоти гумрук ба шароити тағйирёбандаи берунӣ дар равандҳои якҷояшавии иқтисодиёти мамлакат бо хоҷагии ҷаҳонӣ ва умуман ҷомеа мусоидат мекунад. |
| Ташкили раванди иттилоотонӣ ва машваратдиҳӣ дар соҳаи гумрук, пешниҳоди иттилоот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва иштирокчиёни ФИХ. Таъмини амнияти иқтисодӣ ва миллии мамлакат. | Таъмини шароити маишӣ, фарҳангиву фароғатии кормандон ва ғайра |

***Сарчашма:*** Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №12, к-2, мод. 704; соли 2006, №3, мод. 159; соли 2007, №7, мод.681, соли 2008, №6, мод.459; №10, мод.818; соли 2011, №3, мод. 160; №6, мод. 458$ Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с., №874; №845; аз 01.08.2012с., №881)

– назорати раванди фаъолияти иқтисодии берунӣ, ки бо истифодаи воситаҳои танзими тарофавӣ ва ғайритарофавӣ алоқаманд мебошанд;

– мониторинг ва муайянкунии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо дар фаъолияти гумрук.

Соҳаи фаъолияти низоми гумрук хеле васеъ мебошад (барасмиятдарории гумрукӣ, назорат, ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва ғайраро дар бар мегирад). Вазифаи ниҳоди Хадамоти гумрукро дар доираи назарияи таҳлили функсионалии Р. Мертон[20], метавон ба ду навъ ҷудо кард: ошкоро ва ниҳонӣ. Ба вазифаҳои ошкоро вазифаҳои иҷрошавандае дохил мешаванд, ки барои онҳо низоми давлатии мақомоти гумрук ташкил карда шудааст. Онҳо ба вазифаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ тақсим мешаванд, ки дар ҷадвали 1.1 оварда шудааст.

Ба ғайр аз вазифаҳои дар ҷадвали 1.1 овардашуда боз ҳамчунин вазифаҳои дигар низ вуҷуд дорад, аз ҷумла: дарёфти мақоми иҷтимоии муайяни шахси вазифадори давлатии соҳаи гумрук; алоқаҳои дӯстона ва кории ба амаломада; баланд бардоштани сатҳи касбияти ҳайати кормандони Хадамоти гумрук ба сегментҳои дигари бозори меҳнат, азбаски таҷрибаи онҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодии берунӣ ҳангоми аз рӯйи мансаб боло рафтан дар ҳолати гузариш ба бахши соҳибкорӣ дар сатҳи баланд қадрдонӣ ва эътироф карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар ин зербоб дар заминаи омӯзиши ақидаҳои илман асоснокнамудаи олимон ва коршиносон, ҳамчунин дар асоси таҳқиқи муҳтаво ва вазифаҳои низом гумрук таърифи муаллифии низоми гумрук муқаррар карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки равандҳои марбут ба дигаргуниҳои дар ҷумҳурӣ баамалоянда рафтори субъектҳои хоҷагидор, хоҷагиҳои хонагӣ ва инчунин хосияти хадамоти гумрукро бо муҳити иҷтимоӣ тағйир медиҳанд.

---

[20] Роберт Мертон. Социальная теория и социальная структура [Текст] / Роберт Мертон // Пер. с англ. Е.Н. Егоровой, З.В. Кагановой, В.Т. Николаева, Е.Р. Черемиссиновой; под науч. ред. докт. филос. наук З.В. Кагановой. - МОСКВА: АСТ Хранитель, 2006. - 873 с. - С.56

## 1.2. Нақши идоракунии низоми гумрук дар амалигардонии вазифаҳои стратегии иқтисодиёти мамлакат

Идоракунии фаъолияти гумрук яке аз соҳаҳои идоракунии давлатӣ дар самти иҷтимоию иқтисодӣ буда, ҳамзамон шароити зарурии таъмини амалигардии маҷмуии самараноки фаъолияти гумрук маҳсуб меёбад. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрук, ҳамчун падидаи иҷтимоии бутун (яклухт), зерсистемаи нисбатан густурдаи низоми мураккаб ва бисёрҷанбаи идоракунии давлатии ҷамиятиро инъикос мекунад. Идоракунии низоми гумрук раванди мунтазами иттилоотии таъсиррасонӣ ба кормандони мақомоти гумрукро дарбар мегирад, ки рафтори мақсадноки онҳоро дар ҳолати тағйирёбии шароити дохилию берунӣ бо роҳи қабул ва амалисозии қарорҳои идорӣ таъмин мекунад.

Мутобиқи таълимоти мактаби классикии идоракунӣ фаъолияти гумрук ҳамчун воситаи маъмурсозии давлатӣ доир ба таъмини риояи меъёрҳои батанзимдарории гумрукию тарофавӣ, мамнуъият ва маҳдудиятҳо, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими давлатии фаъолияти иқтисоди беруна муқаррар гардидаанд, баромад мекунад. Ҳамин тариқ, фаъолияти гумрук ҳамчун соҳаи муайяни фаъолияти идоракнуии давлатӣ баромад намуда, дар чунин маврид хадамоти гумрук сохтории ташкилие мебошад, ки он барои амалисозии чунин намуди фаъолият таъсис дода шудааст. Пас, ба назари мо, идоракунии давлатии фаъолияти гумрукро ҳамчун фаъолияти мунтазам, нақшавӣ ва мақсадноки сохторҳои хадамоти гумрук баррасӣ намудан зарур аст, ки он дар равандҳои иҷроию-танзимӣ бавуҷуд омада, аз рӯйи мазмуни таъсиррасонӣ ба объектҳои идорашаванда ташкил мегардад ва ҳадафҳои худро дар самти таъмини манфиатҳои иқтисодӣ ва инчунин таъмини амнияти иқтисодию миллӣ пайгирӣ менамояд.

Фаъолияти идоракунӣ дар низоми гумрук ва қонунияти рушди он (муносибат ва равобити ҳамгирои усулҳо, шакл ва давраҳои фаъолияти идоракунӣ) ба принсипҳои воқеият, объективӣ ва оммавӣ асос ёфтааст.

Ҳамин тавр, низоми гумрук механизми ба худ хоси танзими давлатии бахши иқтисоди берунии иқтисодиёт мебошад. Он пайваста бо роҳи танзими иқтисоди беруна ба сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, бозсозии сохтории иқтисодиёт ва амалисозии стратегияи иқтисодӣ мусоидат менамояд. Сатҳ ва сифати рушди низоми гумрук аз хусусиятҳо ва дараҷаи ҷалби ҷумҳурӣ ба робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Ҳолат ва сифати ҷалби ҷумҳурӣ ба робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ва равандҳои интегратсионии ҷаҳонии ҷумҳурӣ аз ҳолати иқтидори иҷтимоию иқтисодии дохилии мамлакат ва истифодаи самараноки он вобаста аст, зеро хусусияти хоси ҳар як мамлакат дар истеҳсоли молҳои мушаххас ба тақвият ёфтани равандҳои интегратсионӣ дар минтақаҳо боис мегардад.[21]

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди мамлакатҳои дигари рушдкунанда бо сатҳи нисбатан миёнаи даромадҳо ва сифати рушди иқтисодӣ тавсиф мегардад ва он дар муқоиса бо мамлакатҳои дигари рушдкарда ва мамлакатҳои дорои саноати нав аз рӯйи як қатор аломатҳои иқтисодӣ ва ғайриқтисодӣ фарқ мекунад. Ба аломатҳои иқтисодӣ метавон бартарии соҳаи истеҳсолоти аграрӣ ва саноати коркард, заминаи нисбатан пасти заминаҳои техникиву технологии истеҳсолот, сатҳи пасти касбияти захираҳои меҳнатӣ, бекории аграрии пинҳонӣ, бисёрҷанбагии иқтисодиёт, нокифоя будани сармоя ва сармоягузорӣ, сатҳи пасти даромад, пасандози аҳолӣ ва рушди бозори сармоя, инфрасохтори бозорӣ ва ғайраро дохил кард.

Фаъолияти нокифояи бозорҳои дохилӣ дар сатҳи иштироки ҷумҳурӣ дар равандҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ба таври муҳим инъикос ёфта, миқдори нокифояи даромадҳои содиротӣ асосан аз ҳисоби содироти ашёи хом ва маҳсулоти кишоварзӣ, ки арзиши иловашудаи ночиз (даромади кам) доранд таъмин карда мешавад. Дар натиҷа сатҳи заифӣ ва вобастагӣ аз

[21] Усманова, Т.Д. Эффективность интеграционных программ как фактор стимулирования интеграционных процессов в странах Центральной Азии / Т.Д. Усманова, М. И. Садриддинов // Таджикистан и современный мир. – 2022. – № 1(77). – С. 118-129. – EDN ZWDROQ

вазъи бозори ҷаҳонӣ ва нархҳои ҷаҳонӣ афзун мегардад, ки ба иқтисодиёт хосияти ноустуворӣ медиҳад. Инчунин имкониятҳои нокифояи сармоягузориҳои дохилӣ ва вобастагии онҳо аз воридшавии дороиҳо ва сармоягузориҳои хориҷӣ мушоҳида мегардад.

Бо дарназардошти ин Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба коҳиш додани сатҳи вобастагии иқтисодиёти мамлакат аз бозори берунӣ чораҳои қатъӣ меандешад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, пеш аз ҳама дигаргуншавии сиёсати дохилӣ дар самти таъмини коҳиш додани сатҳи «вобастагии иқтисодиёти мамлакат аз таҳдидҳои берунии имконпазир, ҷустуҷӯ ва коркарди механизмҳои самаранок ва сарчашмаҳои дохилии рушди устувори иқтисодӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, маҳсулнокии шуғлнокӣ, дастрасии муносиб ба захираҳои энергетикӣ ва муҳити мусоиди соҳибкорӣ»[22] пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин оид ба таъсиси замина барои гузариш ба шакли индустриалӣ-аграрии иқтисодиёт ва таъмини рушди бозори дохилӣ чораҳо андешида мешаванд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба таври равшан ишора шудааст, ки ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати ҷумҳурӣ иборат аз баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат дар заминаи таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад. «Барои дарёфти он ҳадафҳои стратегии рушд дар 15 соли наздик муайян карда шудааст:

– таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ;

– раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба мамлакати транзитӣ;

– таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои сифатнок;

– тавсеаи ҳосилнокии шуғлнокӣ».[23]

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[22] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, №392. - С. 7.
[23] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, №392. - С. 13.

мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2018) саноатикунонии босуръати мамлакат ҳадафи чаҳоруми стратегии давлат эълон шуда буд. Барои амалӣ гардонидани вазифаҳои стратегӣ тавсеа ва рушди шаклҳо ва механизмҳои ҷалби ҷумҳурӣ ба робитаҳои ҳоҷагии ҷаҳонӣ ва равандҳои ҷаҳонии якҷояшавӣ аҳамияти ниҳоят калон дорад. Бинобар ин, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо дарназардошти тағйироти солҳои охир, ки дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама дар давлатҳои иштирокчии ИДМ ба амал омадаанд, ба хусус таъсири буҳрони ҷаҳонии солҳои охир ба иқтисодиёти миллӣ тартиб дода шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба маълумоти болозикр, аҳамияти ташкили самараноки бахши иқтисоди берунии иқтисодиёт ва танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ, ки дар он воситаҳои низоми гумруки ҷумҳурӣ нақши марказӣ доранд, торафт баланд мегардад.

Бо мақсади амалисозии марҳилавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 якчанд барномаҳои миёнамуҳлати давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат қабул шудаанд, аз ҷумла «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020» ва «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020».

То ба имрӯз дар доираи амалигардонии «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» оид ба рушди фаъолияти савдои хориҷӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ бо роҳи зиёд намудани ҳиссаи арзиши иловашуда, коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо дар ҳаҷми умумии воридот корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Барои дарёфти вазифаҳои номбаршуда дар доираи Барномаи болозикр амалигардонии вазифаҳои зерини стратегӣ дар назар гирифта шудаанд, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда шудаанд:

– ба таври назаррас коҳиш додани вобастагӣ аз маводи ғизоии асосӣ;

– таъмини афзоиши истеҳсолоти воридотивазкунанда ва содиротӣ аз ҳисоби чораҳои мусоидаткунанда ба содироткунандаҳои тавоно ва сармоягузорон, рушди иттиҳодияҳо, занҷири арзиши иловашуда ва кластеризатсия;

– ташкили марказҳои муосири логистикӣ ва тавсеаи коридорҳои коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодии байналмилалӣ;

– тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ ташкил кардани хизматрасониҳои нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ, роҳҳои ҳавоӣ ва намудҳои дигари он».[24]

Алоқаҳои тиҷоратӣ-иқтисодии инкишофёбандаи ҷумҳурӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон ва шомилшавии ҷумҳурӣ ба марҳилаи нави рушд манфиатҳои иқтисодии ҷумҳуриро, алалхусус дар самти тезонидани саноатикунонии мамлакат, нисбатан гуногун мегардонанд. Амалисозии онҳоро метавон дар асоси тавсеа ва рушди ҳамкорӣ бо мамлакатҳои гуногун ё гурӯҳи мамлакатҳо таъмин намуд. Робитаҳои иқтисодии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал бо давлатҳои ИДМ ва мамлакатҳои шарик ҳамчун ҳалқаи муҳим дар механизми муносибатҳои хориҷии он дар миқёси ҷаҳон инъикос мегардад.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созишномаҳои бисёрҷанба оид ба ташкили савдои озод дар доираи давлатҳо-аъзоёни ИДМ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) дохил шуда, муносибатҳои иқтисодии берунӣ ва савдои хориҷии худро бо мамлакатҳои ҳамсоя – Осиёи Миёна васеътар намудааст. Созишномаҳои дутарафа бо аксар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил инкишоф ёфтааст. Дар натиҷаи рушди муносибатҳои савдои хориҷӣ дар доираи иттиҳодияҳои интегратсионии минтақавӣ ва созишномаҳои дутарафа оид ба минтақаи озоди савдо, ҳиссаи молҳои бидуни пардохти бочҳои гумрукӣ воридшаванда дар айни замон қариб

---

[24] Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 503. - Душанбе, 2016. - С. 3.

80%-и воридотро ташкил мекунанд, ки сатҳи мусоиди зиндагии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаро бо роҳи дарёфти сатҳи дастраси нархҳо ба молҳои воридотӣ таъмин менамоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи марти соли 2013 ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) дохил шуда, аъзои комилҳуқуқи ин ташкилоти байналмилалии бонуфуз гардид. Бо дарназардошти ин ҷумҳурӣ оид ба либеризатсияи минбаъдаи реҷаи савдо ва тезонидани равандҳои якҷояшавӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба худ уҳдадориҳои зиёдеро гирифта буд. Ғайр аз ин, бинобар шомил шудан ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) соли 2015 Барномаи мутобиққунии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид, ки ҳоло раванди амалисозии он давом дорад. Дар Барномаи мазкур пешбинӣ шудаанд:

– дастгирии молиявӣ ва ғайримолиявии молистеҳсолкунандагони ҷумҳурӣ;

– дастгирӣ дар самти баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда;

– дастгирии воридшавии молҳои ватанӣ ба бозори берунӣ;

– ташкили муҳити ҷаззоби сармоягузорӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ;

– иштирок дар низоми танзими баҳсҳо оид ба мубодилаи савдо дар миқёси байналмилалӣ ва ғайра.

Тавсеаи минбаъдаи ҳамкории савдоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ бо мамлакатҳои болозикр аз рӯйи сатҳи мустаҳкамкунии иқтидорҳои содиротӣ ва бахши иқтисодиёт дар асоси диверсификатсияи сохтори он, пеш аз ҳама дар самти зиёд намудани ҳиссаи содироти маҳсулоти ниҳоӣ муайян карда мешавад. Тавре таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, маҳз ба содирот диққат додани мамлакат ҳамчун самти воқеии фаъолгардии иштироки он дар тақсимоти байналмилалии меҳнат баромад мекунад.

Ба содирот диққат додан барои зуҳури нишондиҳандаҳои нисбатан афзалиятнок (бо роҳи ташкил ва дастгирии он соҳаи бахши воқеии

иқтисодиёт, ки қобилияти истеҳсоли сатҳи баланди арзиши иловашударо дорад) мусоидат мекунад. Дар натиҷа истифодаи нисбатан самараноки захираҳои иқтисодии мамлакат ба амал меояд. Бинобар ин, дастгирии давлатии содирот дар доираи «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» амалисозии «чораҳои бидуни андоз ва боҷ ворид намудани технологияи нав ва таҷҳизот, ҳавасмандгардонии содиротро дар доираи СУС, такмили танзими гумрукӣ ва асъорӣ, чораҳои зиддидемпингӣ ва муҳофизатӣ, ҳавасмандиҳои андозӣ ва механизмҳои молиявӣ-қарзӣ, инчунин дастрасӣ ба маблағҳои содиркунандаҳо ва истеҳсолоти воридивазкунанда ва чораҳои махсуси соҳавиро» пешбинӣ намуда буд».[25]

Дар ҷумҳурӣ Созишнома оид ба содакунии амалиёти савдои СУС тасдиқ карда шуда, он аз охири соли 2015 ҳукми қонунӣ пайдо кардааст ва дар натиҷа Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷанба яке аз аввалин мамлакатҳо (пас аз ҶХХ, Сингапур, Мавритания ва ИМА) мебошад. Бояд қайд кард, ки дар натиҷа миқдори хароҷоти умумии савдо аз ҳисоби кам кардани шумораи асноди марбут ба амалиёти содиротӣ-воридотӣ ва коҳиш додани вақти иҷозаи убури сарҳад кам гардид.

Пас аз дохилшавии ҷумҳурӣ ба СУС тарофаҳо дар ҳисоби миёна амалан тағйир наёфтанд. Тибқи баҳогузории Бонки умумиҷаҳонӣ бо шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС, соли 2018 ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ ба 2,4%-и ММД-и ватанӣ (дар муқоиса бо 1,2%-и ММД соли 2013) зиёд гардид.[26] Сармоягузориҳои мазкур асосан ба соҳаҳои энергетика, инфрасохторҳо, саноати кӯҳӣ ва телекоммуникатсия равона шуда, зимнан ба ин соҳаҳо технологияҳои нави баландбардорандаи ҳосилнокии меҳнат ва афзункунандаи ҳаҷми содирот

---

[25] Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 503. - Душанбе, 2016. - С. 4.

[26] Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 503. - Душанбе, 2016. - С.6.

ҷалб шуданд.

Яке аз вазифаҳои стратегии ҷумҳурӣ низоми тадбирҳое мебошанд, ки барои дарёфти бахш ё соҳаи мушаххаси иқтисодиёти мамлакат, афзалиятҳои муайян дар бозори ҷаҳон ва ҳимояи бозори дохилӣ аз рақобати молҳои воридотӣ равона шудаанд. Амалисозии ин вазифаҳо ва ҳадафҳои стратегӣ аз марҳилаҳои ташаккули стратегияи давлат дар соҳаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ вобаста мебошад, ки онҳо аз муҳтавои сиёсати иқтисодии берунии давлат сарчашма мегиранд.

Муҳтавои сиёсати иқтисодии берунӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ, ки бо туфайли низоми гумрук рӯйи кор меояд, бояд дар ҳошияи ду ҳолати муҳими байни ҳамдигар алоқаманд, яъне ҳуҷумкунанда ва муҳофизаткунанда мавриди баррасӣ қарор гирад.

Иҷрои вазифаи якум бидуни ба таври возеҳ сохтани муҳофизаткунанда номумкин аст, чунки ин вазифаҳо ё равандҳо байни ҳам хеле амиқ пайваст мебошанд. Дар ҷумҳурӣ вазифаи ҳуҷумкунандаро метавон дар соҳаи истеҳсол ва содироти гидроэнергия истифода кард ва бо ин роҳ (дар натиҷаи иштирок дар МИБ) бартариятҳои муқоисавӣ ва мутлақ ба даст овард. Ба ибораи дигар, дар ин раванд иқтидори иқтисодии мамлакат дар бозори минтақавӣ амалӣ карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки масъалаи ҳифзи соҳибистиқлолӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ аз байни доираи бузурги масъалаҳо нисбатан муҳим мебошанд. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама дар бораи соҳибистиқлолии иқтисодие сухан меравад, ки озодии давлатро дар самти интихоби роҳҳои нигоҳдорӣ ва ҳифзи иқтисодиёти худ аз дахолати берунӣ ва интихоби амсилаи миллии иқтисодиёт, аз ҷумла амсилаи иштирок дар тақсимоти байналмилалии давлат, ифода менамояд.

Давлат бо мақсади ташкили сохтори оқилонаи хоҷагидорӣ мутобиқи манфиатҳо ва ҳадафҳои миллӣ стратегияи иқтисодии беруниро таҳия намуда, вазифаи муҳофизаткунандаи онро амалӣ менамояд. Сабабҳои асосие, ки боиси қабули чораҳо оид ба амалисозии вазифаҳои

муҳофизаткунандаи низоми гумрук мегарданд, инҳо мебошанд:

– зарурати таъмини ҳифзи бозори дохилӣ аз рақобати хориҷӣ, ки ташкили низоми танзими воридот, пеш аз ҳама тавассути воситаҳои низоми гумрукро тақозо менамояд;

– зарурати ҳифзи соҳаҳои мушаххас, пеш аз ҳама соҳаҳои бартаридошта ва субъектҳои онҳо дар давраи ташаккули истеҳсолоти нав ва гузаронидани бозсозии сохтории иқтисодиёт. Албатта, чунин протексионизм хосияти муваққатӣ ё интихобӣ дорад ва дар асоси созиши байни истеҳсолкунандаҳои манфиатдор ва воридкунандаҳо, инчунин тибқи сатҳи таъсири онҳо ба сохтори иқтисодиёти муайянкунандаи сиёсати иқтисодии берунӣ ва стратегияи мамлакат қабул карда мешавад;

– зарурати ҳифзи фаъолияти соҳаҳои стратегӣ ва субъектҳои онҳо, ки барои устуворнокӣ ва муттасилии раванди такрористеҳсол (соҳаи инфрасохтор: энергетика, нақлиёт, алоқа ва ғайра) мусоидат мекунанд;

– зарурати мавҷуд будани захираи коҳиш додани савдоӣ-сиёсӣ бар ивази камкуниҳои монанди мамлакатҳои шарик, ки барои рушди бахши содиротии иқтисодиёти ватанӣ ниҳоят муҳим мебошанд. Ин дар шароити фаъолияти ҷумҳурӣ дар СУС ва иштироки он дар давраҳои рӯзмарраи гуфтугӯҳо, ки пеш аз ҳама ба либеризатсияи шароити савдо дахл дорад, хеле зарур аст. Бо дарназардошти ин дар реҷаи воридоти бисёр мамлакатҳои ҷаҳон протексионизми муътадил мушоҳида мегардад;

– сиёсати истифодашавандаи протексионизм дар шароити муосир асосан ҳамчун воситаи амалисозии пешравиҳо дар иқтисодиёт ва иҷрои сиёсати сохторӣ баромад мекунад, бинобар ин дар пуркунии буҷети давлат нақши муҳим надорад;

– зарурати амалисозии вазифаҳои муҳофизатӣ инчунин аз ҳаллу фасли масъалаҳои экстернализатсия, яъне вогузор намудани хароҷот ба субъектҳои хоҷагии миллӣ бармеояд. Чунин зуҳурот ҳангоме пайдо мешаванд, ки аксар вақт интиқоли истеҳсолот ва маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ номувофиқ дар қаламрави мамлакати дигар, махсусан дар ҳудуди

мамлакатҳои дурдасти хоҷагии ҷаҳонӣ, ба амал меоянд.

Ҳамин тавр, дар асоси ташкили муносибатҳои самараноки иқтисодии берунӣ, ки дар маркази он муносибатҳои самараноки гумрук қарор доранд, метавон як қатор вазифаҳои хосияти стратегидоштаро ҳал намуд. Ба ақидаи муҳақиқи ватанӣ «Маҷмуи тадбирҳои ҷиҳати танзими субъектҳои мушахасси фаъолияти муносибатҳои иқтисоди беруна дар мавриди ҳаракати мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ ҳадафи асосии танзими гумрукӣ маҳсуб мешавад»[27]. Истифодаи воситаҳои низоми гумрук ва воситаҳои дигари амалисозии сиёсати иқтисодии берунӣ бояд ба таҳлили механизми амалисозии онҳо ва инчунин муайянкунии оқибати амалҳо, ҳам дар фазои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳам дар фазои иқтисодиёти миллӣ, асос ёбанд. Дар ин ҳолат ҷанбаҳои зеринро бояд мавриди назар қарор дод:

Якум - ҳамаи воситаҳои амалисозии стратегияи иқтисодии берунӣ механизмҳои махсус ва мақсадноки амали худро доранд.

Дуюм - амалисозии воситаи мушаххаси сиёсати иқтисодии берунӣ дар радифи натиҷаҳои мусбат талафоти муайянро низ соҳиб мебошанд.

Сеюм, натиҷаҳои иқтисодии дар заминаи истифодаи воситаҳои сиёсати иқтисодии берунӣ пайдошавандаро метавон аз рӯйи ду андозагирӣ баррасӣ намуд:

а) тағйирёбии мустақим дар бозори он молҳое мегузаранд, ки дар онҳо танзими давлатӣ паҳн гардидааст;

б) тағйирёбии ғайримустақим, яъне тағйирёбии бозори молҳои як бозор аз таъсири тағйири бозори молҳои дигар.

Азбаски ҳар як бозори алоҳидаи молҳо ҳамчун унсури низоми иқтисодӣ баромад мекунад, тағйироти бозори молҳои дигарро аз сар мегузаронад, яъне ҳар як бозор ба тағйироти бозори дигар таваҷҷуҳ зоҳир

---

[27] Буриев Л.Дж. Совершенствование системы проведения таможенных процедур в условиях развития рыночной экономики, (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дисс. канд. экон. наук.: 08.00.05 / Буриев Лоикшох Джугиевич. - Душанбе, 2016. - С.20.

менамояд. Бинобар ин, ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ нисбат ба истифодаи ин ё он воситаи сиёсати иқтисодии берунӣ мақомоти давлатӣ, бахусус низоми гумрук бояд натиҷаи синергетикии ҳамкории системавии бозорҳои гуногун ва аксуламали эҳтимолии («амал-аксуламал») онҳоро ба назар гирифта, баҳогузорӣ намоянд.

Дар низоми амалисозии вазифаҳои стратегии давлат ва сиёсати иқтисодии берунӣ восита ё механизми нисбатан қобили фаъолият ин низоми гумрук мебошад. Низоми гумрук ва зимнан сиёсати гумрукӣ таърихан шаклҳои аввалине буданд, ки бо ёрии онҳо давлат савдои хориҷиро танзим мекард. Низоми гумрук на танҳо ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлат, балки ҳамчун қисми низоми иқтисодӣ баромад менамояд. Муносибати иқтисодӣ нисбат ба баҳогузории сиёсати гумрукӣ бо иҷрои сиёсати иқтисодии дохилӣ ва берунии давлат алоқаманд мебошад. Ин бо интихоби амсилаи муносиби низоми муносибати байниҳамдигарӣ бо субъектҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар самти мувофиқати ҳамоҳанги протексионизм ва савдои озод муайян карда мешавад. Вобаста аз интихоби самти мушаххас воситаҳои гуногуни танзимкунандаи гумрукӣ-тарофавӣ истифода мешаванд.

Аз нуқтаи назари муносибати ташкилӣ-институтсионалӣ ба ҳайси объекти муносибатҳои гумрукӣ ҳудудҳо ва сарҳадҳои гуногуни гумрукии давлатҳо, ки зери таъсири ниҳодҳо ва субъектҳои сиёсати гумрукӣ қарор доранд баромад мекунанд. Тавассути воситаҳои танзимкунии гумрукӣ-тарофавӣ мақсадҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама кулли мақсадҳои стратегии давлат, амалӣ карда мешаванд. Бинобар ин, мақсади сиёсати гумрукӣ ба намудҳои стратегӣ (дарозмуҳлат) ва тактикӣ (кӯтоҳмуҳлат) гурӯҳбандӣ карда мешавад, ки аз вазифаҳои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷории ҷомеа ва мамлакат сарчашма мегиранд. Мақсадҳои стратегӣ, ки дарозмуҳлат буда, ба таъмини устувории рушди иқтисодиёти миллӣ равона шудаанд, ислоҳи сиёсати гумрукӣ-тарофавиро оид ба натиҷаҳои фосилавии дарёфтшуда ҳамроҳӣ мекунанд. Бо ёрии воситаҳои низоми гумрук давлат

маҷмуи молҳо ва сохтори географии амалиёти содиротӣ-воридотиро бо назардошти мақсадҳои дарозмуҳлати рушди мамлакат ислоҳ менамояд.

Барои иҷрои мақсадҳои стратегии давлат таъмини ягонагии сиёсати гумрукӣ ва иқтисодии берунии давлат аҳамияти муҳим доранд. Ин дар истифодаи чораҳои умумии муҳофизатӣ дар фаъолияти савдои хориҷӣ, инчунин дар коркарди якҷояи таъминоти методологии иштироки муштарак дар фаъолияти ташкилотҳои савдо ва иқтисодии байналмилалӣ зоҳир мегардад. Ғайр аз ин, таъмини ягонагии низоми идоракунии мақомоти гумрук, ки дар қабули қарор оид ба масъалаҳои калидии фаъолияти гумрук ифода меёбад, зарур аст. Зарурати мувофиқати яккасардорӣ ва коллективӣ будани идоракунӣ дар низоми гумрук барои қабули асноди илман асоснокшудаи стратегӣ, муттаҳидсозии кӯшишҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётан муҳими фаъолияти гумрук нигаронида шудааст.

Дар шароити муосир дар ҷанбаи идоракунии иқтисодии низоми гумрук гузариш аз шакли «гумрук барои давлат» ба шакли муосири он «гумрук барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ» муҳим мебошад, зеро дар натиҷа он тағйири тамоюли сиёсати гумрукӣ, яъне ба самти ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ ва бахши соҳибкорӣ майл кардани он ба амал меояд. Дар ин ҳолат амалисозии вазифаҳои стратегии давлат дар асоси ташаббусҳои инноватсионӣ- саноатии субъектҳои иқтисодиёт, махсусан муассисаҳои бахши воқеии иқтисодиёт «аз поён» гузаронида мешаванд.

Дар айни замон, дар иқтисодиёти ҷаҳон равандҳои глобализатсионӣ ва якҷояшавӣ дар соҳаи мубодилаи байналмилалӣ бо суръати баланд ишкишоф ёфта истодаанд, ки боиси гузаронидани навсозӣ ва таҷдиди низоми гумрук мутобиқ ба рушди муносибатҳои нав нисбат ба методология ва таҷрибаи идоракунӣ ва инчунин таъминоти иттилоотии он мегарданд. Хосияти марҳилаи муосири глобализатсия ва якҷояшавии ҷаҳониро омилҳои зерин муайян кардаанд:

– рушди иқтисодиёти рақамӣ ва технология, ки ба коҳиш ёфтани сатҳи нархи нақлиёт, телекоммуникатсия ва компютеркунонӣ мусодат карда, раванди якҷояшавии бозорҳои миллиро дар миқёси ҷаҳонӣ тезониданд;

– глобализатсияи молиявӣ, ки воридшавии босуръати сармояро аз як мамлакат ба малакати дигар тезонид, мутаносибан миқдори амалиёти гумрукӣ-бонкӣ ва содиротӣ-воридотиро дар як шабонарӯз зиёд намуд ва инчунин рушди муттасили ҷойивазкунии сармоягузории мустақими хориҷӣ мушоҳида мешавад;

– дигаргуниҳои сиёсати иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳон, коҳиш ёфтани сатҳи танзими давлатӣ, тавсеаи дараҷаи ошкории иқтисодӣ ва сатҳи монеаҳо барои ҷойивазкунии озоди захираҳои истеҳсолӣ;

– ташкили иттифоқҳои гумрукӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва гумрукӣ, содакунӣ ва ба тартиб даровардани фазои гумрукӣ ва сарҳадҳо боиси афзуншавии савдои байналмилалӣ мегарданд;

– тағйироти ба амаломада дар фаъолияти ташкилотҳои фаромиллӣ ва баланд бардоштани сатҳи тафриқаи онҳо, инчунин имкониятҳои якҷояшавӣ ва мутобиқати истеҳсолот дар ҳудудҳои гуногуни ҷаҳон;

– фаъол гардонидани фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ, ки барои таъмини ҷойивазкунии озоди омилҳои истеҳсолот (СУС, Созишномаи генералӣ оид ба тарофаҳо ва савдо, СУГ, Конференсияи СММ оид ба савдо ва рушд, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд) нигаронида шудаанд, инчунин дастгирии умумиҷаҳонии мамлакатҳое, ки дар самти ташкили иқтисодиёти шаффоф (Фонди байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд) ислоҳот мегузаронанд.

Ин тамоюлот ё равандҳо механизмҳои нави коркард, амалисозии вазифаҳои стратегӣ ва мутаносибан такмили воситаҳои низоми гумруки миллиро тақозо менамоянд. Бинобар ин, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шуда буд, ки «бо дарназардошти равандҳои муосир, мо бояд корҳоро оид

ба амалисозии иқтисодиёти рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ пурзӯр намоем. Барои иҷрои босифати вазифаҳои муҳим стратегӣ Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии дигаргуниҳоро дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳолати бозорҳои молиявӣ, ихтилофоти савдо ва муҷозот таҳлил карда, барои бартараф сохтани таъсири манфии чунин омилҳо ба иқтисодиёти миллии мо тадбирҳои зарурӣ андешад».[28]

Олими тоҷик Гадоев Ф.И.[29] дуруст таъкид менамояд, ки «тарофаи гумрукӣ инструмент (восита)-и асосии сиёсати тиҷоратӣ ва танзими давлатии МИБ, бозори дохилии молҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо алоқамандии он бо бозори ҷаҳонӣ мебошад». Вобаста ба ин ӯ чанд тадбирҳоро ҷиҳати амалигардии вазифаҳои иқтисодии тарофаи гумрукӣ пешниҳод намудааст. Пешниҳодоти муаллифро дастгирӣ намуда, қайд менамоем, ки навсозии воситаҳои назоратӣ ва иқтисодии танзими гумрукии бахши иқтисодиёти берунӣ, пеш аз ҳама воситаҳои гумрукӣ-тарофавӣ, ҳамчун воситаҳои калидӣ дар шартҳои асосии таъмин ва фаъолгардонии иқтидори илмӣ-истеҳсолии ҷумҳурӣ, аз нав сохтан ва рушди равандҳои такроristеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва дорои технологияи баланд, ки арзиши иловашудаи бузургро доранд, баромад мекунанд. Воситаҳои гумрукӣ-тарофавии танзими ФИБ-и ҷумҳурӣ, ба монанди мамлакатҳои дигари пасошӯравӣ – мамлакатҳои ИДМ, тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ оварда шудаанд. Бо вуҷуди ин, онҳо як қатор хусусиятҳоро дар бар гирифтаанд, ки аз талаботи навсозии низоми иқтисодии мамлакат сарчашма мегиранд:

Якум, дараҷаи пасти муҳофизати тарофавӣ ба мушоҳида расида, дар имкониятҳои воситаҳои гумрукӣ-тарофавӣ маҳдудият ва коҳишдиҳиҳо

---

[28] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 26.12.2018. [Захираи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ, URL: http://www.president.tj/node/19088, кушода. Санаи муроҷиат: 3.05.2019.

[29] Гадоев Ф.И. Организационно-экономические основы развития таможенно-терминального обслуживания в Республике Таджикистан [Текст]: дис. канд. экон. наук: 08.00.05 / Гадоев Фирдавси Искандарович. - Душанбе, 2012. - 163с. - С. 20

ҷорӣ карда шудаанд. Ин ҳама бо дохилшавии ҷумҳурӣ ба СУС ва ворид намудани ислоҳот дар миқдори тарофаҳо дар доираи иҷрои уҳдадориҳои пешниҳодкардаи СУС алоқаманд мебошанд. Бо мақсади риояи уҳдадориҳо дар назди СУС сиёсати танзими гумрукӣ-тарофавӣ, миқдори боҷҳои гумрукии воридоту содироти чандин хатҳои тарофавӣ тағйир дода шуданд, ки мутобиқи манфиатҳои иқтисодиёти миллӣ набуда, афзалияти барои мамлакатҳои дар ҳоли рушд (мамлакатҳои ҷанубӣ) муқарраркардаи СУС ба назар гирифта нашудааст.

Дуюм, ноқисиҳо дар коркарди таркиби инноватсионии тарофаҳои гумрукӣ мушоҳида мегарданд. Албатта, инҳо барои амалисозии стратегияи саноатикунонии босуръати мамлакат, рушди амсилаи воридотивазкунии афзоиши иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Ғайр аз ин, сатҳи пасти тафриқаи миқдори Тарофаи ягонаи гумрукӣ вуҷуд дорад, ки ба эҳтиёҷоти вазифаҳои рушди саноатии иқтисодиёт мутобиқ набуда, амалисозии вазифаҳои сохтории сиёсати гумрукӣ-тарофавиро мушкил мегардонад. Вобаста ба навъҳои адвалорӣ он гурӯҳи молҳое нисбатан бештар ҳифзшаванда ҳисобида мешаванд, ки барои гузариши мамлакат ба роҳи инноватсионии рушд начандон аҳаммиятнок мебошанд.

Сеюм, вобастагии қатъии низоми преференсиалӣ бо баҳогузории байналмилалии мамлакатҳои рушдкунанда, ки ба онҳо преференсияҳои тарофавӣ дода мешаванд ва он низоми преференсиалиро аз чандирияти зарурӣ ва имконияти баҳисобгирии манфиатҳои махсуси стратегии давлат маҳрум месозад.

Танзими гумрукӣ-тарофавии фаъолияти иқтисодии берунӣ дар асоси истифодаи шаклҳо ва методҳои махсуси амалиёти назоратӣ гузаронида мешавад. Ин механизмҳо ба низоми идоракунии таваккалҳо, муносибатҳои интихобӣ нисбат ба муайянсозии объект барои иҷрои тафтишҳо бо ҷалби мақомоти андоз, ҳифзи ҳуқуқ ва дигарон, ки барои тафтиш ваколат доранд, асос ёфтаанд. Тасдиқи Конвенсияи Киот аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар қонунгузории ватанӣ ҷорӣ намудани принсипҳо ва методҳои

танзими давлатии фаъолияти иқтисодии берунии тавсиянамудаи СУС ба тағйироти бузург дар механизмҳои танзими гумрукии бахши иқтисоди берунии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат карданд. Дар натиҷаи он навгониҳои қатъӣ ба вуқӯъ пайвастанд, пеш аз ҳама раванди гузариш аз назорати «умумӣ»-и гумрукӣ ба муносибати ба субъект нигаронидашудаи идоракунии таваккалҳо ба мушоҳида мерасад. Ин равандҳо ба чунин ҳолатҳо боиси гардиданд: муҳлатҳои ниҳоят фишурда дар назорати гумрукӣ ва ҳамчунин ҳангоми воридот; муайян кардани муҳлатҳои фишурдаи назорати гумрукӣ ҳангоми содироти молҳо, ки аз онҳо боҷҳои гумрукӣ ситонида намешаванд; равандҳои ҷорӣ намудани технологияи муосири гумрукӣ (бақайдгирии автоматикӣ, раҳокунии автоматикии молҳо, методи дурдасти раҳокунии молҳо, транзити электронии гумрук, ҳамкории электронии байни қисматҳои низоми гумрук ва ғайра) фаъол гардиданд, ки миқдори хароҷоти трансаксиониро барои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ коҳиш медиҳанд.

Ба пайдоиши механизми тамоюли манфидошта дар низоми гумрук нигоҳ накарда, метавон қайд кард, ки дар низоми танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии берунӣ омилҳои боздорандае вуҷуд доранд, ки бо мавҷудияти камбудиҳо дар низоми идоракунии таваккалҳо алоқаманд мебошанд. Ин аз сатҳи пасти ба роҳ мондани корҳо ва касбият дар шуъбаҳои ҳудудӣ ва минтақавии хадамоти гумрук бармеояд. Дар маҳалҳо нокифоя будани сатҳи ҳамкории электронӣ ё мубодилаи иттилоотӣ, истифодаи воситаҳои гуногуни барномавӣ, набудани методи ягонаи идоракунии таваккалҳо ва баҳогузории онҳо ва инчунин чораҳо оид ба кам кардани сатҳи хатарҳо дида мешаванд.

Ҳамин тавр, тақвият ёфтани ноустувории иқтисодиёти ҷаҳон дар шароити муосир, хосияти ҳудудӣ надоштани рушди он ва тезутунд шудани рақобати байналмилалӣ боиси раванди ташаккули шабакаи васеъ ё минтақаи ҳамкории преференсиалии тиҷоратӣ-иқтисодӣ, шиддат гирифтани чораҳои протексионистӣ, татбиқи муҷозот нисбати

мамлакатҳои шарики ҷумҳурии мо (Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой), баланд бардоштани сатҳи ваколати мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи назорат ва танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии берунӣ дар сатҳи миллӣ гардида, барои рушди минбаъдаи равандҳои якҷояшавӣ даъватҳои ҷиддиро ба миён овcovered. Ин зарурати коркарди илмии роҳҳои навсозии воситаҳои танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии беруниро дар самти амалисозии вазифаҳои стратегии мамлакат тақозо менамояд.

### 1.3. Муносибатҳои методологиву методӣ доир ба ташкили идоракунии низоми гумрук ва арзёбии самаранокии он

Идоракунии низоми гумрук воситаи муҳим танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ мебошад. Танзими давлатии фаъолияти иқтисодии берунӣ дар худ маҷмуи методҳо ва воситаҳоеро таҷассум менамояд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ тибқи манфиатҳои рушди иқтисодиёти миллии мамлакат барои ба бахши иқтисодиёти берунӣ таъсир расонидан мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар низоми мазкур идоракунии мақомоти гумрук ҳамчун ниҳоди муҳим ва махсуси танзими давлатии муносибатҳои дар бахши иқтисоди берунии иқтисодиёт баамалоянда баромад мекунад.

Низоми гумрук ба сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар самти амалигардонии бозсозии сохтории иқтисодиёти мамлакат таъсири муҳим мерасонад. Сатҳи самаранокии таъсиррасонӣ ба амали маҷмуи омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобаста мебошад, ки таносуби онҳо баробари баланд гардидани аҳамияти савдои байналмилалӣ ва пурзӯр гардидани сатҳи таъсири глобализатсия тағйир меёбад ва ҳамин тавр дар соҳаи сиёсати савдои хориҷӣ ва гумрук ихтилофот ба вуҷуд меорад. Бо назардошти ин, асосҳои ташкилию ҳуқуқии идоракунии низоми гумруки ҷумҳурӣ бештар такмил ёфта, дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ва тақсимоти байналмилалии меҳнат хосияти маданиятнокӣ ва ҳамгироиро касб мекунад. Дар ин ҳошия омӯзиш ва амалисозии таҷрибаи байналмилалии

гумрук дар ҷумҳурӣ дар се самт ба роҳ монда мешавад.

Самти якум – рушд ва фаъолгардонии ҳамкории низоми гумрук ва мақомоти ҷумҳурӣ тибқи ниҳодҳои низоми гумруки мамлакатҳои ИДМ ва хориҷаи наздик. Далели ин раванд, пеш аз ҳама аз тарафи аксари давлатҳои ИДМ ба имзо расидани Созишнома оид ба присипҳои сиёсати гумрукӣ ва ташаккули иттифоқи гумрукии давлатҳои алоҳида мебошад.

Самти дуюм – иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои бузурги навъи савдоӣ-гумрукӣ (СУС, СУГ ва ғайра) мебошад.

Самти сеюм – бо наздикшавии фаъолияти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳо ва таҷрибаҳои ҷаҳонии аз тарафи умум қабулшуда алоқаманд аст. Агар қаблан реҷа ва амалиёти таъмини фаъолияти содироту воридот ва таъмини ҳаракати молу воситаҳои нақлиёт аз рӯйи назардошти «кадом шахсият ҳамчун субъекти додугирифти савдои хориҷӣ баромад мекунад» муайян карда мешуда бошанд, пас имрӯзҳо моли мушаххас ҳамчун меъёри асосии чунин додугирифт баромад мекунад. Бинобар ин, муҳиммият ва нақши Номгӯйи молҳои ФИБ муттасил баланд мегардад ва зимнан нақш ва аҳамияти идоракунии низоми гумрук низ баланд мегардад. Аз ин лиҳоз, пеш аз ҳама ба мафҳуми «низоми идоракунӣ дар гумрук» равшанӣ андохтан мақсаднок мебошад.

Аз лиҳози дар ҷумҳурӣ мафҳуми нав ба шумор рафтани истилоҳи «низоми идоракунӣ дар гумрук» тафсири гуногуни он ба назар мерасад, яъне ақидаи ягона оид ба фаҳмиши ин мафҳум вуҷуд надорад. Дар адабиёти таълимию методӣ низоми идоракунӣ дар гумрук ҳамчун идоракунии ҳамкории мақомоти гумрук бо иштирокчиёни ФИБ баррасӣ карда мешавад.[30] Муаллифи дигар бошад, низоми идоракунӣ дар гумрукро ҳамчун идоракунии фаъолияти гумрук муайян мекунад.[31] Тибқи нуқтаи назари дигар низоми идоракунӣ дар гумрук ҳамчун яке аз намудҳои низоми

---

[30] Липатова Н.Г. Управление деятельностью таможенных органов и принципы его реализации [Текст] / Н.Г. Липатова // Вестник Российской таможенной академии. - 2013. - № 1. - С. 5-12. - С.6

[31] Федоренко К. Развитие таможенного менеджмента [Текст] / К. Федоренко, О. Нетаев // Российский внешнеэкономический вестник. - 2014. - № 4. - С. 78-96. - С.81

махсуси идоракунӣ ё ҳамчун навъи фаръии идоракунӣ дар хадамоти давлатӣ баррасӣ гардида, дар худ идоракунии мақомоти гумрукро таҷассум менамояд.[32] Агар «низоми идоракунӣ»-ро ҳамчун идоракунии ташкилот баррасӣ намоем, он гоҳ ақидаҳои баёншуда нисбатан дуруст мебошанд, зеро мақомоти гумрук низ ташкилоти навъи махсус мебошад.

Номушаххасии дар адабиёти илмӣ оид ба муайянкунии низоми идоракунӣ мавҷудбуда исботи он аст, ки ин фанни илмии нисбатан нав буда, дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Бинобар ин, то имрӯз тафсири ягонаи мафҳуми мазкур ба назар намерасад ва мутаносибан адабиёти зиёди илмии ин соҳа низ вуҷуд надорад, ки дар онҳо назарияи идоракунии низоми гумрук ва методологияи идоракунии мақомоти гумруки мамлакат дарҷ гардида бошад. Зимнан, ба андешаи мо, моҳияти идоракунии низоми гумрук бояд тавассути дарки ҳамин гуна як низоми идоракунӣ ва назария оид ба идоракунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ фаҳмида шавад. Масъалаи идоракунӣ бояд ҳамчун соҳаи таҳқиқоти илмии идоракунии низоми муносибатҳо ва шакли муайяни фаъолияти касбӣ баррасӣ карда шавад.

Маълум аст, ки низоми идоракунӣ ҳамчун назария дар худ таълимот, низоми андешаҳо ва консепсияи идоракунии ташкилотеро таҷассум менамояд, ки дар асоси таъмини ягонагии воситаҳои истеҳсолот ва шахсони баамалбарорандаи онҳо ташкил карда шудааст. В. Макрусев дуруст қайд мекунад, ки мафҳум ё истилоҳи «низоми идоракунӣ» дар аксар маврид дар идоракунии ташкилоте истифода мешавад, ки он фаъолияти хоҷагидориро амалӣ месозад. Вале аз назари таваҷҷуҳи амиқ ба маънои низоми идоракунӣ, ба назария ва амалияи низоми идоракунӣ на танҳо соҳаи истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ, балки иҷтимоӣ низ шомил карда мешавад.[33]

---

[32] Ахмадуллина И. Разработка и организация внедрения прогнозных технологий в управление деятельностью таможенных органов [Текст] / И. Ахмадуллина // Финансы и кредит. - 2014. - № 31. - С. 58-64. - С.59

[33] Макрусев В. Теоретическая модель таможенного дела и задачи таможенного менеджмента [Текст] /В. Макрусев // Вестник МГОУ. Серия: Экономика. - 2013. - № 4. - С. 77-81. - С.79

Ба ташкилоте, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ва касбиро пеш мебарад, мақомоти гумрук низ чун мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия, ки дар соҳаи гумрук ваколатдор мебошанд, мансуб аст. Далеловарии он, ки мақомоти гумрук ба ташкилоти иҷрокунандаи фаъолияти хоҷагидорӣ мансуб мебошанд, дар он асос меёбад, ки яке аз намудҳои фаъолият дар соҳаи гумрук ва мақомоти гумрук фаъолияти иқтисодӣ мебошад.

Намуди фаъолияти болозикр бо ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, дарёфти даромад, сарфи хароҷот, манбаи дахлдори маблағгузории фаъолияти онҳо ва ғайра алоқаманд мебошад. Онҳо ба мисли ташкилотҳои тиҷоратӣ дар натиҷаи фаъолияти худ даромад ба даст меоранд, ки дар заминаи амалисозии пардохтҳои гумрукӣ аз тарафи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ ташаккул меёбанд. Дар ҳошияи ин, мақомоти гумрук, ки аз иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ барои интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тариқи сарҳад пардохтҳои гумрукӣ меситонад, ҳамчун агенти иқтисодие баромад мекунад, ки он дар низоми танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ ширкат меварзад.

Ҳамин тавр, мақомоти гумрук ба ҳайси агенти макроиқтисодӣ баромад намуда, боз як далел барои тасдиқи он мегарданд, ки он субъектҳои хоҷагидори дар ташаккулёбии буҷети давлатӣ бо роҳи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ иштирокчии фаъол гардида, дар натиҷа ба туфайли амалисозии вазифаи протексионистии пардохтҳои воридотӣ барои ташкили неъматҳои иқтисодӣ аз тарафи истеҳсолкунандаҳои маҳсулот мусоидат мекунанд. Аз ин лиҳоз, асосе вуҷуд дорад, ки дар низоми гумрук бояд истилоҳи «низоми идоракунӣ» истифода гардида, мақомоти гумрук ҳамчун ташкилоти иҷрокунандаи фаъолияти иқтисодӣ шинохта шавад.[34]

Ба масъалаҳои идоракунии низоми гумрук инчунин метавон чунин масъалаҳоро мансуб донист: иҷрои нақшаю вазифаҳо оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ тибқи таъмини нақшаи буҷетии барои мақомоти

---

[34] Приймак Е. Совершенствование системы управления таможенным органом в рамках ВТО и Таможенного союза [Текст] / Е. Приймак, В. Хасанова // Вестник КТУ. - 2012. - № 14. - С. 210-212. - С. 210

гумрук муқарраргардида ва инчунин масъалаҳои риояи амалиёт доир ба барасмиятдарории гумрукӣ ва амалисозии назорат, баланд бардоштани қобилияти мақомоти гумрук дар итиқоли молу воситаҳои нақлиёт.[35] Аз ин рӯ, худи мақомоти гумрук объекти идоракунӣ ва фаъолияти идоракунанда дар низоми гумрук буда, роҳбарони мақомот ва ниҳодҳои он ба ҳайси субъекти идоракунӣ баромад мекунанд.

Тавре, ки маълум аст ба ҳайси предмети таҳқиқоти низоми умумии идоракунӣ метавонанд дилхоҳ қисмат ё унсури ташкилот чун низом баромад намоянд. Ба ҳайси асоси идоракунӣ механизми идоракуние қарор дорад, ки аслан механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва институтсионалӣ буда, сохтори ташкилӣ, принсипҳо, методҳо, шаклҳо ва воситаҳои идоракуниро фаро мегирад. Бо ёрии ин механизмҳо қонунҳои иқтисодӣ ва равандҳои такрористеҳсоли ҷомеа дар шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд.[36]

Зимнан, ба предмети низоми идоракунӣ, дар навбати аввал дохил кардани унсурҳои номбаршудаи механизми хоҷагӣ зарур мебошад. Ғайр аз ин, бояд ба предмети низоми идоракунӣ инчунин равандҳои идоракуние низ дохил кардан зарур аст, ки онҳо дар ташкилот, ҳайати кормандони он, фарҳанги корпоративӣ, сифатнокӣ, стандарт ва унсурҳои дигари идоракунии ташкилот ба вуҷуд меоянд.

Аз ин рӯ, муҳтаво, шаклҳо ва асосҳои ташкилӣ- идоракунии низоми гумрук ба як механизми нисбатан мураккаби мунтазам рушдкунандае табдил ёфтаанд, ки комплекси шартҳо, омилҳо, усулҳо ва воситаҳои бо ҳамдигар алоқамандро фаро мегирад. Амсилаи идоракунии низоми гумрукро ҳамчун низоми махсуси идоракунии мақомоти гумрук метавон ба шакли нақшаи дар расми 1.3 овардашуда шарҳ дод.

---

35 Федотова Г. Актуальные вопросы повышения эффективности работы таможенных органов на основе внедрения международного опыта система менеджмента качества [Текст] / Г. Федотова // Научные труды СЗИУ. - 2013. - № 1. - С. 163-166. - С. 164

36 Герасимов К. Модель диагностики системы управления процессами организации [Текст] / К. Герасимов // Основы экономики, управления и права. -2014. -№ 4. -С.77-81. - С.77




**Расми 1.3. Амсилаи низоми идоракунии мақомоти гумрук**

***Сарчашма:*** *Макрусев В. Теоретическая модель таможенного дела и задачи таможенного менеджмента [Текст] / В. Макрусев // Вестник МГОУ. Серия: Экономика. - 2013. - № 4. - С. 77-81*

Тибқи амсилаи додашуда ба унсурҳои асосии низоми идоракунии мақомоти гумрук мансубанд:

– раванди идоракунии мақомоти гумрук аз занҷири вазифаҳои (амалҳои) ба таври системавӣ бо ҳам алоқаманде иборат мебошад, ки дастгоҳи идоракунии мақомоти гумрукро дар асоси истифодаи механизми идоракунии марбута амалӣ менамояд;

– механизми идоракунии мақомоти гумрук маҷмуи асноди қонунгузорӣ, принсипҳо, методҳо, усулҳо ва сохтори ташкилии идоракунии низоми гумрук, ҳадафҳо ва вазифаҳо (аз сиёсати савдои хориҷии мамлакат бо назардошти асноди меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалии савдои хориҷӣ сарчашмагиранда) буда, дар таъсиррасонии мақсаднок ба объектҳои идоракунӣ мусоидат мекунанд;

– механизми алоқаи баръакс ва такмили низоми идоракунӣ, ки барои ворид намудани тағйирот дар дохили ин низом вобаста аз рушди объекти идоракунӣ таъйин шудааст.[37]

Бо дарназардошти вазифаҳои дар марҳилаи муосири рушди мамлакат дар назди Хадамоти гумруки ҷумҳурӣ гузошташуда ва инчунин бо таваҷҷуҳ ба муҳтавои амсилаи идоракунии он, номгӯйи талабот ва вазифаҳои идоракуниро метавон дар шакли зерин баён намуд:

– ташкили фаъолияти низоми гумрук дар самти таъмини ҳаллу фасли вазифаҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди бахши иқтисоди берунии иқтисодиёт гузоштааст;

– таъмини риояи қарорҳо ва тавсияҳои Конвенсияи байналмилалӣ дар соҳаи гумрук ва қарордодҳои байналмилалӣ (дутарафа ва бисёртарафа), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бастааст;

– иҷрои шартҳо ва қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузори мамлакатҳо – аъзоёни ИДМ оид ба гумрук;

– таъмини дарёфти амали системавии кулли сохторҳо ва ниҳодҳои

---

[37] Приймак Е. Совершенствование системы управления таможенным органом в рамках ВТО и Таможенного союза [Текст] / Е. Приймак, В. Хасанова // Вестник КТУ. - 2012. - № 14. - С. 210-212.

мақомоти гумрук ва кормандони онҳо;

– баланд бардоштани масъулият ва сатҳи касбияти ҳайати кормандони идоракунии мақомоти гумрук;

– баланд бардоштани сатҳ ва қобилияти системаи идоракунии низоми гумрук барои худтакмилдиҳӣ.

Такмили низоми идоракунии мақомоти гумрук бо рушди фаъолияти гумрук, ки ба он хусусияти ифодакунандаи фаъолияти гумрук ҳамчун объекти идоракунӣ ва низоми идоракунӣ хос мебошад, алоқаи ногусастанӣ дорад. Агар дар ҳолати якум сухан дар бораи идоракунии фаъолияти гумрук ҳамчун ифодакунандаи муқаррарсозӣ, тағйирдиҳӣ ё қатъ намудани истифодаи ин ё он чораи танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии берунӣ равад, дар ҳолати дуюм оид ба фаъолияти гумрук ҳамчун яке аз ниҳодҳои маъмуриятпарастии фаъолияти иқтисодии берунӣ ақидаронӣ мегардад.

Дар системаи идоракунии низоми гумрук ва инчунин барои қабули қарорҳои идоракунии асоснок диагностика (ташхис) мақоми муҳим дорад. Диагностика калимаи юнонии Diagnostikos буда, маънои қобилияти дарёфт, ташхис, сарфаҳм рафтанро дорад, яъне раванди таҳқиқ ва муайянсозии масъалаҳои соҳаи фаъолияти гумрукро ифода мекунад.[38]

Худи муайян кардан ва фаҳмидани масъала ҳамчун воситаи ҳаллу фасл ё бартараф намудан баромад мекунад. Ба таври анъанавӣ диагностикаро метавон ҳамчун муайян кардани ҳолати объекти таҳқиқшаванда ё субъект барои «ислоҳи нуқсон» ё аниқ намудани роҳҳои беҳтарсозии он баррасӣ кард. Ҳамин тавр, мақсади диагностикаи соҳаи гумрук барои ошкорсозии масъалаҳо ва номутаносибӣ дар низоми гумрук ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли онҳо равона шудааст. Ин мақсадҳо дар асоси ҳаллу фасли вазифаҳои зерин, ки алгоритми онҳо ба таври зайл инъикос гардидааст, имконпазир аст:

– баҳогузории ҳолати объекти идоракунӣ ё диагностика, ҷудо намудани амалиёт ё равандҳои муайян, ки ба диагностика зарурат доранд;

---

[38] Поплавская В. Подход к реализации изменений в системе управления организацией [Текст] / В. Поплавская // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. - 2011. - № 3-1. - С. 230-235. - С.231

– интихоби параметрҳо ё нишондиҳандаҳо, ки натиҷанокӣ ё самаранокии равандҳоро дар соҳаи гумрук, инчунин методҳои баҳогузорӣ ва банақшагирии онҳоро тавсиф мекунанд;

– баҳогузории сатҳи бо захираҳо таъмин будани фаъолияти гумрук;

– баҳогузории сатҳи самаранокӣ, муайянсозии захираҳо барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва фаъолнокии равандҳо;

– баҳогузории сатҳи мувофиқати равандҳо дар низоми гумрук ва мутобиқати тавсифоти нақшавӣ ва нишондиҳандаҳои воқеии онҳо;

– муайян кардани омилҳои калидие, ки ба натиҷа ё самаранокии фаъолияти объект ё субъекти диагностикашавандаи дар маҷмуъ идоракунӣ таъсир мерасонанд;

– асоснок кардани самараи дар натиҷаи истифодаи захираҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти объекти идорашаванда ва инчунин пешгӯйии оқибатҳои дигаргуниҳои мавриди пешниҳод дарёфтшаванда;

– баҳогузории иқтидорҳои иҷтимоӣ-иқтисодии низоми гумрук ва дурнамои рушди он, коркарди тавсияҳо оид ба такмили фаъолияти он.[39]

Сатҳи амиқӣ ва муфассалии диагностика аз рӯйи самаранокии онҳо, ки дар (ҳамчун ҳар як намуди фаъолияти иқтисодӣ) таносуби натиҷаҳои (самараҳои) аз истифодаи роҳҳои дарёфтшудаи беҳтар кардани фаъолият ва хароҷот барои ташкил ё гузаронидани таҳқиқоти диагностикӣ ифода меёбад, муайян карда мешавад.

Истифодаи муносибати равандӣ ба равандҳое нигаронида шудааст, ки аз ҷониби ниҳодҳо ё ташкилотҳои соҳаи гумрук ҷиҳати дарёфти мақсадҳои асосӣ амалӣ мегарданд. Дар ин муносибат воҳидҳои низоми гумрук на ҳамчун воҳидҳои сохтории дорои мақсадҳои махсуси вобаста, балки ҳамчун иштирокчии раванд баррасӣ мегарданд. Ҳамин тавр, фаъолияти онҳо дар низоми гумрук дар шакли шабакаи равандҳои бо ҳам алоқаманд мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Баҳогузорӣ, таҳлил ва такмил

[39] Левитина И. Методологические аспекты диагностики бизнес-процессов [Текст] / И. Левитина // Журнал правовых и экономических исследований. - 2012. - № 3. - С. 102-105. -С. 102

муносибатҳои умуман бо равандҳо алоқамандро фаро мегиранд, аммо онҳо набояд самаранокии воҳидҳо ё корхонаи алоҳидаро дар натиҷаи пурзӯр намудани таваҷҷуҳ барои баланд бардоштани самаранокии натиҷаи умумии низом, ки боиси боло рафтани арзиши он барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ мегардад, коҳиш диҳанд.[40] Чунки самаранокӣ ва сифати раванд аз сатҳи истифодаи самарабахш ва оқилонаи захираҳо, такмили технологияи иҷрои раванд ва аниқии тавсифоти онҳо вобаста мебошанд, ки натиҷаи интизорӣ ё дилхоҳро инъикос менамояд. Ба диагностика ва таҳлил бояд ҳамаи ҷузъҳои таркибии номбаршуда дучор гарданд.

Дар низоми иқтисодиёти бозорӣ, алалхусус дар шароити дохилшавии Ҷумҳурӣ ба СУС, масъалаи сифат ҳамчун омили муҳимтарини баланд бардоштани бехатарии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ баромад мекунад. Сифат ҳамчун мафҳуми комплексӣ, дар худ самаранокии ҳамаи тарафҳои фаъолияти объекти идоракунӣ – коркарди стратегия, ташкили фаъолият, назорат ва ғайраро инъикос менамояд.

Низоми муосири идоракунӣ ба стандартизатсиякунонӣ тибқи Созмони умумиҷаҳонӣ оид ба стандартизатсия (International Standard Organization– ISO) асос меёбад ва стандартизатсия «раванди муқаррарсозӣ ва истифодаи қоидаҳо бо мақсади ба тартиб даровардани соҳа ба фоида ва иштироки ҳамаи тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла барои дарёфти сарфаи умумии ҳадди аксар бо риоя намудани шартҳои функсионалӣ ва талаботи бехатарӣ мебошад».[41] Идоракунии сифати молҳо ва хизматрасонӣ дар заминаи стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ анҷом дода мешавад, вале дар ин маврид стандартҳои байналмилалӣ шарти тавсеаи савдои байналмилалии фаъолияти савдои берунии мамлакатро муайян мекунанд.

Пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои

---

40 Решетникова Е. Теоретические основы диагностики кризисов в системе управления организацией [Текст] / Е. Решетникова // Вестник БИСТ. - 2011. - № 3. - С.103-110. -С.107

41 Стандарты ISO серии 9000 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.standard.ru/about/aboutstandart-txt3.phtml., открытый. Дата обращения 15.03.2020.

гумрукӣ дар заминаи стандартҳои хизматрасониҳои давлатие амалӣ карда мешаванд, ки онҳо сатҳи зарурии сифатнокӣ ва дастрасиро муайян менамояд. Истифодаи стандартҳо дар низоми гумрук вазифаи нав мебошад, ки ба кормандони гумруки ҷумҳурӣ тибқи консепсияи рушди низоми гумрук вогузор шудааст. Дар ҳоли ҳозир барои амалисозии вазифаҳои мақомоти гумрук дар низоми танзими гумрукӣ тадбирҳо андешида мешаванд, то ин ки он ба меъёрҳои қарордодҳои байналмилалӣ оид ба масоили гумрук ва инчунин стандартҳои байналмилалии сифат (аз рӯйи навъи серияи ISO), ки меъёри байналмилалӣ барои ташкил ва баҳогузории низоми сифат мебошад, мутобиқат намояд.

Бояд қайд кард, ки дар ҳоли ҳозир дар соҳаи гумруки ҷумҳурӣ менеҷменти гумрук ҳамчун шакли махсуси менеҷменти давлатӣ ба вуҷуд омада истодааст. Дар натиҷаи рушди чунин менеҷмент амалан барои рушди фаъолияти савдои хориҷӣ шароити мусоид ташкил карда мешавад ё барои амалисозии онҳо монеаҳо муқаррар мегарданд. Ҳамин тавр, ба механизми танзими бахши иқтисоди берунии иқтисодиёт табдил меёбад: ё ба рушди фаъолияти иқтисодии берунӣ мусоидат мекунад ё ин ки рушди онро халалдор месозад. Дар навбати худ тартиби хадамоти гумруки ҷумҳурӣ дар асоси стандартҳо коркард шуда, интишори номгӯйи хизматрасониҳои давлатиро тасдиқ ва таъмин менамояд. Ин равандҳо дар натиҷаи рушди муносибатҳои бозоргонӣ инкишоф ёфта, ба фаъолгардии чунин самти фаъолият, ба монанди баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи гумрукӣ таъсир мерасонанд.

Созмони умумиҷаҳонии гумрук (СУГ) ташкилоти ягонаи байналмилалие мебошад, ки барои коркарди сиёсати ҷаҳонии гумрук ва технологияи он масъул аст. Дар тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии гумрук, ки самти рушди низоми гумрукро дар асри XXI муайян мекунанд, диққати асосӣ барои ба низоми сервиси гумрукӣ табдил додани ГОСТ Р 50646-95 дода мешавад. Дар шароити муосир дар стратегияи дигаргунсозии низоми гумруки мамлакатҳои хориҷӣ тамоюли дарки хадамоти гумрук ҳамчун

хадамоти сервисӣ (яъне таъминкунандаи хизматрасониҳои давлатӣ) зуҳур карда истодааст. Акнун сифати фаъолияти низоми гумрук шароит ва имкониятҳои рушди кулли савдои хориҷии давлатро муайян мекунад.

Тавре дар боло қайд намудем, дар иқтисодиёти муосир низоми гумрук унсури асосии низоми танзими давлатии иқтисодиёт ва бахши иқтисодиёти берунии он буда, ба ҳайси ҳалқаи пайвасткунандаи байни иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ баромад мекунад.

Ба фаъол гардидани равандҳои глобализатсионӣ дар ҷаҳон нигоҳ накарда, чи тавре, ки Д.И. Менделеев дар замони худ одилона қайд карда буд «ҳоло, ки давлатҳо аз якдигар дар алоҳидагӣ, бо ҳадафҳо, воситаҳо ва ҳукуматҳои мустақили худ вуҷуд доранд, то ҳамон вақт зарурат ба гумрук боқӣ мемонад», яъне дар тамоми марҳилаҳои таърихии рушди давлат гумрук ба ҳайси воситаи равобити зарурии байни мамлакатҳо ва бозорҳои берунию дохилӣ хизмат намудааст.[42]

Илова бар ин, воситаҳоеро, ки дар стандартҳои ISO 9000 қобили қабул мебошанд, метавон пурра бо мақсадҳои гумрук истифода кард. Масалан, силсилаи Э. Деминг, ки асоси танзими равандҳои стандарти ISO 9000 маҳсуб меёбад, дар раванди таҳияи барномаи рушди институтсионалии Созмони байналмилалии гумрук «Колумб» ба таври самаранок мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар он баҳогузорӣ ва баҳисобгирии эҳтиёҷот, мониторинги эҳтиёҷоти иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ ва қарори дахлдор оид ба зарурати амалҳои ислоҳкунанда инъикос ёфтаанд.[43] Бо назардошти гуфтаҳои боло, оид ба ҳадафҳои ташкили системаи идоракунии низоми гумрук метавон сухан ронд, ки он ҳолатҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

– мутобиқати сатҳ ва сифати хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи

[42] Миретин А. Стратегический подход к управлению инновационной деятельностью таможенных органов [Текст] / А. Миретин // Система управления и бизнес-администрирование. - 2012. - № 3. - С. 13-24. - EDN PETBHX. - С.17

[43] Рамочные стандарты безопасности и облегчения мировой таможенной деятельности [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.wcoomd.org/en/topics/facilitation/instrument-and-tools/tools/~/media/50518838DCAD4D4B9600B3E94F37C663.ashx., открытый. Дата обращения 06.07.2019.

гумрукӣ барои эҳтиёҷоти иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ ва умуман ҷомеаи мамлакат;

– беҳтарсозии муттасили сифати хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи гумрукӣ дар асоси таҳлил, мониторинг ва ислоҳи мунтазами фаъолият.[44]

Аз ин рӯ, дастурҳои мақсаднок на танҳо барои баҳисобгирии манфиатҳо ва эҳтиёҷоти тарафҳои манфиатдор мусоидат мекунанд, балки ҳамзамон барои банақшагирии стратегии фаъолияти ниҳодҳои низоми гумрук замина фароҳам меоранд.

Амалисозии ин ҳадафҳоро метавон дар асоси иҷрои принсипҳои менеҷменти сифати ISO 9000 ба даст овард. Ин низом фаъол гардидани самтҳои фаъолияти мақомоти гумрукро, маҳз барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ ва истеъмолкунанда таъмин намуда, ҳангоми пешсафии бевоситаи роҳбарони сохтори низоми гумрук, ки иштироки ҳамаи ҳайати кормандон ва мансабдорони мақомоти гумрукро барои иҷрои ҳадафҳо ҳавасманд мегардонанд, амалӣ мегардонад. Пеш аз ҳама, расмӣ шудани равандҳои хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи гумрукӣ ҳангоми муносибати системавӣ ва қабули қарорҳои идоракунии ба иттилооти воқеӣ асосёфта дар назар дошта шудааст, ки ҳамеша барои беҳтар намудани сервиси гумрукӣ асос мегарданд.

Тавре дар боло қайд намудем, истифодаи муносибати равандӣ нисбат ба идоракунӣ омилҳои рушди сифати фаъолияти низоми гумрук мебошанд. Азбаски дар муносибати равандӣ ҳар як амалиёти алоҳида бо низоми расмӣ ва бо ҳуҷҷат асоснок карда мешавад, дар натиҷа имконият пайдо мегардад, ки сифати иҷрои ҳар як амалиёт назорат карда шавад. Ҳангоми сифати хизматрасониҳои гумрукӣ ва фаъолияти мақомоти гумрук ба объекти идоракунӣ табдил ёфтан, шароити мазкур имкон медиҳад, ки

[44] Герасимов К. Модель диагностики системы управления процессами организации [Текст] / К. Герасимов // Основы экономики, управления и права. - 2014. - №4. - С. 77-81

иҷрои нишондиҳандаҳои сифати хизматрасониҳо ва инчунин аниқ кардани омилҳо ва шартҳои муайянкунандаи сатҳи онҳо ва равандҳои ташаккули сифат назорат карда шавад.

Ҳамин тавр, низоми менеҷменти сифати хизматрасониҳои низоми гумрукӣ дар худ методҳо ва роҳҳои ташкили муносибатҳои байниҳамдигарии самараноки фаъолияти ниҳодҳои низоми гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ, ҳамчунин таъмини хизматрасониҳои гуногуни самарабахши гумрукиро ҳангоми хароҷоти камтарини ҳамаи намудҳои захираҳо тавассути рушди доимӣ ва беҳтар намудани фаъолият таҷассум менамояд. Ин масъалаҳо аз сатҳ ва сифати тахассусмандии ҳайати кормандони мақомоти гумрук ва омода намудани кадрҳои баландихтисос вобаста ҳастанд, ки дорои ҳамаи салоҳиятҳои зарурӣ мебошанд.

Идоракунии самараноки низоми гумрук аз сатҳи таъминоти иттилоотии фаъолияти идоракунӣ, шаффофияти иттилоотии фаъолияти онҳо ва инчунин мавҷудияти пешбинишавандагии шароити кор вобаста аст. Вақте ки фаъолияти гумрук ба ҳайси шакли хизматрасонии давлатӣ баромад мекунад ин вазифаҳо муҳим ва аҳаммиятнок мегарданд. Тибқи стандартҳои ISO 9000 баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи онҳо ислоҳи амсилаи заминавии идоракунии низоми гумрукро тақозо менамояд. Фаъолияти қисматҳои низоми гумрук ба таври доимӣ таҳлили амиқи ҳар як раванд ва амалиётро ҳамчун шарти идоракунии самарабахш ва сифатнок тақозо мекунад.

Равандҳои гумрукӣ ин комплекси ташкилкунандаи воҳиде мебошанд, ки аз дороиҳои моддӣ, асноди қонунгузории мунъақискунандаи принсипҳо ва мақоми ҳуқуқии муносибатҳои байниҳамдигарии самараноки ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ ва алгоритми (амалиёти) чунин ҳамкорӣ иборат мебошанд. Комплекси номуайянии муҳити атроф ва инчунин маҳдудии фосилаи замонӣ ба равандҳои гумрукӣ таъсири муҳим мерасонанд. Дар ин шароит истифодаи методҳо ва амсилаҳои комплексии

баҳисобгирандаи омилҳои сершумори сифатӣ ва миқдорӣ зарур аст. Барои таъмини самараноки раванд, ба андешаи мо, истифодаи муносибати сенариявӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар адабиёти иқтисодӣ муайянкуниҳои гуногуни мафҳуми «сенария» дида мешаванд. Як гурӯҳи муаллифон сенарияро ҳамчун тасвири бетаровати оянда, дигарон чун шарҳи пайдарҳамии ҳодисаҳо дар замон ва ғайра баррасӣ менамоянд. Олими ҳолландӣ Филипп Ван Ноттен (PhilipVanNotten) табиати фарзии (тахминии) сенарияро ҳамчун шарҳи варианти алтернативии рушди оянда, натиҷаи ниҳоӣ ва ё чун занҷири ҳодисаҳо ва имкониятҳои истифодаи сенария ҳамчун базис барои амал тавсиф мекунад.[45] Бо дарназардошти ин сенарияро метавон ҳамчун якҷояшавии маҷмуи параметрҳои ҳолати амалиёт баррасӣ намуд, ки алоқаҳо ва имкониятҳои захиравиро тавсиф менамояд. Дар фарқият аз методҳое, ки барои баҳисобгирии тамоюлоти ба амаломада ва ҳаллу фасли вазифаҳои муайянкунии параметрҳои миқдории объекти пешгӯйишаванда нигаронидашуда асос ёфтаанд, муносибати сенариявӣ дар якҷояшавии муносибати мантиқӣ-эвристикии ғайрирасмӣ ва амалиёти ченкунии миқдорӣ ё муайян кардани ҳодисаи пешгӯйишаванда дар доираи ҳар як варианти сенарияи баррасишаванда заминагузорӣ мегардад.

Дар натиҷаи ҷамъбасти тавсифоти дар боло овардашуда ба ҳайси муайянкунии нисбатан умумии сенария метавон онро ҳамчун шарҳи пайдарҳами варианти эҳтимолии алтернативии рушди объекти таҳқиқшаванда дар оянда баррасӣ намуд, ки дар худ нуқтаи назарҳои гуногунро дар ретро-перспектива, ҳозира ва оянда инъикос мекунад ва инчунин метавонад барои банақшагирии амал асос гардад.[46]

Барои тартиб додани асоси консептуалии амсилаи сенариявии рушди низоми гумрук ва амалиёти гумрукӣ истифодаи методологияи амсиласозии

---

[45] Ефремова Н. Роль системного анализа в диагностике систем управления [Текст] / Н. Ефремова // Вестник ТФФУ. - 2014. - №1-1. - С. 93-95

[46] Брусницына Н. Использование современных инструментов диагностики для целей антикризисного менеджмента [Текст] / Н. Брусницына // Экономика, статистика и информатика. Вестник УМО. - 2011. - № 5.- С. 24-27.

сохторӣ тақозо мегардад, ки аз функсионалӣ ва ба объектнигаронидашуда иборат аст. Ҳангоми истифодаи воситаҳои муосири барномавӣ – автоматикунии лоиҳакашӣ (CASE-технология) имконияти ташкили амсилаҳои сенариявии равандҳо осон мегардад. Амсилаҳои сенариявии таҳлили равандҳои корӣ ва иттилоотӣ дар асоси истифодаи чунин маҳсулоти барномавии машҳур, ба монанди Design/IDEF, BPWin, ERWin, OOWin, ARIS Toolset, Rational Rose, Business Studio амалӣ карда шудаанд.[47] Таъмини дарки мухтавои равандҳои гузаранда ва муайян кардани самти тағйирёбии онҳо ва инчунин сохторҳои ташкилии иштироккунанда вазифаи асосии барномаҳои номбаршуда мебошанд. Истифодаи маҳсулоти барномавии мазкур имконият медиҳад, ки таҳлили функсионалӣ-арзишии ҳар як раванд иҷро карда шавад.

Барои баҳогузории динамикаи равандҳои гумрукӣ дар ҳолати мавҷуд будани низоми иттилоотии рушдкарда ва махзани маълумотҳо, метавон маҳсулоти барномавӣ ё воситаҳое мавриди истифода қарор гиранд, ки методи таҳлили омори воқеиро иҷро кардаанд (SAS, SPSS, BusinessObjects, OracleExpress)[48]

Сенарияҳои сунъии (тақлидии) равандҳои гумрукӣ низ имконият фароҳам меоранд, ки чунин параметрҳо, аз қабили самаранокӣ (ҳаҷми истеҳсолот, фурӯш, харид), параметрҳои муваққатӣ ва арзишии равандҳо ва амалиёти ҷудогона, миқдор ва нархи истифодаи захираҳо муайян карда шаванд. Сенарияҳо дар воситаҳои барномавии муосири амсиласозӣ дар шакли графикаҳо шарҳ дода мешаванд, ки ба таври аёнӣ рафтори иштирокчиёни ФИБ-ро нишон медиҳанд. Масалан, раванди барасмиятдарории гумрукии борҳо бо якчанд параметрҳои зерин фарқ мекунад: гурӯҳи моддӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ, ки хосияти онҳо дар вақту

---

[47] Рамочные стандарты безопасности и облегчения мировой таможенной деятельности [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.wcoomd.org/en/-topics/facilitation/instrument-and-tools/tools/~/media/50518838DCAD4D4B9600B3E94F37 – C663.ashx., открытый. Дата обращения: 20.09.2021.

[48] Денисов Д. Организационная диагностика в системе управления эффективностью бизнеса [Текст] / Д. Денисов // Управленческие науки в современной России. – 2014. - №2.- С. 296-298.

замон тағйир меёбад (шиддатнокии воридшавии борҳо дар давраҳои гуногуни вақт тибқи реҷа ва нуқтаҳои гуногуни гумрукӣ). Дар ин шароит серҳаракатии раванди барасмиятдарории гумрукӣ аз рӯйи сатҳи нобаробарии сарбории инспекторони нуқтаҳо, шуъбаҳо, истифодаи иттилоот ва соир захираҳо муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат, мақсади коркарди амсилаи сенариявии барасмиятдарории гумрукӣ ба ҳайси таъмини аёнияти раванд, интихоби меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии раванди барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гузариши борҳо дар давраи дарозмуҳлати вақт бaромад мекунад. Ҳамин тавр, таҳияи амсилаи сенариявии низоми расмии равандҳо ва амалиёти гумрукӣ имконият медиҳанд, ки роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии равандҳои гумрукӣ ва умуман низоми гумрук дар асоси бартараф кардани унсурҳои такрории раванди барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ, кам кардани сарфи вақти иштирокчиёни ФИБ, гузаронидани монандкунии низоми барасмиятдарории гумрукӣ, таъсиси харитаи технологии равандҳои гумрукӣ, нақшаи ҳамкории иштирокчиёни он ва ғайра пайдо гарданд.

Мақомоти гумрук сиёсати давлатро дар соҳаи фаъолияти гумрук ба иҷро расонида, бояд дар мадди аввал сифатнокии фаъолиятро, ки он барои ҳивзи ҳам манфиати иштрокдорони МИБ ва ҳам давлат равона шудааст, таъмин намояд. Мафҳуми самаранокии фаъолияти гумрук натиҷаи ягон амалиётро дар ифодаи пулӣ ва комёб шудани ба ҳадаф гузошташударо ифода менамояд.  Имрӯз масаълаи илмии тавсифи самаранокии фаъолияти гумрукӣ яке аз масаълаҳое мебошад, ки нисбатан камтар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.  Чуноне, ки олими рус Белозерова С.В. дар китоби худ - «Муаммои муайян кардани самаранокии фаъолияти гумрукӣ» қайд намудааст, ин мушкилот аз ҷиҳати дар низоми гумрук мавҷуд набудани муносибатҳои ягона доир ба меъёри самаранокии он бар меояд[49]. Воқеан

[49] Белозерова С.В. Проблемы определения эффективности таможенного дела [Текст]: монография / С.В. Белозерова. - М., 2012. - С. 6.

ҳам гумрук ниҳодест, ки манфиати давлату иштирокчиёни муносибатҳои иқтисоди берунаро (МИБ) бо ҳам алоқаманд менамояд. Агар низоми гумрукро аз нигоҳи иштирокчиёни муносибатҳои иқтисоди беруна арзёбӣ намоем, пас арзёбии самаранокии фаъолияти гумрук бояд дар суръати гардиши ҳар як амали гумрукӣ ифода ёбад. Дар мавриди арзёбӣ намудан аз нигоҳи давлат, бояд самранокии ҳар як самтҳои фаъолияти гумрук ба назар гирифта шавад. Вобаста ба ин дар амалияи низоми гумрук якчанд муносибтҳои зерин нисбат ба арзёбии самранокии фаъолияти гумрук ташаккул ёфтаанд:

Якум – муқоисаи натиҷаҳои воқеӣ бо нишододҳои нақшавӣ. Афзалияти ин метод дар сода будани тарзи ҳисоби он мебошад. Маҳдудият ва ё норасоии ин метод дар он аст, ки миёни нишондиҳандаҳои муқоисашаванда бояд алоқамандии мустақим мавҷуд бошад.

Дуюм - боздиҳии фондҳо, ки он тавассути арзёбии миқдори ҳуҷатҳо (молҳо) нисбат ба арзиши миёнаи соланаи воситаҳои асосӣ муайян карда мешавад. Баланд бардоштани истифодааи фондҳои асосӣ имконият медиҳад, ки андозаи истеҳсолотро бар ҳар як воҳиди арзиши фонд афзоиш диҳад. Маҳдудият дар он аст, ки сатҳи истифодаи фондҳои асосиро дар ҳаҷми пурра ҳисоб кардан ғайриимкон аст.

Сеюм, банақшагирии буҷетӣ, аз ҳаҷми буҷети гирифташуда бардошти (самранокии) натиҷа/хароҷотро ифода мекунад, ки дар ин маврид назорати хароҷоти буҷети давлатӣ таъмин мегардад, аммо мушкилот дар таҳияи ҳуҷҷати буҷетгирӣ мавҷуд аст.

Чорум, арзёбии рейтингӣ, ки дар ин раванд арзёбии муқоисавии фаъолияти якчанд зерсохтори мақомоти гумрук гузаронида мешавад. Метод мазкур имкон медиҳад, ки фаъолияти тамоми сохтори низоми гумрук мавриди арзёбӣ қарор гирад. Аммо, бинобар тағйирёбии вазъи молиявии корхонаҳо, дар мавриди интишори рейтинг, итилоот метавонад кӯҳна гардад.

Панҷум, нишондиҳандаҳои назоратии фаъолияти мақомоти гумрук, ки

онҳо дар ҳар як семоҳа аз рӯйи меъёри самаранокии ба натиҷаҳои ниҳоӣ равонагардида гузаронида мешаванд. Онҳо индикатори иҷрои нақшаҳоро, ки дар уҳдаи низоми гумрук ва ё мақомоти гумпрук гузошта шудааст, ифода менамояд. Аммо дар ин метод нишондиҳандаҳои микдоран зиёд ва такрорёбандаро мушоҳида намудан мумкин аст.

Шашум, нишондиҳандаҳои аналитикии самаранокии фаъолияти гумрук, ки ҳар яке аз онҳо ҷанбаҳои микдориву сифатии тарафҳои гуногуни фаъолияти гумрукро арзёбӣ менамоянд. Афзалияти он дар таҳлили натиҷаи мушахасси фаъолият мебошад, аммо натиҷаи фаъолиятро дар маҷму ифода карда наметавонад.

## Хулосаи боби 1

Омӯзиши муносибатҳои назариявӣ доир ба таснифи муҳтаво ва вазифаҳои низоми гумрук ба мо имкон дод, ки дар заминаи омӯзиши ақидаҳои илман асоснокнамудаи олимон ва коршиносон таърифи муаллифии низоми гумрукро муқаррар намоем. Бо ақидаи мо низоми гумрук ин маҷмуи элементҳо ва ҷузъҳои таркибии бо ҳам алоқанди ниҳоди гумрук (шакл, восита ва методҳо) мебошад, ки дар пояи муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ташаккул ва рушд ёфта, тавассути идора ва танзими воридоту содирот танзими давлатии фавъолияти иқтисоди берунаи мамлакатро таъмин менамояд. Чузъҳои таркибии онро сатҳои гуногуни мақомоти гумрук ташкил медиҳад, ки онҳо умумияти функсиналӣ ва ягонагӣ дошта, дар доираи низоми ягонаи марказикунонидашуда фаъолият мекунанд.

Дар доираи ин муқарраротр, ки муҳтаво ва вазифаҳои низоми гумрукро мушаххас менамояд, нақши идоракунии низоми гумрук дар амалигардонии вазифаҳои стратегии иқтисодиёти мамлакат муайян карда шудааст. Ба назари мо идоракунии давлатии фаъолияти гумрукро ҳамчун фаъолияти мунтазам, нақшавӣ ва мақсадноки сохторҳои хадамоти гумрук баррасӣ намудан зарур аст, ки он дар равандҳои иҷроию-танзимӣ бавуҷуд омада, аз

рӯйи мазмуни таъсиррасонӣ ба объектҳои идорашаванда ташкил мегардад ва ҳадафҳои худро дар самти таъмини манфиатҳои иқтисодӣ ва инчунин таъмини амнияти иқтисодию миллӣ пайгирӣ менамояд.

Ҳамчунин асоснок карда шудааст, ки дар низоми амалигардонии вазифаҳои стратегии давлат ва сиёсати иқтисодии берунӣ восита ё механизми нисбатан қобили фаъолият- ин низоми гумрук мебошад, зеро низоми гумрук ва зимнан сиёсати гумрукӣ таърихан шаклҳои аввалине буданд, ки бо ёрии онҳо давлат савдои хориҷиро танзим мекард. Илова бар ин, низоми гумрук на танҳо ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлат, балки ҳамчун қисми низоми иқтисодӣ баромад менамояд. Муносибати иқтисодӣ нисбат ба баҳогузории сиёсати гумрукӣ бо иҷрои сиёсати иқтисодии дохилӣ ва берунии давлат алоқамандӣ дошта, он аз рӯйи интихоби амсилаи муносиби низоми муносибати байниҳамдигарӣ бо субъектҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар самти мувофиқати ҳамоҳанги протексионизм ва савдои озод муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар давраи фаъолияти низоми гумрук муносибатҳои методӣ доир ба арзёбии самранокии гумрук тағйир ёфтанд. Айни ҳол натиҷаи фаъолияти гумрук бо низоми нишондиҳандаҳои назоративу аналитикии муқараршуда арзёбӣ мешавад. Афзалияти истифодаи низоми арзёбии фаъолияти гумрук имконият медиҳад, ки натиҷаҳои тадбирҳои мушахасро дар низоми гумрук таҳқиқ намуда, сипас тавассути қабули қарорҳои судманд сатҳу сифати фаъолияти гумрук баланд бардошта шавад. Вале то ҳол методи пурраи арзёбии идораи низоми гумрук коркард нашудааст. Бинобар ин, мо кӯшиш менамоем, ки дар раванди омӯзиши механизмҳои иқтисодиву ташкилии фаъолияти гумрук пешниҳодоти мушаххасро доир ба такмили муносибати методии арзёбии самаранокии идоракунии ин низом асоснок намоем, ки дар боби дуюм ҷой хоҳад гирифт.

# БОБИ II. АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ РУШДИ НИЗОМИ ГУМРУК ВА МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ ОН

## 2.1. Таҳлили ҳолати танзими гумрукии фаъолияти иқтисоди хориҷии ҷумҳурӣ

Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти иқтисодие, ки аз хусусигардонии объектҳои моликияти давлатӣ оғоз гардид, либерализатсияи фаъолияти савдои хориҷӣ ва нархҳо ба тағйирёбии шартҳои муносибатҳои иқтисодии берунӣ боис гардиданд. Дар марҳилаҳои аввали давраи гузариш ислоҳоти иқтисодӣ ва ташкили фаъолияти иқтисодии берунӣ бидуни таъминоти илмӣ ва консептуалӣ гузаронида шуд. Дар натиҷаи он, иштироки мамлакат дар мубодилаи байналмилалӣ ва алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ амалисозии манфиатҳои миллӣ ва бехатарии иқтисодии миллии мамлакатро таъмин карда натавонист. Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991-1994 раванди аз ҷумҳурӣ бидуни назорат хориҷ гардидани ҳаҷми бузурги арзишҳои моддӣ ва ғайримоддиро, ки тавассути меҳнати ҳамватанони мо дар давраи шӯравӣ ҷамъоварӣ шуда буданд, тезонид.

Яке аз сабабҳои чунин раванд дар он буд, ки соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми гумрук, ки он дар танзими иқтисодии фаъолияти иқтисодии берунӣ нақши асосӣ дорад, вуҷуд надошт. Пас аз ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ давлат барои муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ дар шароити либерализатсияи он диққати ҷиддӣ зоҳир намуд. Бинобар ин, ҳаллу фасли ин масъалаҳо диққати олимони ватаниро низ ҷалб намуд. Як гурӯҳ иқтисодчиён, аз ҷумла Н.Қ. Қаюмов[50] зарурати таъмини шаффофияти иқтисодиёти ватанӣ ва фаъол гардидани иштироки онро дар хоҷагии ҷаҳонӣ қайд намуда буданд. Гурӯҳи олимони ватанӣ таҳти роҳбарии академик Н.Қ. Қаюмов зарурати пурзӯр намудани таъмини шаффофияти иқтисодиёти ҷумҳуриро нисбат ба бозори ҷаҳонӣ асоснок карданд ва

---

[50] Каюмов Н.К. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития [Текст] / Н.К. Каюмов. - Душанбе, 2013. - С. 313.

якҷояшавии иқтисодиёти мамлакат бо хоҷагии ҷаҳонӣ (чун яке аз ҷанбаҳои калидии ислоҳоти иқтисодӣ) ба ташкил намудани низоми гумруки мувофиқ боис гардид. Ғояҳои асосноки гурӯҳи иқтисодчиён дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои аввалиндараҷаи амиқсозии дигаргуниҳои иқтисодӣ ва тезонидани гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ» аз 3 декабри соли 1994, таҳти №8 инъикоси худро ёфтанд. Амалиёти асъорӣ либерализатсия карда шуда, боҷҳои гумрукии содиротӣ барҳам дода шуданд ва бозори асъор ба фаъолият оғоз намуд, ки фаъолияти иқтисодии беруниро ҳавасманд мегардонад.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолии давлатӣ ҳамкориро бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ шурӯъ кард. Табиист, ки зарурати таҳлили қисмҳои таркибии асосии алоқаҳои он бо хоҷагии ҷаҳонӣ, яъне хосият ва дараҷаи дохил будан дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ва мубодилаи молҳо пайдо мешавад. Яке аз нишондиҳандаҳои нисбатан умумиқабулшуда ин таносуби гардиши савдои хориҷӣ, содирот ва воридот дар ММД мебошанд, ки сатҳи иштироки мамлакатро дар раванди хоҷагии байналмилалӣ ифода мекунад. Соли 2021 таносуби гардиши савдои хориҷӣ нисбат ба ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 72,1%-ро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли 2017 ба миқдори бештар аз 20 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст (ниг. ба ҷадв. 2.1).

Ҳаҷми содирот нисбат ба ММД дар соли 2021 24,4%-ро ташкил дод ва ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли 2017 ба андозаи 8,7 банди фоизӣ зиёд гардидааст. Дар мавриди воридот ҳаминро метавон қайд кард, ки ҳиссаи он дар ММД дар соли 2021 нисбат ба соли 2017 аз 36,4% то 47,8% афзоиш ёфтааст. Тавре мушоҳида мегардад, ҳиссаи воридот дар ММД нисбат ба ҳиссаи содирот дар ММД афзоиш ёфта истодааст. Умуман, раванди фаъоли иштироки ҷумҳурӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мушоҳида мегардад. Дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ аз 3972,9 то 6359,1 миллион доллар зиёд гардидааст. Мутаносибан ҳаҷми содирот аз 1198,0 то 2149,6 миллион доллар, ҳаҷми воридот аз 2774,9 то 4209,5

миллион доллар афзоиш ёфтаанд. Суръати афзоиши ҳаҷми содирот аз суръати афзоиши ҳаҷми воридот 1,2 маротиба (1,794/1,517) зиёд мебошад.

**Ҷадвали 2.1. Нишондиҳандаҳои асосии муносибатҳои иқтисоди берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | С.2021 нис. ба с. 2017, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. доллар | 7616,5 | 7848,8 | 8385,2 | 8399,2 | 8810,1 | 115,7 |
| Гардиши савдои хориҷӣ, миллион доллар | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,8 | 6359,1 | 160,0 |
| Содирот, миллион доллар | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,8 | 2149,6 | 179,4 |
| Воридот, миллион доллар | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 151,7 |
| Гардиши савдои хориҷӣ нисбат баММД, % | 52,1 | 53,8 | 53,9 | 54,2 | 72,1 | 20 б.ф. |
| Содирот нисбат ба ММД, % | 15,7 | 13,7 | 14,0 | 16,7 | 24,4 | 8,7 б.ф |
| Воридот нисбат ба ММД, % | 36,4 | 40,1 | 39,9 | 37,5 | 47,8 | 11,4 б.ф |

***Сарчашма*:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - Саҳ.12-14.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ ба алоқаҳои иқтисодии берунӣ дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан тавассути иштирок дар савдои ҷаҳонии молҳо сурат гирифта буд. Иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз воридоти доираи муайяни молҳо, пеш аз ҳама гурӯҳи молҳои сӯзишворӣ-ашёи хом ва инчунин молҳои зиёди истеъмолӣ, ба андозаи ниҳоят зиёд вобаста мебошад. Дар даҳ соли охир (солҳои 2011– 2021) ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ аз 4463,3 то 6359,1 миллион доллари ИМА афзоиш ёфтаст (ниг. ба ҷадв. 2.2). Дар ҷумҳурӣ ҳаҷми воридот аз ҳаҷми содирот зиёд буда, ҳамин тавр тамоюли манфии савдои хориҷӣ мушоҳида мешавад. Дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми воридот умуман ба андозаи 31,3% зиёд гардида, суръати афзоиши он аз суръати афзоиши содирот пастар мебошад, ки ин тамоюли мусбӣ мебошад. Дар ин давра таносуби содирот нисбат ба воридот аз 0,39 то 0,51 афзудасат. Тавре аз маълумоти дар ҷадвали 2.2 ва расми 2.1 овардашуда мушоҳида мегардад, сатҳи вобастагии иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз бозори берунӣ коҳиш ёфта истодааст.

**Ҷадвали 2.2. Динамикаи гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2021 (миллион доллари ИМА)**

| Солҳо | Гардиш | Содирот | Воридот | Салдо | Таносуби содирот нисбат ба воридот |
|---|---|---|---|---|---|
| 2011 | 4463,3 | 1257,3 | 3206,0 | -3561,5 | 0,39 |
| 2012 | 5138,1 | 1359,7 | 3778,4 | - 2418,7 | 0,36 |
| 2013 | 4988,8 | 943,4 | 4045,4 | - 3102 | 0,23 |
| 2014 | 5274,7 | 977,3 | 4297,4 | - 3320,1 | 0,23 |
| 2015 | 4326,2 | 890,6 | 3435,6 | - 2545 | 0,26 |
| 2016 | 3929,9 | 898,7 | 3031,2 | - 2132,5 | 0,30 |
| 2017 | 3972,9 | 1198,0 | 2774,9 | - 1576,9 | 0,43 |
| 2018 | 4224,3 | 1073,3 | 3151,0 | - 2077,7 | 0,34 |
| 2019 | 4523,7 | 1174,4 | 3349,3 | - 2174,9 | 0,35 |
| 2020 | 4557,8 | 1406,8 | 3150,9 | -1744,1 | 0,44 |
| 2021 | 6359,1 | 2149,6 | 4209,5 | -2059,9 | 0,51 |

***Сарчашма*:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. -2021, - Саҳ. 509-511; - 2022, - Саҳ. 310.




**Расми 2.1. Ҳолати содирот ва воридот дар гардиши савдои хориҷӣ**

***Сарчашма*:** Аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷадвали 2.2. тартиб дода шудааст.

Тавре ки аз расми 2.1 мушоҳида мегардад, дар давраи солҳои 2011-2021 зиёдшавии ҳаҷми содирот мушоҳида мегардад. Дар ин давраи таҳлилӣ ҳиссаи воридот дар гардиши савдои хориҷӣ аз 71,8 то 66% поён рафтааст.

Самти ҷуғрофии гардиши савдои хориҷии ҷумҳуриро метавон асосан бо кишварҳои ИДМ мушоҳида кард, ки тибқи таҳқиқоти олими ватанӣ Шарипов Б.М. дар самти содироти молҳо раванди содирот ба кишварҳои

хориҷи дур ва дар самти воридот бошад - воридот аз кишварҳои узви ИДМ бартарият дорад.[51] Дар давраи солҳои 2017-2021 гардиши савдои хориҷӣ бо мамлакатҳои ИДМ аз 2006,9 то 3120,1 миллион доллар боло рафтааст, ки афзоиши он 55,4%-ро ташкил дода, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии гардиши хориҷии мол ба 1,4 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ бо мамлакатҳои дигари ҷаҳон ба андозаи 71,7 % зиёд шуда, инчунин ҳиссаи он аз 49,5 то 50,9%, яъне 1,4 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Умуман, зиёдшавии ҳаҷми савдои хориҷӣ аз ҳисоби афзудани гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ бо мамлакатҳои дигари ҷаҳон ба амал омадааст (ниг. ба ҷадв. 2.3).

**Ҷадвали 2.3. Ҷуғрофияи гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (милл. доллар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | С.2021 нис. ба с. 2017, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои хориҷӣ, ҳамагӣ | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,8 | 6359,1 | 160,0 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Мамлакатҳои ИДМ | 2006,9 | 2348,3 | 2521,1 | 2357,8 | 3120,1 | 155,4 |
| Бо % | 50,5 | 55,6 | 55,7 | 51,7 | 49,1 | -1,4 бф |
| Мамлакатҳои дигари ҷаҳон | 1886,0 | 1876,0 | 2002,5 | 2199,9 | 3239,0 | 171,7 |
| Бо % | 49,5 | 44,4 | 44,3 | 48,3 | 50,9 | 1,4 бф. |

***Сарчашма*:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2022. - Саҳ. 311-312.

Аз нигоҳи ҳаҷм самти ҷуғрофии содирот ва воридоти молҳо асосан бо кишварҳои ИДМ мушоҳида мегардад. Сохтори ҷуғрофии содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки муносибатҳои савдоии мо аз рӯйи молҳои содиротӣ ба кишварҳои ИДМ равона шудааст. Дар давраи солҳои 2017-2021 ҳаҷми содирот ба мамлакатҳои ИДМ аз 430,7 то 574,6 миллион доллар зиёд гардида, афзоиши он 133,4 %-ро ташкил дод, вале ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии содирот ба 9,2 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

[51] Шарипов Б.М. Проблемы совершенствования внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан в контексте развития ее экспортного потенциала / Б.М. Шарипов, А.С. Холикзода // Таджикистан и современный мир. - 2020. - № 1(69). - С. 172-180. - EDN VWCXMB.

Ҳаҷми содирот ба мамлакатҳои дигари ҷаҳон бошад, беш аз 2 маротиба афзун гардида, ҳиссаи он низ ба 9,2 банди фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар ҳоли ҳозир, ба монанди солҳои 90-уми асри гузашта, ҳаҷми воридот аз кишварҳои ИДМ дар муқоиса бо воридот аз мамлакатҳои хориҷи дур бартарӣ дорад. Дар давраи солҳои 2017-2021 ҳаҷми воридот аз мамлакатҳои ИДМ беш аз 53,7% зиёд гардида, ҳиссаи он ба 0,8 банди фоиз, яъне аз 59,6 то 60,4% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми воридот аз мамлакатҳои дигари ҷаҳон низ аз 767,3 то 1278,1 миллион доллар ё бештар аз 49,3% афзоиш ёфтаст ва ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии воридот аз 49,2 то 60,4% зиёд гардидааст (ниг. ба ҷадв. 2.4).

**Ҷадвали 2.4. Нишондиҳандаҳои содиротӣ ва воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (миллион доллар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | С.2021 нис. ба с. 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Содирот** | | | | | |
| Ҳамагӣ, аз ҷумла: | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,8 | 2149,6 | 179,4 |
| Бо мамлакатҳои ИДМ | 430,7 | 530,3 | 449,9 | 289,4 | 574,6 | 133,4 |
| Бо % | 35,9 | 49,4 | 38,3 | 20,5 | 26,7 | -9,2 бф |
| Бо мамлакатҳои дигари ҷаҳон | 767,3 | 543,0 | 724,5 | 1117,4 | 1574,9 | 205,2 |
| Бо % | 64,1 | 50,6 | 61,7 | 79,4 | 73,4 | 9.2 |
| | **Воридот** | | | | | |
| Ҳамагӣ, аз ҷумла: | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 151,7 |
| Бо мамлакатҳои ИДМ | 1656,2 | 1818,0 | 2071,2 | 2068,4 | 2545,4 | 153,7 |
| Бо % | 59,6 | 57,7 | 61,8 | 65,6 | 60,4 | 0,8 бф |
| Бо мамлакатҳои дигари ҷаҳон | 1118,7 | 1333,0 | 1278,1 | 1082,5 | 1664,1 | 148,7 |
| Бо % | 40,4 | 42,3 | 38,2 | 34,3 | 39,6 | -0,8 бф |

***Сарчашма*:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2021, - Саҳ. 524-526, 531-534. - 2022, - Саҳ. 315-322.

Тамоюли болоравии ҳаҷми содирот ва умуман ҳаҷми гардиши молу воситаҳои нақлиёт бо кишварҳои ИДМ аз баланд гардидани равандҳои якҷояшавӣ ва ҳамкории зичи байниҳамдигарии низоми гумрук дар мамлакатҳои пасошӯравӣ дарак медиҳад. Дар маҷмуъ, ба андешаи мо, ба афзудани ҳаҷми гардиши савдои хориҷии мамлакат афзоиши иқтидори

иқтисодии мамлакат, дар амал татбиқ гардидани барномаҳои давлатии воридотивазкунанда ва тамоюл ба содиорот нигароиндашуда боис гардидаанд.

Содироти ашёи хоми ҷамъшуда, ба мисли солҳои пештара яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи савдои хориҷии ҷумҳурӣ боқӣ мемонад. Тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ ба молҳои асосии содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷанокии савдои хориҷӣ таъсири ниҳоят бузург мерасонанд.

**Ҷадвали 2.5. Динамика ва сохтори содироти молҳо тибқи гурӯҳҳои НМФИХ (Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | | 2021 | | Тағйирёбӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Миллион доллар | Бо % | Миллион доллар | Бо % | (-, +) | % банди фоизӣ | Афзоиш, % |
| Маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳайвоноти зинда (НМФИХ) | 18,6 | 1,55 | 39,9 | 1,85 | 21,3 | 0,3 | 2,1 мар. |
| Нӯшокӣ ва тамоку (НМФИХ) | 3,7 | 0,30 | 5,1 | 0,24 | 1,4 | -0,06 | 137,8 |
| Ашёи хоми ғайрихӯрокворӣ (НМФИХ) | 521,3 | 43,5 | 758,6 | 35,3 | 237,3 | -8,2 | 145,5 |
| Сӯзишвории минералӣ ((НМФИХ) | 53,7 | 4,48 | 97,2 | 4,52 | 43,5 | 0,04 | 181, |
| Равғани ҳайвонот ва растанӣ (НМФИХ) | 0,0 | - | 0,0 | - | 0,0 | - | - |
| Маводи кимиёвӣ (НМФИХ) | 3,2 | 0,26 | 12,7 | 0,59 | 9,5 | -0,06 | 3,9 мар. |
| Молҳои саноатӣ (НМФИХ) | 316 | 26,37 | 1189,1 | 55,3 | 873,1 | 28,9 | 3,7 мар |
| Мошинҳо ва таҷҳизоти нақлиётӣ (НМФИХ) | 40,8 | 3,40 | 18,5 | 0,86 | -22,3 | -2,54 | -54,6 |
| Маснуоти дигари тайёр (НМФИХ) | 26,6 | 2,22 | 25,2 | 1.17 | -1,4 | -1,05 | -5,2 |
| Молҳои ба категорияи дигар дохилнашуда (НМФИХ) | 213,8 | 17,8 | 2,4 | 0,11 | -211.4 | -17,7 | -98,9 |
| Молҳои дигари рамзнадошта | 0,3 | 0,025 | 0,9 | 0.04 | 0,6 | 0,015 | 3 мар. |
| Ҳамагӣ | 1198,0 | 100,0 | 2149,6 | 100,0 | 951,6 | - | 179,4 |

***Сарчашма***: Фаъолияти иқтисодии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе. - 2022. - Саҳ. 89.

Аз маълумоти ҷадвали 2.5 мушоҳида мегардад, ки дар давраи солҳои 2017-2021 ҳаҷми умумии содироти молҳо тибқи гурӯҳи Номгуи молҳои фаъолияти иқтисодӣ хориҷӣ (НМФИХ) ҳамагӣ ба андозаи 79,4% зиёд гардида, он аслан аз ҳисоби афзоиши содироти ашёи хоми ғайрихӯрокворӣ (45,5%), молҳои саноатӣ (3,7 маротиба), маводи кимиёвӣ (3,9 мар.), нӯшокӣ ва тамоку (37,8%), сӯзишвории минералӣ (81%) ва маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳайвоноти зинда (2,1 мар.) сурат гирифтааст.  Камшавии ҳаҷми содироти мошинҳо ва таҷҳизоти нақлиётӣ (-54,6%) ва молҳои ба категорияи дигар дохилнашуда (98,9%) ба назар мерасад.

Дар сохтори содирот маҳсулоти ашёи хоми содиршаванда бартарӣ дошта, ҳаҷми содироти он нисбат ба маҳсулоти тайёр ё коркардшуда тамоюли камшавиро дорад. Мувофиқи нишондодҳои маълумоти омори гумрукӣ дар соли 2021 аз ҷониби воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук ба миқдори 98963 адад декларатсияҳои гумрукии бор ба расмият дароварда шудаанд, ки аз ин шумора ба низоми гумрукии “Содирот” (ЭК-10) 16151 адад, ба низоми гумрукии “Иҷозат барои муомилоти озод” (ИМ-40) 81420 адад ва ба дигар низомҳои гумрукӣ 1392 адад декларатсияҳо мансубанд. Дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 таҳти низоми гумрукии “Содирот” ба миқдори 3283 адад декларатсияҳои гумрукии бор зиёд ба расмият дароварда шуда, шумораи декларатсияҳои гумрукии бор таҳти низоми гумрукии “Иҷозат барои муомилоти озод” ба расмият даровардашуда низ 11614 адад зиёд мебошад.

Соли 2021 гардиши мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 6359,1 млн. доллар баробар гардид, ки нисбат ба соли 2017 (3972,9 млн. доллар) 2386,2 млн. доллар ё 60% зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии гардиши мол 4106,0 млн. доллар ба воридоти мол бе назардошти ёрии башардӯстона ва 1786,0 млн. доллар ба содироти мол бе назардошти ёрии башардӯстона рост омада, мутаносибан воридот ба маблағи 1015,3 млн. доллар ё ба андозаи 33,0% ва содирот ба маблағи 476,0 млн. доллар ё 36,0% афзоиш ёфтааст. Дар сохтори умумии гардиши мол

ҳиссаи воридот ба 68,3% ва содирот ба 29,7% баробар буда, воридоту содироти ёрии башардӯстона 2,0%-ро ташкил медиҳад.

Дар соли 2021 аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи НМ ФИХ 75 номгӯи гурӯҳи молӣ ба хориҷи кишвар содир карда шудааст. Дар содироти молҳои ватанӣ вазни қиёсии асосиро металлҳои қиматбаҳо 45,3% ё ин ки 594,0 млн. доллар, маъданҳо ва консентратҳо 12,1% ё ин ки 158,3 млн. доллар, алюминий 10,4% ё ин ки 136,3 млн. доллар, нахи пахта 10,4% ё ин ки 136,0 млн. доллар, семент 4,6% ё ин ки 59,7 млн. доллар, ресмони пахтагӣ 2,8% ё ин ки 36,0 млн. доллар, сурма 2,5% ё ин ки 32,4 млн. доллар, маҳсулоти меваю сабзавот 1,5 % ё ин ки 19,5 млн. доллар, шарбатҳо ва шираи растаниҳо 0,5% ё ин ки 6,0 млн. доллар ва маҳсулоти тамоку 0,4% ё ин ки 4,6 млн. доллар ташкил медиҳанд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки содироти маҳсулоти меваю сабзавот нисбат ба соли 2019 ба андозаи 10518 тонна ва ба маблағи 1,4 млн. доллари ИМА афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда аз натиҷаи вусъат ёфтани боғу токпарварӣ дар кишвар ва зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Содироти маъданҳо ва консентратҳо дар ҳаҷми 125015 тонна, яъне ба маблағи 139 млн. доллари ИМА ва инчунин содироти алюминий дар ҳаҷми 9864 тонна, яъне бо маблағи 37,0 млн. доллар кам гардида, содироти нахи пахта ба андозаи 6044 тонна зиёд ва арзиши он бошад, ба маблағи 3,6 млн. доллари ИМА коҳиш ёфтааст.

Новобаста аз ифтитоҳи як қатор корхонаҳои нави истеҳсоли семент дар ҷумҳурӣ, дар соли 2021 содироти семент 1312,7 ҳазор тоннаро ташкил додааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2019 ба андозаи 224,6 ҳазор тонна ва ба маблағи 8,3 млн. доллар камтар буда, яке аз сабабҳои онро дар баста шудани сарҳадот арзёбӣ намудан мумкин аст.

Аз ҳаҷми умумии содирот 22,0% ё 288,6 млн. доллар ба кишварҳои хориҷи наздик ва 78,0% ё 1023,3 млн. доллар ба кишварҳои хориҷи дур рост меояд. Ҳаҷми асосии содироти мол бо давлатҳои Швейтсария 45,4%, Туркия 15,5%, Қазоқистон 11,6%, Афғонистон 5,3%, Ӯзбекистон 6,3%,

Хитой 2,6%, Россия 3,1%, Белгия 2,4% ва Италия 1,2%-ро ташкил медиҳад.

Дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 содироти мол ба кишварҳои Ӯзбекистон ба андозаи 89,7 млн. доллар, Туркия 30,8 млн. доллар, Хитой 21,1 млн. доллар, Эрон 8,8 млн. доллар, Россия 3,3 млн. доллар ва Қазоқистон 66,2 млн. доллар коҳиш ёфта, ин нишондод бо кишварҳои Швейтсария ба андозаи 370,0 млн. доллар, Афғонистон 30,0 млн. доллар, Белгия 11,2 млн. доллар, Италия 4,4 млн. доллар ва Покистон 3,8 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ коҳиш ёфтани ҳаҷми содирот ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, асосан, аз ҳисоби кам содир шудани алюминий, неруи барқ, маъданҳо ва консентратҳо, ба Туркия алюминий ва маснуоти барқӣ, ба Хитой нахи пахта, пӯст, маъданҳо ва консентратҳо, ба Ҷумҳурии Қазоқистон нахи пахта, маъданҳо ва консентратҳо, ба Эрон нахи пахта ва абрешим ба амал омадааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки гардиши тиҷорати хориҷӣ ва дар ин замина, таъмин намудани иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ аз фаъолияти муназзами дидбонгоҳҳои гумрукии наздисарҳадӣ, ки тавассути онҳо интиқоли молу воситаҳои нақлиёт сурат мегирад, вобастагӣ доранд.

Дар давраи мавриди таҳлил (2017-2021) ҳаҷми воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳайвоноти зинда ба 11,1 млн. доллар (124,4%), равғани ҳайвонот ва растанӣ 13,3 млн. доллар (121,0%) ва сӯзишвории минералӣ 281,4 млн. доллар (155,3%) зиёд гардидааст. Ин тамоюл хислати манфӣ дорад, зеро он ба истеҳсолоти молҳои ғизоии ватанӣ фишор оварда, боиси берун аз иқтисодиёти кишвар интиқол ёфтани даромади ҷомеа мегардад. Дар сохтори воридоти молҳои саноатӣ бошад, тамоюли коҳишёбӣ мушоҳида мегардад, ки воридоти онҳо дар давраи таҳлилӣ аз 18,9 то 16,8% ё бештар аз 2,1 банди фоизӣ кам гардидааст (ниг. ба ҷадв.2.6). Ин аз баланд гардидани сатҳи истеҳсолоти худӣ дар ҷумҳурӣ далолат мекунад.

Бояд қайд кард, ки қисмати бештари молҳои воридшуда мустақиман ба татбиқи имтиёзҳои андозию гумрукӣ вобастагӣ дорад. Имтиёзҳои

пешниҳодшуда бошанд, бо мақсади беҳтар кардани фазои сармоягузории кишвар, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, ҳамчунин, бо таҷҳизоти истеҳсолию технологии муосир муҷаҳҳаз намудани корхонаҳои истеҳсолӣ, даст кашидан аз автомашинаҳои куҳна ва нав кардани парки автомобилӣ, сохтмони объектҳои муҳим ва ғайра равона шудаанд, ки яке аз воситаҳои ҷалби сармоя ва рушди иқтисодиёт мебошад.

**Ҷадвали 2.6. Динамика ва сохтори воридоти молҳо тибқи гурӯҳҳои НМФИХ (Номгумолҳои фаъолияти иқтисодӣ хориҷӣ (миллион доллар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | | 2021 | | Тағйирёбӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Миллион доллар | Бо % | Миллион доллар | Бо % | Воридот (-, +) | %, банди фоизӣ | Афзоиш, % |
| Маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳайвонотизинда (НМФИХ 0) | 514,8 | 18,5 | 801,8 | 19,0 | 287 | 0,5 | 155,7 |
| Нӯшокӣ ва тамоку (НМФИХ 1) | 38,0 | 1,37 | 49,1 | 1,14 | 11,1 | - 0,23 | 129,2 |
| Ашёи хоми ғайрихӯрокворӣ (НМФИХ 2) | 103,1 | 3,71 | 165,8 | 3,93 | 62,7 | 0,22 | 160,8 |
| Сӯзишвории минералӣ (НМФИХ 3) | 475,5 | 17,1 | 756,9 | 18,0 | 281,4 | 0,9 | 159,2 |
| Равғани ҳайвонот ва растанӣ (НМФИХ 4) | 76,5 | 2,75 | 93,8 | 2,22 | 17,3 | - 0,53 | 122,6 |
| Маводи кимьёӣ (НМФИХ 5) | 374,4 | 13,5 | 439,0 | 10,42 | 64,6 | -3.08 | 117,2 |
| Молҳои саноатӣ (НМФИХ 6) | 527,1 | 18,9 | 708,3 | 16,8 | 181,2 | - 2,1 | 134,3 |
| Мошинҳо ва таҷҳизоти нақлиётӣ (НМФИХ 7) | 494,5 | 17,8 | 978,7 | 23,2 | 484,2 | 5,4 | 197,9 |
| Маснуоти дигари тайёр (НМФИХ 8) | 153,6 | 5,53 | 209,3 | 4,97 | 55,7 | - 0,56 | 136,2 |
| Молҳои ба категорияи дигар дохилнашуда (НМФИХ 9) | 16,9 | 0,61 | 5,9 | 0,14 | - 11 | - 0,47 | -65,0 |
| Молҳои дигари рамзнадошта | 0,5 | 0,018 | 0,9 | 0,02 | 0,4 | 0,002 | 180,0 |
| Ҳамагӣ | 2774,9 | 100,0 | 4209,5 | 100,0 | 1434,6 | - | 151,7 |

***Сарчашма***: Фаъолияти иқтисодии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2022. - Саҳ. 89.

Дар соли 2021 мувофиқи НМ ФИХ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 97 номгӯи молу маҳсулот ворид карда шудааст. Дар сохтори воридот (бе дарназардошти ёрии башардӯстона) вазни қиёсии асосиро

молҳои зерин, ба монанди маҳсулоти нафтӣ 8,8% ё ин ки 272,6 млн. доллар; гандум 7,9 % ё ин ки 243,2 млн. доллар; гази моеъ 5,8% ё ин ки 177,4 млн. доллар; воситаҳои нақлиёти сабукрав 3,8% ё ин ки 116,0 млн. доллар; оксиди алюминий (глинозем) 2,9 % ё ин ки 89,1 млн.доллар; равғани растанӣ 2,9% ё ин ки 89,4 млн. доллар; чӯбу тахта 2,2% ё ин ки 68,1 млн. доллар; шакар 1,9% ё ин ки 57,1 млн. доллар; гӯшти мурғ 1,0% ё ин ки 31,8 млн. доллар; нуриҳои минералӣ 1,4% ё ин ки 44,2 млн. доллар; меваю сабзавот 0,8% ё ин ки 26,1 млн. доллар ташкил медиҳанд.

Бо вуҷуди он, ки дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 содироти семент коҳиш ёфтааст, воридоти он низ 8 548 тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2019 ба андозаи 12,4 ҳазор тонна ва ба маблағи 856 ҳазор доллар камтар мебошад.

Новобаста аз фаъолият намудани корхонаҳои истеҳсоли орд дар кишвар, воридоти гандум ба миқдори 91 041 тонна кам гардида, воридоти орд ба миқдори 4 110 тонна афзоиш ёфтааст, ки албатта, ин ба баландшавии арзиши гандум дар кишварҳои истеҳсолкунанда рабт дорад. Бо ифодаи арзиш, барои харидорӣ ва ворид намудани гандум аз хориҷи кишвар, дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 20,5 млн. доллар маблағи бештар равона гардидааст.

Дар соли 2021 воридоти маҳсулоти нафтӣ 583569 тоннаро ташкил додааст, ки ин нисбат ба соли 2019 ба андозаи 79,5 ҳазор тонна зиёд мебошад ва воридоти гази моеъ бошад, 420579 тоннаро ташкил намуда, ба миқдори 10,3 ҳазор тонна коҳиш ёфтааст. Бо сабаби дар бозори ҷаҳонӣ коҳиш ёфтани арзиши нафт арзиши гумрукии маҳсулоти нафтӣ 56,0 млн. доллар ва гази моеъ 16,8 млн. доллар коҳиш ёфтааст.

Аз ҳаҷми умумии воридот 66,0% ё худ 2056,4 млн. доллар ба кишварҳои хориҷи наздик ва 34,0% ё ин ки 1082,5 млн. доллар ба кишварҳои хориҷи дур мансубанд. Воридоти асосии мол аз рӯйи нишондоди фоизӣ ба давлатҳои Россия 29,7%, Қазоқистон 24,1%, Хитой 14,0%, Ӯзбекистон 7,6%, Туркия 3,8%, Германия 2,9%, Белоруссия 1,7%,

Ҷумҳурии Корея 1,7%, ИМА 1,2%, Эрон 1,5%, ва Ҷопон 1,5% рост меояд.

Дар се соли охир, яъне дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 воридоти мол аз кишварҳои Хитой ба андозаи 167,1 млн. доллар, Покистон 34,3 млн. доллар, Ҷопон 19,8 млн. доллар, Россия 76,6 млн. доллар, Туркия 23,9 млн. доллар, Италия 11,7 млн. доллар, Украина 11,1 млн. доллар ва Қирғизистон 14,3 млн. доллар коҳиш ёфта, ин нишондод аз кишварҳои Ӯзбекистон ба андозаи 68,5 млн. доллар, Белоруссия 25,9 млн. доллар, Австрия 24,2 млн. доллар, Ҷумҳурии Корея 19,6 млн. доллар ва Қазоқистон 18,2 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ коҳиш ёфтани ҳаҷми воридот аз кишвари Туркия, асосан, аз ҳисоби кам ворид гардидани таҷҳизот ва асбобҳои барқӣ, аз Хитой дастгоҳҳои наворбардорӣ, тамоку ва маҳсулоти бофандагӣ, аз Покистон меваю сабзавот ва доруворӣ, аз Ҷопон сӯзишворӣ ва воситаҳои нақлиёт, аз Россия воситаҳои нақлиёт, асбобҳои барқӣ ва резина, аз Италия дастгоҳҳои механикӣ ва таҷҳизот, аз Украина шакар, какао ва зардеворӣ, аз Қирғизистон воридоти маҳсулоти нафтӣ, шиша ва сафолӣ ба вуҷуд омадааст.

Бояд дарҷ намуд, ки дар натиҷаи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардидани тадбирҳо ҷиҳати саноатикунонии соҳаҳои истеҳсолӣ ва дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, истеҳсоли як қатор молҳо дар дохили ҷумҳурӣ рушд карда, воридоти ин навъи молҳо аз хориҷи кишвар давра ба давра коҳиш ёфта истодааст.

Дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 сатҳи коҳишёбии воридот чунин мушоҳида мегардад:

- гӯшти мурғ ба миқдори 9 847 тонна ё 40,7%;
- тухми паранда 24,2 млн.дона ё 60,0%;
- шакар 18 382 тонна ё 11,3%;
- биринҷ 437 тонна ё 1,0%;
- чӯбу тахта 17 126 тонна ё 15,0%;
- маҳсулоти ширӣ 284 тонна ё 3,4%;

- гандум 91 041 тонна ё 8,4%;
- ҳасибҳо 383 тонна ё 9,8%;
- маҳсулоти қаннодии какаодор 881 тонна ё 8,5%;
- маъданҳо ва консентратҳо 2 857 тонна,ё 28,2%;
- оби минералӣ 517 ҳазор литр ё 3,3%;
- оби ҷав 300 ҳазор литр ё 9,4%;
- коғаз ва картон 4 685 тонна ё 13,6%;
- семент 12 392 тонна ё 59,2%;
- ришта 400 тонна ё 8,7%;
- қолинҳо 1 030 тонна ё 35,9%;
- шиша ва маснуот аз он 2 383 тонна ё 5,0%;
- трансформаторҳои барқӣ 543 тонна ё 16,9%;
- мебел 6 630 тонна ё 40,1% ва ғайра.

Ҳамзамон бояд дарҷ намуд, ки новобаста аз давра ба давра татбиқ гардидани Барномаи давлатии рушди содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, нишондиҳандаҳо дар самти коҳиш додани воридоти молҳои воридотивазкунанда қаноатбахш нестанд. Масалан, дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 воридоти картошка 14086 тонна, орд 4110 тонна, маҳсулоти коркарди меваю сабзавот 1438 тонна, хӯроки тайёр барои ҳайвонот 38713 тонна, равғани растанӣ 1357 тонна, ангишт 38880 тонна, гаҷ ва маҳсулот аз гаҷ 2915 тонна, пластмас ва маснуот аз он 182 тонна, маҳсулот аз санг, семент, азбест 27 197 тонна, филизоти сиёҳ ва маснуот аз он 66 165 тонна ва ғайра афзоиш ёфтааст.

Аз натиҷаҳои таҳлили боло тамоюли устувори суръати пешгузарандаи ҳаҷми воридот аз содирот мушоҳида карда мешавад. Аз ёздаҳ гурӯҳи молҳои содиротшаванда се гурӯҳи молҳои содиротшаванда – нӯшокӣ ва тамоку, ашёи хоми ғайрихӯрокворӣ, сӯзишвории минералӣ ва молҳои ба категорияи дигар дохилнашуда тамоюли мусбат доштанд.

Аз маълумоти болозикр чунин бармеояд, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар ҳолати вобастагӣ боқӣ монда, имкониятҳои

иқтидории онро барои якҷояшавӣ бо хоҷагии ҷаҳонӣ коҳиш медиҳад. Аз ин лиҳоз, масъалаи бартараф кардани камбудиҳои номбаршудаи дар роҳи рушди ҳамкории иқтисодии берунӣ қарордошта бояд самти муҳимтарини сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ гардад. Фаъолона ба тарафи тақсимоти байналмилалии меҳнат кашидани ҷумҳурӣ метавонад барои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои якҷояшавӣ мусоидат намояд. Чунки дар шароити ҷаҳонишавӣ якҷояшавии минтақавӣ яке аз самтҳои муҳимтарини рушди робитаҳои иқтисодии берунӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ин, Ҳукумати ҷумҳурӣ имрӯзҳо барои коҳиш додани вобастагии иқтисодиёти мамлакат аз бозори берунӣ тадбирҳои қатъӣ меандешад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон дар соҳаи ба пеш ҳаракат додани сиёсати иқтисодии берунии худ муваффақиятҳои назаррасро соҳиб шудааст, вале дигаргуниҳои институтсионалии соҳаи муносибатҳои иқтисодии берунӣ, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ амалӣ гардида истодаанд, боиси зарурати ташаккули хосияти нави муносибатҳо бо ҷаҳони берунӣ гардиданд.

Сиёсати соҳаи муносибатҳои иқтисодии берунӣ, ҳам дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои дутарафа ва ҳам дар доираи ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ ва минтақавӣ, густариш ёфтаанд. Истифодаи механизми фаъолияти иқтисодии берунӣ дар самти баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти мамлакат ва иқтисодиёти минтақаҳо дар маркази сиёсати иқтисодии берунии ҷумҳурӣ қарор дорад.[52]

Такмили сиёсати иқтисодии берунии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, ба асосноккунии консептуалии сиёсати «дарҳои кушод» ва умуман иқтисодиёти кушод вобаста аст. Ба андешаи мо, иқтисодиёти кушод ҳадафи асосии сиёсати иқтисодӣ ва иқтисодии берунии ҷумҳурӣ набуда, балки воситаи ҳаллу фасли вазифаҳои муҳими миллӣ мебошад, ки барои ҳалли

---

[52] Мирсаидов А.Б. Институциональные основы развитие внешнеэкономической деятельности регионов Республики Таджикистан [Текст] / А.Б. Мирсаидов // Научно - политический журнал Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. - 2017. - №2 - С. 68-80.

манфиатҳои муайяни миллӣ (давлатӣ) равона шудааст.

Иқтисодиёти кушод маънои бемамониат берун бурдани захираҳои табиӣ ва ашёи хомро на бо нархи ҳамарзиш (демпингӣ) дорад, балки афзалияти истифодаи оқилона ва самараноки иқтисодиёти байналмилалӣ ва робитаҳои хоҷагии ҷаҳониро бо мақсади бартарафсозии фаврии ноустувории иқтисодиёти ватанӣ, гузаронидани бозсозии сохторӣ дар самти саноатикунонии иқтисодиёт ва дар заминаи амалисозии рушди босифати иқтисодиёт навсозии онро дар назар дорад.

Истилоҳи «иқтисодиёти кушод» аксар вақт дар доираи баҳсҳо оид ба масъалаи либерализатсияи фаъолияти иқтисодии берунӣ мавриди истифода қарор гирифта, муҳтавои он ошкорнашуда боқӣ мемонад. Мафҳуми «иқтисодиёти кушод» ба тарзи гуногун муайян карда мешавад, ки якчанд намунаҳои баррасии он дар зер оварда шудаанд:

– бекор кардани монополияи савдои хориҷӣ, вале нигоҳ доштани методҳои маъмурӣ ва иқтисодии танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ;

– бекор кардани монополияи савдои хориҷӣ ва методҳои танзими маъмурӣ;

– бекор кардани ҳар гуна маҳдудиятҳо дар фаъолияти иқтисодии берунӣ ва танзими давлатии фаъолияти иқтисодии берунӣ.

Бидуни аниқ кардани муҳтавои мафҳуми «иқтисодиёти кушод» оид ба масъалаи либерализатсияи фаъолияти иқтисодии берунӣ баҳс намудан мушкил аст. Албатта, муайян намудани раванди якҷояшавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ низ кори осон нест, чунки бо дарназардошти мавҷуд будани ихтилофот дар ин раванд тафсири мушаххаси он мушкил мебошад.

Пеш аз ҳама, саволе ба миён меояд - якҷояшавӣ бо робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ба манфиати кӣ амалӣ карда мешавад? - ба манфиати хоҷагии ҷаҳонӣ (иттиҳод, ҷамъият) ё ба манфиати ҷумҳурӣ? Дар ин раванд метавонад дар байни манфиати ҷумҳурӣ ва дигар мамлакатҳо (иштирокчиёни хоҷагии ҷаҳонӣ) ихтилофот пайдо шаванд. Масъалаи

дигар ин аст, ки оё якҷояшавӣ имконият медиҳад, ки ба фаъолияти иқтисодии берунии ҷумҳурӣ маҳдудиятҳое, ки мутобиқи манфиатҳои миллии он мебошанд ва дигар масъалаҳои дар раванди таҳлили муфассали ин масъала пайдошаванда муқаррар карда шаванд? Бори дигар таъкид менамоем, ки «иқтисодиёти кушод» ва якҷояшавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба иқтисодиёти ҷаҳон ҳадафи асосии ислоҳоти иқтисодӣ ва либерализатсияи иқтисоди берунӣ нест.

Баланд бардоштани сатҳи амалкарди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар асоси бозсозии сохторию технологии он, бо истифода аз афзалияти иштирок дар робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, ҳадафи асосии сиёсати иқтисодии мамлакат мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки умуман иқтисодиёти комилан кушод вуҷуд надорад, аз ин рӯ, дар ҷумҳурӣ наметавонад он мутлақо кушод бошад. Иқтисодиёти кушод ба фаъол гардидани иловашавии ашёи хоми мамлакатҳои тараққикарда боиси гардида, маҳсулоти тайёри ватаниро ҳатто дар бозори дохилии худӣ ба фурӯш баромардан имконнопазир мегардад. Бинобар ин, сиёсати иқтисодии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои ҳимояи манфиатҳои миллии худ нигаронида шуда, сатҳи кушодии иқтисодиёти ватанӣ бояд ба эҳтиёҷоти саноатикунонии мамлакат ва ҳалли масъалаҳои амалигардонии бозсозии сохтории сифатнок мутобиқат намояд. Аммо, бояд таъкид кард, ки якҷояшавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо хоҷагии ҷаҳонӣ дар шароите, ки ба манфиатҳои миллии он мутобиқат намояд, раванди тӯлонӣ ва аз ҳад зиёд мебошад. Муваффақияти ин раванд аз баланд бардоштани сатҳи самаранокии иқтисодиёт ва рақобатпазирии он вобаста мебошад.

Дар ҳоли ҳозир оид ба нақши давлат дар танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ ва танзимгароне, ки он қабул мекунад, пеш аз ҳама тавассути қисматҳои низоми гумрук баҳсу мунозираҳо вуҷуд доранд.

Дар адабиёти иқтисодӣ дар аксар маврид зарурати танзими давлатии фаъолияти иқтисодии берунӣ қайд мегардад, вале чаҳорчӯба ё

маҳдудиятҳои зерини вазифаи танзимкунандагии давлат муайян карда мешаванд:

- муайян кардани қоидаҳои фаъолият ё рафтори иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ;
- коркарди механизми ҳуқуқӣ ва назорат ҷиҳати риояи он.

Чунин шарҳ, алалхусус қисми дуюми онро, бо танзимгари ҳаракати нақлиёт дар роҳҳо муқоиса намудан мумкин аст, ки давлат онҳоро на ин ки идора, балки танзим мекунад.

Инчунин мавқеи дигари нисбатан қобили қабуле вуҷуд дорад, ки ду вазифаи дар боло номбаршудаи давлатро таҳия намуда, на танҳо истифодаи онҳоро дар иқтисодиёт ифода менамояд, балки амалисозии идоракунии фаъолияти иқтисодии беруниро нишон медиҳад.

Олим-иқтисодчии рус А. Илларионов қайд менамояд, ки либерализатсияи фаъолияти иқтисодии берунӣ ҳангоми набудани идоракунии самараноки давлатии он боиси маҳдуд шудани манфиатҳои иқтисодиёти миллӣ гардида, барои бехатарии миллӣ таҳдид ворид месозад. Дар ҳақиқат, мавҷуд набудани барномаи аниқи танзими давлатии фаъолияти иқтисодии берунӣ ва вуҷуд доштани ихтилофот дар байни чораҳо оид ба танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ қабул мекунанд, барои рушди иқтисодиёти мамлакат оқибатҳои манфӣ меоранд.

Қайд кардан зарур аст, ки афзуншавии гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ дар солҳои охир аз ҳисоби зиёд шудани воридоти маводи ғизоӣ, маҳсулоти саноатии таъйиноти истеъмолидошта ва молҳои дуюмдараҷаи таъйиноти истеҳсолию техникӣ, пеш аз ҳама, тамоми махсулоти соҳаҳои сохтмон мебошад. Ҳамаи ин боиси коҳиш ёфтани истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноатӣ гардиданд. Бояд қайд кард, ки дар сохтори содирот ва воридоти мамлакат сохтори манфӣ ба назар мерасанд. Дар таркиби содирот таносуби бузургро ашёи хом ташкил кардаанд. Масалан, молҳои калидии содиротшаванда алюминии аввалия мебошад, ки тақрибан 24,0%, маъдани

тозакардашуда то 20,0%, нахи пахта 13,5% ва неруи барқ 4,9%-ро ташкил кардаанд. Дар сохтори молҳои воридотӣ бошад, маҳсулоти нефтӣ зиёда аз 12 %, гандум 6 %, гази моеъ 5%, гилхок 2,5 % ва орд 1,9%-ро ташкил мекунанд. Чунин сохтори гардиши савдои хориҷӣ таҳдид ба амнияти озуқаворӣ ва технологии мамлакат мебошад. Дар айни замон дар сохтори бахши истеъмолот воридоти маводи ғизоӣ зиёда аз 45%-ро ташкил мекунад ва қарзи берунии ҷумҳурӣ низ хеле зиёд гардидааст.

Ҳамин тавр, таҳлили фаъолияти иқтисодии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир зарурати ислоҳи самтгирии Ҳукумати мамлакатро дар самти таъмини тағйири сифатии фаъолияти иқтисодии берунӣ тасдиқ мекунад. Ба ақидаи мо, асоси ин сиёсат бояд барномаи комплексии рушди фаъолияти иқтисодии берунии мамлакат гардад, ки қисмҳои таркибии муҳими он бояд масъалаҳои таъмини бехатарии берунии ҷумҳурӣ, ташкили мубодилаи савдои хориҷии муфид тавассути коркард ва амалигардонии стратегияи содирот ва воридот, ҷалб ва истифодаи сармоягузории хориҷӣ ва барномаи бетаъсир кардани салдои манфии гардиши савдои хориҷӣ бошанд.

## 2.2. Арзёбии механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии низоми гумрук

Низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз ба як ниҳоди муҳими давлатии фарогирандаи комплекси қисматҳои иқтисодию ҳуқуқии хосияти бисёрсоҳадошта табдил ёфтааст. Рушди низоми гумрук инчунин ниҳоди фаъоли тағйирёбии бозории иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва ташаккули бахши иқтисодии берунии иқтисодиёт гардид. Низоми гумрук дар давраи фаъолияти худ ба яке аз омилҳо ва воситаҳои рушди иқтисодиёти мамлакат мубаддал гардидааст. Дар ин ҷо, нақш ва аҳамияти танзими гумрукии фаъолият оид ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодиёти миллии бозори дохилӣ ва инчунин вазифаи сарчашмаи устувори ғани гардонидани буҷети давлатӣ, дар маҷмуъ захираҳои молиявии давлат, дар назар дошта шудааст.

**Ҷадвали 2.7. Динамикаи нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи мақоми низоми гумрук дар механизми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2021 | Тағйирот | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Мутлақ | Нисбӣ, % |
| ММД (бо нархи ҳамон солҳо), миллион сомонӣ | 64434,3 | 98910,7 | 34476,4 | 153,5 |
| ММД бо миллион доллар | 7616,5 | 8810,1 | 1193,6 | 115,7 |
| Гардиши савдои хориҷӣ, миллион доллар | 3972,9 | 6359,1 | 2386,2 | 160,0 |
| Бо % нисбат ба ММД | 52,1 | 72,2 | - | 20,1 пп |
| Даромади буҷети давлатӣ, миллион сомонӣ | 23307,3 | 30053,8 | 6746,5 | 128,9 |
| Бо % нисбат ба ММД | 36,1 | 30,3 | - | - 5,8 |
| Пардохтҳои гумрукии ба буҷети давлатӣ гузаронидашуда, миллион сомонӣ | 7668,12 | 7788,6 | 120,5 | 101,6 |
| Бо % нисбат ба даромадҳои буҷети давлатӣ | 32,9 | 25,9 | - | -7 пп |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2022. - Саҳ. 12-14.

Маълумоти ҷадвали 2.7 мақоми низоми гумрукро дар рушди иқтидори иқтисодии ҷумҳурӣ муайян намуда, аз он далолат мекунад, ки гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ, ки тавассути механизми иқтисодию ташкилии низоми гумруки ҷумҳурӣ хизмат расонида мешавад, соли 2021 6359,19 миллион долларро ташкил дода, ба 72,2%-и ММД-и мамлакат баробар гардидааст. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли 2017 тамоюли болоравиро дорад. Ба андешаи мо, сабаби асосии ин тамоюлро зиёд гардидани ҳаҷми содироти маҳсулот ташкил медиҳад. Дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми ММД бо нархи ҳамон солҳо бештар аз 53,5% зиёд гардида, мутаносибан ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ тақрибан зиёда аз 29% афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ дар ММД дар давраи солҳои 2017-2021 ба миқдори 5,8 банди фоизӣ кам гардида бошад ҳам, пардохтҳои гумрукии ба буҷети давлатӣ гузаронидашуда аз 7668,12 то 7788,6 миллион сомонӣ, яъне беш аз 1,6% афзоиш ёфтааст.

Таҳлили фаъолияти низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир нишон медиҳад, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ ниҳоди давлатии мукаммали муосири бисёрвазифавии фаъолияти гумрук амал мекунад, ки барои иҷрои нақши муҳим, на танҳо дар низоми танзими робитаҳои иқтисодии берунӣ,

балки дар маҷмуъ, барои танзими иқтисодиёт нигаронида шудааст. Ба он такмили мунтазами механизмҳои иқтисодӣ ва ташкилии низоми гумрук мусоидат намудаанд.

Зери мафҳуми механизмҳои низоми гумрук маҷмуи унсурҳои ҷудогонаеро дарк кардан мумкин аст, ки барои таъмини амалигардонии вазифаҳои низоми гумрук равона карда шудаанд. Ба чунин қисматҳо ё механизмҳо дар навбати аввал инҳо мансуб дониста мешаванд:

– механизмҳои пешгӯйӣ ва банақшагирии фаъолияти гумруки мамлакат;

– механизмҳо ва методҳои идоракунии захираҳои молиявӣ;

– ташкили низоми ҳавасмандгардонии иқтисодии ҳайати кормандони низоми гумрук, муносибатҳои меҳнатӣ.

Дар мавриди идоракунии низоми гумрук, пеш аз ҳама, бояд ба истифодаи механизмҳои фаъолияти иқтисодии гумрук такя намуд. Фаъолияти иқтисодии мақомоти гумрук ба механизмҳои истифодаи самараноку судманди захираҳо дар раванди иҷрои вазифаҳои гумрук, ки дар шакли хизматрасониҳои гумрукӣ рӯйи кор меояд, алоқамандӣ дорад. Сохтори фаъолияти иқтисодии низоми гумрук дар расми 2.2 оварда шудааст.

Бояд хотиррасон кард, ки механизмҳои иқтисодии низоми гумрук аз механизмҳои иқтисодии дар ниҳодҳои дигари ҳокимияти давлатӣ амалкунанда тафовут дорад. Механизмҳои иқтисодии низоми гумрук барои ҷумҳурӣ нав буда, таҷрибаи кофӣ надоранд ва дар марҳилаи такмилёбии доимӣ қарор доранд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки механизми иқтисодии низоми гумрук ҳанӯз бо заминаҳои методологӣ ва асноди қонунгузории дахлдор ба таври кофӣ таъмин карда нашудаанд. Онҳо низоми гумрукро комилан хизмат мерасонанд, вазифаҳои гуногун ва сершумори ташкилотҳоро иҷро менамоянд ва зимнан дар низоми муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо ташкилотҳои гуногун баромад намуда, бо механизмҳои иқтисодии онҳо мукотиба анҷом медиҳанд.




**Расми 2.2. Сохтори фаъолияти иқтисодии низоми гумрук**

***Сарчашма*: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.**

Дар фаъолият ё механизми иқтисодии низоми гумрук омилҳои бисёри хосияти соҳавӣ ва минтақавидошта таъсир мерасонанд. Масалан, амалкарди омили соҳавӣ бевосита бо он алоқаманд мебошад, ки унсурҳои низоми гумрук ҳолати рушди фаъолияти иқтисодии берунии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳуриро муайян мекунанд, чунки онҳо агенти бахши иқтисодиёти берунӣ, пеш аз ҳама, танзимкунандаи содирот ва воридот мебошад.

Дар мавриди таъсири омили минтақавӣ бошад, ҳаминро метавон қайд кард, ки таъсири ин гуна омилҳо дар ду самт зоҳир мегардад:

а) наздикшавии дидбонгоҳои гумрукии мақомоти гумрук бевосита ба минтақаҳо ё ҳудудҳои мамлакат, ки дар он ҷойҳо субъекти хоҷагидори минтақа иштирокчии фаъолияти иқтисодии берунӣ мебошад;

б) мақомоти гумруки дар сарҳадҳо ва дохили мамлакат ҷойгирбуда дар маҷмуъ манфиатҳои миллии кишварро ҳимоя мекунанд.

Хусусияти муҳими низоми гумрук дар он таҷассум меёбад, ки он ҳам ба шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам ба шахсони воқеӣ хизмат мерасонад. Дар маҷмуъ, механизмҳои системаи идоракунии низоми гумрук ҳам методҳои маъмурӣ ва ҳам методҳои бозоргониро узван бо ҳам пайваст менамояд.

Масалан, ҳаҷми пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ, ки онҳоро давлат муайян мекунад, методи марказонидашудаи банақшагирӣ буда, ҳамчун методи маъмурии идоракунӣ баромад мекунад. Инчунин хироҷи гумрукӣ барои додани шаҳодатнома ба мутахассисони барасмиятдарории гумрукӣ, хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ, хироҷи гумрукӣ барои мушоияти молу воситаҳои нақлиёт ва хироҷи гумрукӣ барои нигаҳдории муваққати молу воситаҳои нақлиёт, ки пулакӣ иҷро карда мешавад ба методҳои бозоргонии фаъолият ва идоракунии низоми гумрук мансуб мебошанд. Қисмати захираҳои молиявии аз ин намуди фаъолият дарёфтшуда манбаи ташаккули фонди рушди низоми гумрук мебошад.

Ба механизми иқтисодии низоми гумрук ниҳодҳои бозори молиявӣ таъсири калон мерасонанд, чунки тавассути онҳо ҳаракати воситаҳои молиявии ба буҷет воридшаванда мегузаранд. Дар ҳақиқат низоми гумрук ба низоми ҳамкории байниҳамдигарӣ бо бонкҳои сершумор (филиалҳои онҳо) дохил мешавад. Аз ин рӯ, кормандони низоми гумрук бояд дорои донишҳои молиявӣ бошанд, муҳтавои иқтисодии фаъолияти бонкҳоро донанд, қобилияти ҳаллу фасли низоми суғуртаро, алалхусус масъалаи суғуртаи захираҳои пулӣ аз хатарҳо, ки дар низоми бонкӣ ҷой доранд, дошта бошанд.

Яке аз хусусиятҳои механизми иқтисодии низоми гумрук низоми маблағгузории онҳо мебошад. Ба ҳайси манбаи дастгирии молиявии фаъолияти низоми гумрук ҳам маблағгузории буҷетӣ ва ҳам захираҳои фонди худии рушди низоми гумрук баромад мекунанд, ки аз ҳисоби захираҳои хизматрасониҳои ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ дарёфтшаванда ташаккул меёбанд. Охирӣ таъйиноти мақсаднок дошта, барои пардохти музди меҳнати кормандони низоми гумрук истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр, низоми гумрук дорои ҳолати фаъолият аз рӯйи принсипи худтаъминкунӣ буда, ин хусусияти на он қадар муҳими онро муайян менамояд.

Ҷамъбасти маълумоти болозикр аз мураккабии механизми низоми

таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад, ки аз унсурҳои сершумори бо ҳам алоқаманд иборат аст. Ҳар як унсур ҷойи муайяни худ ва умуман сатҳи ба низом таъсиррасониданро дорад.

Зимнан, ба эътибор нагирифтани унсури алоҳида номумкин аст, чунки метавонад занҷири ягонаро, ки аз фаъолияти хуб ба роҳмондашудаи ҳар як унсури механизми низоми гумрук иборат мебошад, барҳам диҳад. Бо вуҷуди ин, барои ҳамоҳанг ва устувор гардонидани фаъолияти системаи механизми иқтисодии низоми гумрук мақом ва аҳамияти унсурҳои ҷудогонаи онро фарқ мекунанд. Инро ба таври зайл баён намудан мумкин аст: унсурҳои ҷудогонаи механизми иқтисодӣ дар байни худ алоқаҳои гуногун ва байни худ озод набуданро доранд. Аз нуқтаи назари алоқаҳои сабабию натиҷавӣ амалкарди яке аз унсурҳои он метавонад ҳамчун натиҷаи амали дигар унсур баромад кунад. Як унсур дорои алоқаи мустақим буда, дигар унсур бо унсурҳои дигари занҷири механизмҳои низоми гумрук алоқаҳои баръакс дорад.

Дар низоми идоракунии Хадамоти гумрук методҳои иқтисодии идоракунӣ накши калидӣ доранд. Методҳои иқтисодии идоракунӣ муайян намудани нақшаи директивиро доир ба ташаккули қисми даромади буҷети давлат, ташаккул ва истифодаи фонди рушди хадамоти гумрук, ҳавсмандкунии моддиву коллективӣ ва методҳои баланд бардоштани масъулияти иқтисодӣ дар бар мегирад, ки дар расми 2.3 оварда шудааст.

Дар системаи механизмҳои иқтисодии низоми гумрук банақшагирӣ ва пешгӯйии фаъолияти гумрук унсури муҳим мебошад. Ин унсурҳоро метавон аз рӯйи ду мавқеъ баррасӣ намуд:

Якум, баррасии амалкарди низоми гумрук ҳамчун сохтори давлатӣ, ки уҳдадориҳо ва вазифаҳои иқтисодии зерини ба он вогузоршударо иҷро менамояд:

а) иқтисодӣ, ки аз танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ ва иҷрои вазифаи фискалӣ (пур намудани буҷети давлатӣ) иборат мебошад;

б) муҳофизатӣ ё ҳифзи ҳуқуқ ва инчунин иттилоотӣ.




**Расми 2.3. Методҳои иқтисодии идоракунии Хадамоти гумрук**

***Сарчашма*: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.**

Дар ҷумҳурӣ, бо назардошти мавҷуд будани маҳдудиятҳои захираҳои молиявии давлат ва ноустувории молиявӣ, банақшагирӣ ва пешгӯйии фаъолияти низоми гумрук асосан барои аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ пур кардани буҷети давлатӣ ва мустаҳкам намудани қисми даромади буҷет равона шудаанд. Ба ибораи дигар, диққати асосӣ ба иҷрои вазифаи фискалии низоми гумрук равона карда шудааст. Ғайр аз ин, давлат барои банақшагирии кормандон ва фонди пардохти музди меҳнати низоми гумрук диққат медиҳад, зеро омилҳои нархӣ ва ғайринархӣ шартҳои дастрасии захираҳои меҳнатӣ ба ҷои корӣ мебошад.[53] Вале дар ин самт умуман ба самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук ва Раёсатҳои минтақавии он, вобаста ба баҳисобгирии сарборӣ ва натиҷаи ҳар як корманд, диққати нисбатан камтар зоҳир карда мешавад. Бояд қайд кард, ки такмили банақшагирии нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти кормандони мақомоти гумрук ба ҳайси захираи муҳими баланд бардоштани сатҳи иқтидорҳои гумрукӣ, умуман афзуншавии самаранокии фаъолияти низоми гумрук баромад карда, дар натиҷаи ин тавсеаи фоидаи ҷумҳурӣ аз фаъолияти иқтисодии берунӣ ва бахши иқтисоди берунии

---

[53] Ҷонмамадов, Ш.Б. Хусусиятҳои бозори меҳнати минтақавӣ дар шароити рушди инноватсионӣ / Ш.Б. Ҷонмамадов, Н.Н. Назарзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2021. - № 4-1. - Р. 177-185. - EDN RQBLXO.

иқтисодиёти миллӣ таъмин карда мешавад.

Дуюм, баррасии низоми гумрук ҳамчун низоми хоҷагидор, агенти макроиқтисодиёт бо ташкилотҳои он (раёсатҳо, гумрукҳо ва дидбонгоҳои гумрукӣ, муассисаҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо, марказҳои ҳисоббарорӣ ва ғайра) мебошад. Дар ин самт фаъолияти гумрук ҳамчун субъекти хоҷагидор амали принсипҳои банақшагирӣ ва пешгӯйиро аз сар мегузаронад. Мақомоти болоии низоми гумрук ба мақомоти поёнӣ низоми нишондиҳандаҳоеро пешниҳод менамояд, ки онҳо пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ, захираҳои молиявии Фонди рушди низоми гумрук, нишондиҳандаҳои назоратии дарёфти захираҳо, шумораи кормандон, нишондиҳандаҳои хароҷот тибқи унсурҳо барои нигоҳ доштани мақомоти низоми гумрук, миқдор ё ҳаҷми маблағгузории сохтмони асосӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ ва ғайра мебошанд.

Дар баробари ин, ҳангоми банақшагирӣ мақомоти болоӣ дар аксар маврид омилҳои объективиеро, ки ба низоми нишондиҳандаҳо таъсир мерасонанд пурра ба ҳисоб намегиранд. Дар ҳоли ҳозир «банақшагрирӣ аз махзан» усули нисбатан паҳншудаи банақшагирӣ мебошад. Ин метод ҳатто метавонад дар иқтисодиёти устувор ҳам бо қайду шартҳои калон қобили қабул бошад, аммо дар иқтисодиёти ноустувор истифодаи методи мазкур дар таҷрибаи банақшагирӣ тасвири воқеиро намедиҳад.

Тавре дар боло қайд намудем низоми гумрук механизми иқтисодии махсуси худро дорад ва аз ин лиҳоз, зарурати коркарди методикаи банақшагирӣ ва пешгӯйие вуҷуд дорад, ки барои баҳисобгирии фаъолияти ҳамаи унсурҳои низоми гумрук ва омилҳои асосии ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсиркунанда замина мегузорад. Дар адабиёти иқтисодӣ, масалан дар таҳқиқоти Осинсев О.В.[54], дар ин самт коркардҳои муайян дида мешаванд. Чунин коркардҳо бояд инкишоф ёбанд ва дар таҷрибаи

[54] Регулирование внешнеэкономической деятельности и эволюция таможенной политики России: Тезисы докладов международной научно-практической конференции, Москва, 22–23 октября 2016 года. - Москва: Российская таможенная академия, 1996. - 260с. - EDN WHWSZP. - С. 123-128.

банақшагирӣ, пешгӯйӣ ва баҳогузории фаъолияти мақомоти гумрук истифода шаванд.

Захираҳои молиявӣ унсури муҳимтарине мебошанд, ки ба таркиби механизми иқтисодии низоми гумрук дохил мешаванд. Аз ин рӯ, идоракунии ин захираҳо ҳалқаи муҳимтарини идоракунии низоми гумрукро ташкил медиҳад. Ишора намудани механизм дар системаи идоракунии низоми гумрук, ки бо идоракунии захираҳои молиявӣ алоқаманд мебошад, комилан асоснок ва зарур мебошад. Зеро маҳз таъсиси механизми амалкунандаи идоракунии захираҳои молиявӣ имконият медиҳад, ки сохтори гумрукро муносиб гардонида, онро барои иҷрои устувор ва самараноки вазифаҳо сафарбар намоем. Ғайр аз ин, тавассути танзими молиявӣ нуктаи васли манфиатҳои давлат ва низоми гумрук ба вуҷуд меояд. Ташкили моҳиронаи низоми идоракунии захираҳои молиявӣ барои фаъолияти муносиби ҳамаи унсурҳо ё қисматҳои низоми гумрук мусоидат мекунад.

Таваҷҷуҳи асосие, ки мо ба идоракунии захираҳои молиявӣ ҳамчун меҳвари истифодаи механизми иқтисодии низоми гумрук зоҳир намудем, маънои такя намудан ба назарияи монетарии рушди иқтисодиётро надорад. Тибқи ин назария, тавассути таъмини устувории молиявӣ, ки асосан дар заминаи методи озоди бозоргонӣ (бидуни дахолати давлат) амалӣ карда мешавад, аз тариқи худтанзимкунӣ низоми устувор ва мунтазам рушдкунанда таъмин карда мешавад. [55] Маҳз ҳамин назария ба ҳайси асос барои «ислоҳот номидашавандаи» иқтисодиёти мамлакатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксар маврид истифода шуд. Аммо, ба андешаи мо, истифодаи ин назария дар шароити ҷумҳурӣ иштибоҳ буд ва дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба таври манфӣ инъикос ёфт.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва табиию захиравии он, фитрати осиёӣ доштани

[55] Фридмен М. Свобода выбора: Наша позиция [Текст] / М. Фридман, Р. Фридман. Пер. с англ. - М.: Новое издательство, 2007. - 356 с.

низоми иҷтимоии иқтисодии ҷомеаи ҷумҳурӣ ва анъанаҳои миллӣ методҳои монетарӣ қобили қабул нестанд. Бидуни иштироки фаъолонаи давлат дар низоми танзими иқтисодиёти миллӣ ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ расидан имкон надорад. Бинобар ин, дар ҷумҳурӣ давлат на танҳо дар танзими таъмини сохтори самараноки такрористеҳсол ва пешравии сохтории иқтисодиёт фаъолона иштирок менамояд, балки ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт диққати афзалиятнок зоҳир менамояд.

Саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафи чоруми стратегии рушди ҷумҳурӣ эълон намудан шаҳодати гуфтаҳои боло мебошад. Дар ин ҷо низ, механизми молиявӣ ҳамчун воситаи (ниҳоят таъсирнок) сафарбаркунии захираҳои молиявӣ ба низоми таъмини рушди иқтисодии мамлакат ва танзими давлатии иқтисодиёт баромад мекунад. Дар алоқамандӣ бо ин фаҳмиш механизми молиявӣ дар маҷмуи механизми иқтисодии низоми гумрук ҳамчун воситаи таъсирбахш баромад мекунад. Дар ин замина, дар навбати аввал, он бояд ба ҳайси шарти муҳим ва асосии баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти низоми гумрук ва баъдан, ҳамчун объекти танзими давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки идоракунии захираҳои молиявии низоми гумрук дорои хусусиятҳое мебошад, ки ҳангоми ташкили фаъолияти гумрук ба назар гирифтани онҳо зарур аст. Бидуни омӯзиши ин хусусиятҳо таҳлил кардани қонуниятҳои умумии амалкарди механизми молиявии мамлакат дар маҷмуъ мушкил мебошад.

Дар натиҷаи гузаронидани дигаргуниҳои бозорӣ умуман танзими давлатии захираҳои молиявӣ аз байн рафтааст. Оқибат дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи ҷумҳурӣ як қатор ҳодисаҳои манфӣ ба амал омадаанд. Низоми пардохтнакарданҳо, қарздории субъектҳои хоҷагидор, таъхир ва напардохтани музди меҳнат, нобаробарӣ дар қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ авҷ гирифта, ҳаҷми он дар сармоягузории бахши воқеии иқтисодиёт коҳиш ёфтааст, сатҳи таваррум, болоравии нархҳо, фоидаи калони ташкилотҳои миёнарав, хариду фурӯши ҳаннотӣ дар

бозорҳои ҷумҳурӣ, пастравии қурби асъори миллӣ (фоидаи зиёд аз рӯйи амалиёт дар бозори асъор) зиёд гардидаанд.

Ин масъалаҳо дар иқтисодиёти мунтазам амалкунанда, ки давлат идоракунии самараноки соҳаи молияро анҷом медиҳад, ба вуҷуд намеоянд. Бинобар ин, имрӯзҳо пеш аз ҳама, вазифаи беҳтар намудани низоми молияи давлатӣ муҳим мегардад. Ин масъалаҳо ба вазифаи такмили механизми иқтисодии низоми гумрук низ дохил мешаванд, зеро онҳо бавосита ё бевосита ба ҳолати низоми молиявии ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд.

Тавре дар боло қайд карда шуд, идоракунии захираҳои молиявии низоми гумрук ҳаллу фасли як қатор масълаҳоеро тақозо менамояд, ки дар занҷири ягонаи технологӣ алоқаи зич доранд. Масъалаҳои ташаккули манбаҳои захираҳои молиявӣ асоси идоракунии захираҳои молиявии низоми гумрукро ташкил медиҳанд. Низоми гумрук ташкилоти махсусе мебошад, ки он аз як тараф ба ниҳоди давлатӣ мансуб аст ва аз ин рӯ, тибқи мақоми худ набояд ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул шавад. Ин маънои онро дорад, ки захираи асосии молиявии таъминкунандаи фаъолияти онҳо маблағҳои буҷетии давлат мебошанд. Дар баробари ин, дар муқоиса бо мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ низоми гумрук бо воситаҳои молиявии давлат алоқамандии яктарафа надорад, яъне «ҳаракати ҷавобӣ»-и маҷмуи маблағҳо ба амал меояд. Низоми гумрук аз як тараф ба низоми молиявии давлат маблағи муайян ворид месозад, аммо аз тарафи дигар аз давлат захираҳои молиявӣ мегирад. Ҳамин тавр, дар давлат таввассути низоми гумрук раванди ҳаракати захираҳои пулию молиявӣ ба амал меояд, бинобар ин, ба назар гирифтани ҳолатҳои зерин зарур мебошанд:

Аввалан, манфиати возеҳу равшани давлат аз дастгирии фаъолияти низоми гумрук, таъмини ҳолати муътадил ва рушди он вуҷуд дорад. Ин бо зарурати иҷрои муваффақонаи вазифаҳои муқаррарнамудаи давлат аз тарафи мақомоти гумрук алоқаманд мебошад. Дар ин ҷо иҷрои нисбатан

бештари вазифаҳои фискалии низоми гумрук, яъне гузаронидани маблағи андоз, боҷҳо ва пардохтҳои гумрукӣ, ба назар мерасанд.

Нақшаи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ аз ҳисоби воридоти мол ва воситаҳои нақлиёт тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ карда мешавад. Мақомоти гумрук дар соли 2021 ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби фаъолияти мақомоти гумрук 4788,6 млн. сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ (бо назардошти ҳамаи манбаъҳои даромад) ворид гардид, ки нисбат ба соли 2016 ба андозаи 16,8 % зиёд мебошад (ниг. ба ҷадв. 2.8).

**Ҷадвали 2.8. Динамикаи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукии ба буҷети давлат воридшаванда( млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | С. 2021 ба с. 2016 дар % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 4 100,7 | 3 824,8 | 4 502,8 | 4858,5 | 5145,0 | 4788,6 | 116,8 |
| аз он ҷумла | | | | | | | |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 3 210,4 | 2954,7 | 3 383,0 | 3757,8 | 3998,2 | 3862,5 | 120,3 |
| Боҷи гумрукӣ | 555, 3 | 536,0 | 685,0 | 588,5 | 633,3 | 389,7 | -30 |
| Андози аксизӣ | 264,0 | 187,0 | 255,0 | 260 | 341,9 | 360,9 | 136,7 |
| Воридоти ғайриандозӣ | 71,0 | 71,8 | 64,0 | 67,1 | 74,3 | 98,3 | 138,4 |
| Дигар пардохтҳо | - | 75,3 | 115,8 | 185,1 | 97,3 | 77,2 | 102,5 |

***Сарчашма:*** Муаллиф аз рӯйи ҳисоботи солҳои мувоффиқи Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст.

Аз ҷумла воридоти андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи 3862,5 ворид карда шудааст, ки ниббат ба соли 2016 ба андозаи 20,3% зиёд аст. Воридоти андози аксизӣ бошад, 360,9 млн. сомониро ташкил дод, ки ба андозаи 36,7% зиёд шудааст, воридоти ғайриандозӣ ба маблағи 98,3 млн. сомонӣ ё ба андозаи 38,4% афзудааст. Дар ин давраи мавриди таҳлил боҷи гумрукӣ аз 555, 3 то 389,7 млн. сомонӣ ва ё 30% коҳиш ёфта, ҳаҷми дигар пардохтҳо бошад, дар давраи солҳои 2016-2021 ба андозаи 2,5% афзудааст. Афзудани пардохтҳои гумрукӣ аслан аз ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда, андози аксизӣ ва воридоти ғайриандозӣ сурат гирифтааст.

Агар тағйироти пардохтҳои гумрукии ба буҷети давлатӣ воридшавандаро мушоҳида намоем, пас андоз аз арзиши иловашуда дар

ҳаҷми умумии пардохтҳои гумрукӣ ҷойгоҳи муайянро ишғол менамояд. Ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии пардохтҳои гумрукӣ дар давраи солҳои 2016-2021 аз 78,3 то 80,6% ва ё дар ин панҷ соли охир беш аз 2,3 банди фоизӣ зиёд гардидааст (ниг. ба ҷадв. 2.9). Ин ҳаҷм ва ҳиссаи хеле бузург аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти субъектҳои низоми гумрук аслан бо ҷамъоварии пардохтҳо вобаста ба арзиши иловашуда сару кор доранд.

**Ҷадвали 2.9. Тағйироти сохтории пардохтҳои гумрукӣ дар буҷети давлатӣ (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тағйирот дар соли 2021 нисбат ба соли 2016, бф,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - |
| аз он ҷумла | | | | | | | |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 78,3 | 77,3 | 75,2 | 77,3 | 77,7 | 80,6 | 2,3 |
| Боҷи гумрукӣ | 13,5 | 14,1 | 15,3 | 12,1 | 12,3 | 8,2 | -5,3 |
| Андози аксизӣ | 6,4 | 4,7 | 5,6 | 5,3 | 6,6 | 7,5 | 1,1 |
| Воридоти ғайриандозӣ | 1,7 | 1,9 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 2,1 | 0,4 |
| Дигар пардохтҳо | - | 1,9 | 2,5 | 3,8 | 1,9 | 1,6 | -0,3 |

**Сарчашма:** Муаллиф аз рӯйи ҳисоботи солҳои мувоффиқи Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст.

Дар сохтори пардохтҳои гумрукӣ боҷи гумрукӣ дар ҷои дуюм қарор дорад, вале дар давраи таҳлилӣ ҳам ҳаҷм ва ҳам ҳиссаи он дар маҷмуи пардохтҳои гумрукӣ коҳиш ёфтааст. Ҳиссаи он дар соли 2021 8,2%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 он ба андозаи 5,3 банди фоиз кам гардидааст. Ҳиссаи андози аксизӣ дар маҷмуи пардохтҳои гумрукӣ ҷои сеюмро ишғол намуда, дар ин давра аз 6,4 то 7,5% ва ё 1,1 банди фоизӣ афзудааст. Солҳои охир тамоюли афзоиши ҳиссаи воридоти ғайриандозӣ ва дигар пардохтҳо низ мушоҳида мешавад.

Тавре дар боло қайд намудем, вазифаи фискалӣ яке аз вазифаҳои низоми гумрук мебошад, ки нақш ва аҳамияти онро дар шароити муосир ночиз шуморидан мумкин нест. Дар оянда бо таъмини рушди иқтисодии устувор аҳамияти он метавонад камтар гашта, вазифаи дигари низоми гумрук дар самти истифодаи афзалияти бозори берунӣ ва фаъолияти

иқтисодии берунӣ ба манфиати рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани сохтори сифатии иқтисодиёти мамлакат фаъол гардад. Дар оянда маҳз ҳамин гуна стратегияи ҷумҳуриро пешгӯйӣ намудан зарур аст.

Қайд кардан зарур аст, ки айни замон хавфу хатарҳо дар ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ вуҷуд дорад. Чунки Хадамоти гумруки ҷумҳурӣ ҳанӯз барои аз иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии берунӣ дар ҳаҷми пурра рӯёнидани маблағи муқарраршудаи пардохтҳои гумрукӣ қобилият надорад. Ин ҳолат сабабҳои объективие дорад, ки онҳо аз фаъолияти худи низоми гумрук вобаста нестанд ва сабабҳои субъективӣ низ вуҷд доранд, ки онҳо бо камбудиҳо ё фаъолияти нокифояи сохтори низоми гумрук алоқаманд мебошанд. Бояд қайд кард, ки сабабҳои объективӣ нисбатан бештар мушоҳида мегарданд, чунки низоми гумрук ниҳоди нави давлатӣ мебошад:

– дар давраи истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ амалан низоми гумрук, сарҳадҳои гумрукӣ ва асоси моддию техникии нав ташкил карда шуданд;

– сатҳи пасти таъминоти методии фаъолияти мақомоти гумрук, махсусан аз ҷиҳати методӣ омода набудани либерализатсияи фаъолияти иқтисодии берунӣ;

– мавҷуд будани вазъияти криминогенӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодии берунӣ;

– сатҳи нокифояи муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо сарҳадҳои гумрукии берунӣ ва ташкили мутобиқати реҷаи ҳуқуқӣ барои гузаронидани амалиёти гумрукӣ;

– аксар вақт муқаррар намудани имтиёзҳои беасос дар низоми пардохтҳои гумрукӣ, миқдори андозҳо ва ғайра.

Албатта, сабабҳои субъективӣ низ вуҷуд доранд, масалан, ба буҷети давлатӣ пурра нагузаронидани маблағҳои пардохтҳои гумрукӣ, ки ин бевосита аз фаъолияти унсурҳои сохтории низоми гумрук вобаста мебошад. Барои муайян намудани мушкилоти низоми гумруки мамлакат мо таткиқоти иҷтимоӣ гузаронидем, аниқтараш соли 2020 дар Раёсати

минтақавии гумрукӣ доир ба арзёбии фаъолияти Хадамлоти гумрук вилояти дар Суғд пурсишномаи иҷтимоӣ гузаронидем. Дар пурсиш 200 нафар иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди беруна ширкат варзиданд. Саволнома маҷмуи масаълаҳоеро дар бар гирифт, ки ба хусусиятҳои худи иштирокчиёни пурсиш, арзёбии онҳо оид ба мушкилоти барасмиятдарории гумрукӣ, пешниҳодҳо оид ба такмили расмиёти гумрукӣ ва баъзе ҷанбаҳои дигари муносибатҳои байни иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо мақомоти гумруки маҳаллӣ дахл доранд. Сохтори иштирокчиён дар ҷадвали 2.10 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.10. Сохтори иштирокчиёни пурсишнома**

| Таҷрибаи иштирок дар ФИБ | Ҳиссаи онҳо, % | Нафар | Аз он ҷумла, нафар | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Шахсони ҳуқуқӣ | | Соҳибкорони инфиридӣ | |
| | | | % | Нафар | % | Нафар |
| Аз 1-5 сол | 52 | 104 | 30,8 | 32 | 69,2 | 72 |
| Аз 5 сол боло | 48 | 96 | 35,4 | 34 | 64,6 | 62 |

***Сарчашма*:** Аз тарафи муаллиф аз рӯйи натиҷаи маълумоти пурсиши иҷтимоӣ тартиб дода шудааст

Аз маълумоти ҷадвали 2.10 чунин бар меояд, ки иштирокчиён дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ таҷрибаи гуногун доранд. Масалан, дар пурсиш иштироки дорои таҷрибаи то 5 солро 52%-и иштирокчиён, яъне 104 нафар ташкил доданд, ки аз онҳо 52 нафарро (30,8%) шахсони хуқуқӣ ва 72 нафарро (69,2%) соҳибкорони инфиродӣ ташкил доданд. Ҳамагӣ 96 нафар иштирокчиёни дар муносибатҳои иқтисодӣ дорои таҷрибаи кории беш аз 5 сол 48%-и пурсидашудагонро ташкил доданд, ки аз онҳо 34 нафар (35,4%) шахсони ҳукуқӣ ва 62 нафар (64,6%) соҳибкорони инфиродӣ мебошад.

Тибқи коркарди пурсишнома муайян карда шуд, ки 38% -и шумораи иштирокчиён дар як сол то 10 маротиба ба амали барасмиятдарории гумрукӣ бархӯрд доранд. Шумораи аз 10 то 40 маротиба ба 52%, аз 40 маротиба боло ба 10%-и иштирокчиён рост меояд. Нуктаи асосии таҳқиқотро муайян намудани муаммоҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, умуман фаъолияти хизматрасониҳои гумрукӣ, ташкил медиҳанд, пас аз коркарди пурсишномаҳо натиҷаҳои он дар ҷадвалӣ 2.11 ҷой дода шудаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки иштирокчиёни дорои таҷрибаи аз 5 сол боло дар барасмиятдарории содироту воридот таҷрибаи ғанӣ доранд ва моҳияти масъаларо ба таври комил омӯхтаанд. Аммо теъдоди хеле зиёди иштирокчиёни таҷрбаашон то 5 сол, яъне беш аз 40%, мушкилоти фаъолияти иқтисодии хориҷиро, ки ба онҳо таваҷҷӯҳ доранд, натавонистанд пурра баён кунанд.

**Ҷадвали 2.11. Ҷавобҳои манфии пурсидашудагон нисбат ба фаъолияти хизмарасониҳои гумрукӣ**

| Масъалаҳои дар савонома овардашуда | Шахсони ҳукукӣ | | Соҳибкорни инфиродӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Таҷрибаи аз 1-5 сол | Таҷрибаи аз 5 сол боло | Таҷрибаи аз 1-5 сол | Таҷрибаи аз 5 сол боло |
| Авҷ гирифтани мушкилоти сертификатсияи молҳои воридотӣ | 42 | 62 | 32 | 57 |
| Хароҷоти вақтӣ дар раванди бақайдгирии ҳуҷҷатҳои гумрукӣ | 32 | 54 | 41 | 48 |
| Сатҳи соддагардонии расмиёти гумрукӣ | 32 | 47 | 45 | 59 |
| Муносибати дағали кормандони мақомоти гумрук бо муштариён | 22 | 32 | 27 | 33 |
| Огоҳии сусти кормандони мақомоти гумрук доир ба лифофаи ҳуҷатҳои гумрукӣ | 24 | 42 | 34 | 47 |

*Сарчашма*: Натиҷаи пурсиши иҷтимоӣ дар Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд.

Мушкилии хароҷоти вақтии соҳибкорон дар низоми гумрукро мушаххас карда, саъй намудем, ки шумораи дучор омадани онҳоро бо таъхири барасмиятдарории гумрукӣ муайян намоем. Дар натиҷа, 54%-и онҳо посух додаанд, ки ба ин мушкилот мунтазам дучор мешаванд. Агар бо вуҷуди ин, мо ба тафсилоти андешаҳои он қисмати соҳибкорон, ки ба эътиқоди онҳо мунтазам бо таъхир дар барасмиятдарории гумрукӣ дучор мешаванд, идома додем, пас бештари онҳо чунин андеша доранд, ки таъхир дар барасмиятдарории гумрукӣ дар ҳама марҳилаҳои расмиёти гумрукӣ рух медиҳад. Қисмати омӯхташудаи соҳибкорон сабабҳои ин ҳолатро дар набудани самаранокии фаъолият – зиёда аз 30%, ҳуҷҷатгузории нодуруст – 10% (ба андозаи бештар ин мушкилии худи соҳибкорон низ мебошад) баён намуданд. Бартараф кардани чунин сабабҳо

дар афзоиши ҳаҷми воридшавии захираҳо ба буҷети давлатии ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, бо назардошти ин ду ҳолат (омилҳои объективию субъективӣ), манфиатнокии давлат дар рушди низоми гумрук ва қабули чораҳо оид ба кам кардани таваккалҳо аз рӯёнидани нопурраи пардохтҳо ва боҷҳои гумрукӣ ба фоидаи қисми даромади буҷети давлатӣ, давлат миқдори зарурӣ ё ҳаҷми маблағгузории низоми гумрукро муайян мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки инчунин хусусиятҳои муносибати байниҳамдигарии давлат ва низоми гумрук дар самти муносибатҳои тақсимотии захираҳои молиявӣ вуҷуд доранд. Дар раванди аз тарафи давлат ба нақша гирифта шудани ҳаҷм ва сохтори маблағҳои аз низоми гумрук ба буҷети давлатӣ воридшуда ё вазифаҳои аз давлат гирифтаи низоми гумрук оид ба пардохтҳо, мақомоти гумрук аслан ширкат намекунанд ва ё иштироки онҳо ниҳоят кам мушоҳида мегардад. Бинобар ин, вазифаҳои ба нақша гирифташаванда оид ба пардохтҳо на ҳамеша асоснок ва воқеӣ мебошанд.

Албатта, давлат метавонад омилҳои дар салоҳияти худ доштаашро қаблан ба назар гирад ва ба ҳаҷм ва сохтори пардохтҳои гумрукӣ таъсир расонад. Масалан, давлат метавонад намуди муайяни пардохтро ҷорӣ ё бекор намояд, боҷҳои гумрукиро зиёд ё кам кунад, инчунин методҳои гуногуни ғайритарифӣ ва ғайраро ҷорӣ намояд, аммо дар ин самт низ давлат на ҳамеша метавонад амали аксар омилҳо ва шартҳоро ба таври пурра ба назар гирад. Масалан, дар аксар маврид ҳаҷми воридшавии пардохтҳои гумрукиро ба буҷети давлатӣ аз воридот муайян мекунанд, вале ҳолате низ ба миён меояд, ки тибқи он гардиши мол кам ё худ имтиёзҳои гумруки зиёд татбиқ гардида, ин ҳолат ба иҷрои вазифаи низоми гумрук таъсири манфӣ мерасонад. Ба андешаи мо, ин равандҳо ё омилҳо бояд дар рафти муайян кардани вазифаҳои низоми гумрук ба назар гирифта шаванд.

Ғайр аз омилҳое, ки ба ҳаҷм ва сохтори пардохтҳои гумрукӣ таъсир

мерасонанд ва дар салоҳияти давлат қарор доранд, боз омилҳое низ дучор меоянд, ки ба инобат онҳо хеле мушкил мебошад. Ба ин гуна омилҳо метавон стратегияи фаъолияти иқтисодии хориҷиро мансуб донист, ки аз тарафи иштирокчии мушаххаси фаъолияти иқтисодии хориҷӣ коркард шудааст. Фаъолияти сохторҳои низоми гумрук бо ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт, ки ба фаъолияти иқтисодии берунӣ машғул мебошанд, алоқамандии зичи ногусастанӣ дорад. Ин субъектҳо бо низоми гумрук ҳадди ақал дар ду самт сару кор доранд: мутобиқи самти аввал, онҳо дар раванди барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт алоқа доранд ва дар самти дуюм бошад, дар раванди тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ дар тамос мешаванд, ки он вақт мақомоти гумрук тафтиш мегузаронанд, зеро онҳо агенти назорати асъорӣ ба ҳисоб мераванд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, низоми гумрук назар ба дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар бораи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ иттилооти нисбатан пурра дорад. Илова бар ин, онҳо на танҳо дар бораи ҳаҷми ҷисмонӣ ва арзишии маҳсулот ё борҳо, сохтори онҳо, номгӯйи молҳои ҳар як иштирокчии фаъолияти иқтисодии берунӣ, балки дар бораи ояндаи онҳо низ иттилоот доранд. Аз ин рӯ, низоми гумрук иштирокчии нисбатан фаъол дар банақшагирии ҳаҷм ва сохтори пардохтҳои гумрукӣ мебошад, ки манбаи ташаккули қисми даромади буҷети давлатӣ маҳсуб меёбанд. Ин муносибатҳо зарурати тавсеаи ваколатҳо (вазифаҳо)-ро дар самти банақшигирӣ ва танзими фаъолияти итисодии хориҷии ҷумҳурӣ собит мекунанд.

Бояд қайд кард, ки ба ҳайси иштирокчиёни фаъоли муносибатҳои гумрукӣ дар соҳаи хизматрасониҳои асъорию қарзӣ ва молиявии муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо бо шарикони хориҷӣ бонкҳои тиҷоратие баромад мекунанд, ки ба онҳо иҷозатномаи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Онҳо амалиёти ҳисоббаробаркуниро бо асъори хориҷӣ анҷом дода, барои иштирокчиёни комплекси иқтисодии

берунӣ суратҳисобҳои асъорӣ боз мекунанд. Дар айни замон тибқи фармони сардори Хадамоти гумрук дар феҳристи бонкҳои кафолатӣ ташкилотҳои молиявию қарзии зерин дохил карда шудаанд: ҶСК «Ориёнбонк», ҶСК «Тавҳидбонк», ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон», ҶСК «Бонки Эсхата», ҶСК «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», ҶДММ «Холиқбонки Тоҷикистон», ҶДММ ТАҚХ «Душанбе Сити», ки онҳо барои дохил намудани дигар феҳристҳо ҳамчун кафолати супоридани пардохтҳои гумрукӣ, кафолати бонкиро вобаста ба талаботи ҳар як феҳрист ба мақомоти гумрук пешниҳод мекунанад.

Тавре дар боло қайд намудем, низоми идоракунии фаъолияти гумрукӣ ва речаи фаъолияти савдои хориҷии субъектҳои комплекси иқтисодии беруниро Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Дар низоми Хадамоти гумрук соли 2017-2021 ҳамагӣ 34 ширкатҳои брокерӣ (намояндаҳо) амал мекарданд, ки субъектҳои комплекси иқтисодии берунӣ маҳсуб меёбанд. Ширкатҳои брокерӣ, ҳамчун ширкатҳои ёрирасон, барои амалӣ намудани вазифаҳои мақомоти гумрук дар самти хонапуркунии декларатсияи гумрукии бор тибқи фармоиши сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2009 №138 ва №139 фаъолият менамоянд (Маълумоти пурра дар замимаи «А» оварда шудааст).

Инчунин барои пешбури вазифаҳои функсионалии мақомоти гумрук дар солҳои 2017-2021 дар Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе 6 анбори гумрукӣ бо иҷозатномаи дахлдор ба реестери анбори гумрукӣ дохил карда шуда, онҳо фаъолият худро бо хизматрасонӣ ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, барои нигоҳдории молу воситаҳои нақлиёт, тибқи шартнома ба роҳ мондаанд, аз ҷумла: ҶДММ «Тоҷикгидроэлектромонтаж», ҶДММ «Азия Табако» ва ҶДММ «Тоҷ-Моторс», ҶСК «Тоҷиксемент» ва ғайра мебошанд. Ҳамзамон ҳамчун расмиёти гумрукӣ дар идоракунии мақомоти гумрук ширкатҳои ёрирасони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ амал мекунанд, аз ҷумла: зертобеъи Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе ҶСК «Телерадиоком»,

ҶДММ «Сиёвуш Душанбе-2», ҶДММ «Сомонтаъминот», ҶСК «Тоҷиквнештранс», ҶДММ «Сифат фарма», ҶДММ «АБМ Транс Сервис», ҶДММ «Медстомотехника», дар вилояти Суғд – ҶДММ «Союз», ҶДММ «Анҳор», ҶДММ «Апрелёвка», ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶСП «Оби Зулол», ҶДММ «ММК Чкалов». Инчунин дар идоракунии мақомоти гумрук дар тобеъияти Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе мағозаҳои савдои бебоҷи гумрукии – ҶДММ «ТАД ДЮТИ ФРИ» ва ҶДММ «Душанбе Дюти Фри» дар Фурудгоҳи байналмиллалӣ шаҳри Душанбе фаъолияти худро тибқи шаҳодатномаҳои дахлдор ба роҳ мондаанд.

Дар хотимаи ин зербоб қайд менамоем, ки ҳангоми баррасии муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва низоми гумрук, дар соҳаи идоракунии захираҳои молиявӣ, бояд мавҷудияти таваҷҷуҳи нокифояи давлат нисбат ба ташаккули хароҷот барои нигоҳдории низоми гумрук аз мавқеи самаранокӣ хотиррасон гардад. Ин масъала дар зербоби дигари диссертатсия баррасӣ хоҳад гардид.

### 2.3. Арзёбии сатҳи таъминоти молиявии идоракунии низоми гумрук

Ташкили фаъолияти самараноки механизми иқтисодии низоми гумрук бо муайянкунии унсурҳои арзишноки он алоқаманд буда, вале баҳогузории арзиши унсурҳои низоми гумрук нисбатан мушкил мебошад. Ин масъали аҳамияти амалии муҳим дорад, зеро бо ёрии унсурҳои арзишнок талабот ё эҳтиёҷот ба воситаҳои молиявӣ ташаккул меёбанд, сарчашмаҳои муносиби ташаккули захираҳои молиявӣ муқаррар мегарданд ва инчунин тақсимоти самараноки онҳо ва ҷудошавӣ бо роҳҳои гуногун дар низоми гумрук муайян карда мешаванд. Ба ибораи дигар, барои фаъолияти устувор ва самараноки механизми иқтисодӣ ташкил намудани идоракунии таъсирбахши унсурҳои арзишноки низоми гумрук зарур аст. Идоракунии унсурҳои арзишнок пеш аз ҳама дар бар мегирад: раванди ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ; равандҳои муносибатҳои байниҳамдигарии низоми гумрук бо ниҳодҳои низоми молиявӣ ва низоми бонкӣ.

Ҳар яке аз ин унсурҳои идоракуниро муфассал баррасӣ менамоем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар даврони шӯравӣ тартиби махсуси таъминоти молиявии фаъолияти низоми гумрук вуҷуд дошт. Он солҳо маблағгузорӣ барои нигоҳдории низоми гумрук ба дараҷаи нисбатан бузург аз ҳисоби маблағҳое амалӣ карда мешуд, ки аз даромадҳои ғайринақшавии гумрук, яъне аз ҳисоби хироҷҳои гумрукӣ ташаккулёфта ворид мешуданд.

Ҳамон тавре, ки дар зербоби қаблӣ қайд намудем, имрӯзҳо ба низоми гумрук захираҳои молиявӣ аз буҷети давлатии ҷумҳурӣ ворид мегарданд, вале миқдори ин намуди маблағгузориҳо дар таносуб бо маҷмуи захираҳои молиявии дар низоми гумрук мавҷудбуда ниҳоят кам мебошанд. Ин захираҳои буҷетӣ асосан барои дастгирии фаъолияти дастгоҳи марказии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз он ташкилшудаҳо равона гардидаанд. Қисми зиёди захираҳои молиявиро захираҳои Фонди рушди низоми гумрук ё тавре баён мекунанд - Фонди ғайрибуҷетии рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд.

Фонди ғайрибуҷетии рушди низоми гумрук дар худ манбаҳои зерини воситаҳои ташаккули даромадҳои ғайринақшавии гумрукро захира (ғун) мекунад:

- ташаккули захираҳои иловагии аз хироҷи гумруки барои додани шаҳодатномаи мутахассисони барасмиятдарории гумрукӣ
- хироҷи гумруки барои барасмияти гумруки даровардан
- хироҷи гумруки барои мушоияти гумрукии молу воситаҳои нақлиёт;

Воситаҳои ғайрибуҷетӣ ё захираҳои Фонди рушди низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини фаъолият ва амалисозии вазифаҳои дар зиммаи низоми гумрук вогузоршуда, яъне кулли комплекси вазифаҳои Хадамоти гумрук ва инчунин маблагғузории сохтмони асосии объектҳои гумрукӣ, таъмини рушди моддию техникии низоми гумрук ва инкишофи иҷтимоии кормандони мақомоти гумрук, озмоишгоҳҳои гумрук, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, равона мегардад.

Маблағгузории хароҷоти низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои тибқи сметаи хароҷотии тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки Фонди рушди низоми гумрук на танҳо манбаи молиявии низоми гумрук мебошад, балки дар худ категорияи мураккаби иқтисодиро таҷассум мекунад. Як қатор категорияҳои Фонд бо категорияи нархҳо, аз қабили хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарорӣ, хироҷи гумрукӣ барои мушоияти гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, хироҷи гумрукӣ барои додани шаҳодатномаи мутахассисони барасмиятдарории гумрукӣ ва хироҷи гумрукӣ барои нигаҳдории мол дар анборҳои нигоҳдории муваққатӣ мебошанд. Аз байни онҳо хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарорӣ ва хироҷи гумрукӣ барои мушоияти гумрукии молу воситаҳои нақлиёт нисбатан аҳаммиятнок мебошанд. Аз ин лиҳоз, ба унсурҳои мазкури Фонди рушди низоми гумрук диққати ҷиддӣ зоҳир карда мешавад.

Солҳои охир дар пешбурди амалҳо ҷиҳати омодагӣ барои дохил шудани ҷумҳурӣ ба Созмони умумиҷаҳонии гумрук (СУГ) дар адабиёти илмӣ ақидаҳое баён гардиданд, ки принсип ва амалиёти мавҷудаи аз иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ ситондани хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ ба қоидаҳои СУГ мутобиқат намекунад, бо назардошти ин, пешниҳод гардидааст, ки он бекор карда шавад. Муаллифони дигар қайд мекунанд, ки «тибқи талаботи қоидаҳои СУГ хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ на ин ки ҷудокуниҳо маблағи иловагиро аз арзиши мол, чӣ тавре ки имрӯзҳо амал мекунад, ифода мекунад, балки дар худ пардохт барои хизматрасонии гумрукиро таҷассум менамояд. Вале хадамоти гумрук аз ҳисоби хироҷҳои гумрукӣ маблағгузорӣ мегардад. [56]

---

[56] Пресняков В.Ю. Таможенная политика России на современном этапе [Текст] / В.Ю. Пресняков. - М.: РТА, 1996. - С. 82.

Бояд қайд кард, ки ҳироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ ҳамчун пардохт барои хизматрасониҳои мақомоти гумрук баромад мекунанд, аммо сатҳи (андоза) хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ тарофае (нарх) мебошад, ки нархи хизматрасонии пешниҳодшавандаро муайян месозад ва дар арзиши ин хизматрасонӣ инъикос меёбад. Зимнан, андозаи хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ ба қонуни нахгузорӣ мутобиқат мекунад. Дар заминаи ҳаҷми хироҷҳо бояд он хароҷоти низоми гумрук қарор гирад, ки дар раванди барасмиятдарории гумрукии борҳои савдои хориҷӣ ташаккул меёбанд.

Андозаи хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ аз категорияи классикии нарх бо он фарқ мекунад, ки ба хироҷ чун яке аз унсурҳои нарх фоида илова карда намешавад. Сабаби дар он аст, ки низоми гумрук ташкилоти тиҷоратӣ ё сохтори давлатии фаъолияташ бефоида нест. Механизми ташаккули хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарорӣ ба миёнаравиҳое монанд мебошад, ки изофашавии савдоии онҳо дар фоизи нархи харид муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, бо ақидаи болозикр, ки хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ пардохт ба хизматрасониҳои гумрукӣ набуда, балки раванди ҷудокунии маблағ аз қисми арзиши мол мебошад, розӣ шудан мумкин нест. Пеш аз ҳама, андозаи хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ ҳамчун тарофае (нарх) барои хизматрасонии низоми гумрук муайян карда мешавад, ки ҳамчун намуди махсуси низоми нарх ё тарофаи дар мамлакат амалкунанда баромад менамояд. Баъдан, хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар худ на ин ки ҷудокунии маблағро аз арзиши мол таҷассум мекунад, балки он изофа ба нархи мол мебошад, ки асоси арзишии равшан ифодашударо дорад.

Агар хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукиро ҳамчун категорияи нархӣ таъриф намоем, ки аз ҳисоби чунин хироҷҳо дастгирии молиявии Хадамоти гумрук таъмин карда мешавад, он гоҳ ин мушаххасот

мантиқан дуруст мебошад. Дар унсурҳои мухталифи нарх захираҳое қарор доранд, ки сохтори хоҷагӣ маблағгузорӣ менамояд. Бо мақсади таъмини дастгирии молиявӣ ё маблағгузории низоми гумрук хироҷҳоро ҳамчун категорияи нархӣ қабул кардан мувофиқ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аслан меъёри ягонаи хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ мавҷуд набуда, он вобаста ба арзиши гумрукии мол тадбиқ мегардад, ки чунин аст:

- то 5001 доллар =10 доллар;
- то 10001 доллар =20 доллар;
- то 50001доллар =70 доллар;
- то 100000 доллар= 150 доллар;
- аз 100001 доллар ва зиёда =450 доллар;

Оиди хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ қисми зиёди мутахассисон ва коршиносон андешаҳои худро аз нуқтаи назари талаботи СУГ пешниҳод намудаанд. Дар СУГ муқаррар намудани меъёри хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ, на ин ки тибқи меъёри адвалорӣ, балки он аз рӯйи миқдори омехта, ки дар таҷрибаи ИМА қабул шудааст, пешбинӣ гардидааст. Тибқи андешаи коршиносон, бузургии хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ на камтар аз 4% ва на зиёда аз 25%-и андозаи музди меҳнати ҳадди ақали моҳонаро (аз 52 то 340 доллари ИМА) ташкил хоҳад кард. Дар ИМА ҳаҷми хироҷҳо на камтар аз 21 ва на зиёда аз 400 доллар муайян карда шудааст. Ба андешаи мо, чунин тарзи пешниҳод баҳсталаб буда, ба таҷрибаи ИМА рӯй овардан боварибахш нест. Бинобар ин, мавқеи худро баён менамоем.

Қайд кардан зарур аст, ки меъёри хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ ба андозаи то 450 доллар муайян гардида аст, новобаста аз 100001 доллар ИМА ва зиёдшавии арзиши гумрукии мол муқарар шудааст, ки ин ба андешаи мо, бояд барои рушди фонди молиявии низоми гумрук ва шафофияти барасмиятдарорӣ дар низоми гумрук, аз он ҷумла: ғанигардонии буҷети давлат ба таври бояду шояд мувофиқ нест. Аз

ин лиҳоз, бояд иловатан барои зиёдшавии арзиши гумрукии мол аз 500001 доллар меъёри хироҷи гумрукӣ тибқи ҷадвали иловагӣ бо тартиби зерин таҳия карда шавад.

- аз 500001 доллар то 600001 доллар =600 доллар;
- аз 600001 доллар то 700001 доллар =700 доллар;
- аз 700001 доллар то 800001 доллар =800 доллар;
- аз 800001 доллар то 900001 доллар =900 доллар;
- аз 1000000 доллар ва зиёда =1000 доллар.

Меъёри болозикр вобаста ба мавқеи категорияи нархӣ асоснок карда шудааст, яъне он бузургии аз миқдори хароҷот ҳосилшуда мебошад, ки барои нигоҳдорӣ ва таъмини рушди низоми гумрук зарур аст. Дар натиҷаи татбиқи ҷадвали пешниҳодшуда, ҳангоми интиқоли молу воситаи нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ, дар ҳар як давраи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт бидуни нигоҳдорӣ барастиятдарорӣ амалӣ карда шуда, дар ин замина, иҷрои саривақтии вазифаҳои вогузоршудаи мақомоти гумрук ва шаффофияти самаранокии фаъолияти он таъмин карда мешавад.

Қабл аз ҳама, бояд ҳаҷми хароҷоти таъминкунандаи нигоҳдории муътадили фаъолияти низоми гумрук асоснок карда шавад. Ин хароҷот одатан бо роҳи мустақим оид ба ҳар як унсури хароҷот ва самтҳои истифодаи онҳо ҳисоб карда мешаванд. Баъдан, оид ба интихоби сарчашмаҳои руйпушкунии ин хароҷот, ки метавонанд буҷети давлатӣ, захираҳои ғайрибуҷетӣ ва руйпушкунии хароҷот бо роҳи ташкили фаъолияти худмаблағгузорӣ ва ғайра бошанд, тадбирҳо андешида мешаванд. Низоми гумрук ниҳоди давлатие мебошад, ки манфиати иқтисодиёти миллиро ҳифз намуда, ташаккули қисми даромади буҷети давлатиро таъмин менамояд, аз ин лиҳоз, мақсаднокии фаъолияти устувори он ғамхории давлат мебошад. Бо мақсади иҷрои принсипи худтаъминкунӣ дар низоми гумрук ба ҳайси манбаи асосии руйпушкунии хароҷот ва амалкарди устувори он маблағҳои ғайрибуҷетӣ (Фонди рушди низоми гумрук) истифода бурда мешаванд. Интихоби ин методи

маблағгузорӣ қарори дуруст мебошад, ки таҷрибаи кории низоми гумруки ҷаҳонӣ онро собит месозад. Бинобар ин, дар ҳоли ҳозир ва оянда Фонди рушди низоми гумрук манбаи молиявии нисбатан самараноки фаъолият гардида, мустақиман бо фаъолияти Хадамоти гумрук алоқаманд мегардад. Дар Барномаи мақсадноки рушди Хадамоти гумруки ҷумҳурӣ ба ин манбаъ бартарӣ дода шудааст, ки одилона ба назар мерасад, чунки ин методи маблағгузорӣ нисбат ба маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ доро як қатор афзалиятҳо мебошад. Аввалан, ба қисми хароҷоти буҷети давлатӣ сарбории зиёд эҷод намекунад ва баъдан, сатҳи масъулият ва ҳавасмандии худи низоми гумруки ҷумҳуриро барои иҷрои сифатноки уҳдадориҳо ва вазифаҳо баланд мебардорад, зеро сатҳи устувории молиявии ташкилоти таҳқиқшаванда мустақиман бо сатҳи ташкили самараноки фаъолияти худ алоқаманд буда, барои зиёд намудани ҳаҷми воридот ба қисми даромади буҷет мусоидат менамояд[57].

Дар таҳқиқот оварда шудааст, ки вазифаи низоми гумрук барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиётии тавассути сатҳади гумрукӣ интиқолёбанда (амалиёти гумрукӣ) мебошад, аз ин рӯ, ба ҳайси самти муҳимтарини ташаккули Фонди рушд хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ баромад мекунанд. Миқдори хароҷоти бо барасмиятдарории гумрукӣ алоқамандро муайян намуда, миқдори ин хироҷҳоро муқаррар менамоянд. Тартиби муқарраркунии миқдори хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукиро (МХГББ) метавон дар шакли зерин шарҳ дод:

$$МХГББ = ХНГ / ҲГСХ,$$

ки дар ин ҷо:

ХНГ - бузургии хароҷот барои нигоҳдорӣ ва рушди низоми гумрук;

ҲГСХ - ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ мебошад.

Ҳамин тавр, андозаи хироҷҳо барои барасмиятдарории гумрукӣ ба

[57] Лозбенко Л.А. Совершенствование управления таможенной деятельностью и повышение ее эффективности [Текст]: автореф. канд. экон. наук / Лозбенко Леонид Аркадьевич. - М.: РТА, 1996. - С. 20-21.

ҳайси категорияи нархие баромад мекунад, ки дар он хароҷот ҳамчун унсури асосии нарх возеҳ ифода ёфтааст. Андозаи хироҷи гумрукӣ нархи меъёрӣ буда, ғайр аз ин миқдори додашуда на танҳо хароҷотро ҳамчун омили нархгузорӣ, балки ҳамзамон сифати хизматрасониҳои мақомоти гумрук ва дараҷаи муайяни талабот ба ин хизматрасониҳоро низ ба назар мегирад. Зеро баъзе аз иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ ба хизматрасониҳои гумрукӣ (барасмиятдарории гумрукӣ) на дар маҳалли ҷойгиршавӣ ва на дар вақти кории он талабот доранд. Мақомоти гумрук вобаста ба хосияти хизматрасонии пешниҳодшаванда ва дар мувофиқа бо иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ андозаи бузург ва тафриқашударо қабул мекунад. Дар ин ҷо тафриқаи андозаи хироҷҳо ҳамчун дар нарх ба ҳисоб гирифтани омилҳои нархташаккулдиҳанда баромад мекунад, ба иборaи дигар тафриқа тибқи қонунҳои нархгузорӣ иҷро мешавад.

Боз як хусусияти хироҷҳои гумрукӣ ё меъёри хироҷи гумрукиро қайд кардан зарур аст. Асосан дар нарх ду унсур – арзиши аслӣ (хароҷоти ҷорӣ), ки барои такрористеҳсоли одӣ зарур мебошад ва фоида, ки барои такрористеҳсоли васеъ равона мегардад, инъикос меёбад. Бо дарназардошти ин Фонди рушди низоми гумрук ва мутаносибан миқдори хироҷҳо низ дар худ хароҷоти ҷорӣ ва захираҳои барои такрористеҳсоли васеъ (хароҷоти сармоявӣ) зарурро инъикос менамоянд.

Ба ақидаи мо, пешниҳоди бархе аз мутахассисон, ки доир ба дар ҷумҳурӣ ҷорӣ намудани методикаи баҳисобгирии ҳироҷҳои барасмиятдарории гумрукии дар мамлакатҳои Ғарб истифодашаванда нигаронида шудаанд, беасос мебошад, зеро ба мақомоти гумруки мамлакати мо дар фарқият аз мақомоти гумруки мамлакатҳои ғарбӣ барои ташкили инфрасохтори хизматӣ ва иҷтимоӣ захираҳои бузург лозим мебошанд, ки ба вазифаҳои иҷрокунандаи мақомоти гумрук ҳамчун ниҳоди давлатӣ мутобиқат намекунанд. Ғайр аз ин, дар раванди ситонидани хироҷҳои гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ сарбории асосӣ ба

уҳдаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ вогузор мегардад, ки онҳо таъминкунандаи гардиши начандон калон ба ҳисоб meраванд. Дар ин ҷо он иштирокчиёни ФИБ бурд мекунанд, ки ба таъмини ҳаҷман бузурги молҳо машғул мебошанд. Дар ин ҳолат, метавонад ҳолати аз нав тақсимкунии хироҷҳои гумрукӣ аз иштирокчиёни бузурги фаъолияти иқтисодии берунӣ ба хурд ва миёна ба амал ояд. Аз ин рӯ, ақидаи ҷорӣ намудани миқдори махсус ё омехтаи хироҷҳо набояд аз мадди назар дур бошад. Инчунин, ҳудуди амалкарди меъёри хироҷҳо, бояд ҳам ба тарафи камшавии ҳадди поёнӣ ва ҳам ба тарафи зиёдшавии ҳадди болоӣ кашида шавад.

**Ҷадвали 2.12. Динамикаи нишондиҳандаҳои фаъолияти гумрукӣ ва иқтисоди беруна (млн. доллар)**

| Солҳо | Хироҷи гумрукӣ | Боҷи гумрукӣ | Андози аксизӣ | Андоз аз арзиши иловашуда | Пардохт ҳои гумрукӣ | Гардиши савдои хори-ҷӣ. млн. долл. (X1) | Содирот, млн. долл (X2) | Вордидот, млн. долл. (X3) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 4.13 | 50.98 | 35.50 | 296.23 | 386.85 | 3851.6 | 1194.7 | 2656.9 |
| 2011 | 6.23 | 72.10 | 32.06 | 385.68 | 496.07 | 5463.3 | 2257.3 | 3206 |
| 2012 | 7.09 | 87.64 | 28.63 | 449.81 | 573.16 | 5138.1 | 1359.7 | 3778.4 |
| 2013 | 7.48 | 97.18 | 43.63 | 526.45 | 674.75 | 4988.8 | 943.4 | 4045.4 |
| 2014 | 11.85 | 105.64 | 54.06 | 638.59 | 810.15 | 5274.7 | 977.3 | 4297.4 |
| 2015 | 5.73 | 73.10 | 31.03 | 471.73 | 581.59 | 4326.2 | 890.6 | 3435.6 |
| 2016 | 9.16 | 76.51 | 23.87 | 377.08 | 486.62 | 3929.9 | 898.7 | 3031.2 |
| 2017 | 8.80 | 81.49 | 25.88 | 399.38 | 515.55 | 3972.9 | 1198 | 2774.9 |
| 2018 | 7.58 | 81.60 | 29.13 | 410.95 | 529.26 | 4224.3 | 1073.3 | 3151 |
| 2019 | 13.13 | 84.42 | 43.08 | 440.16 | 580.79 | 4523.7 | 1174.4 | 3349.3 |
| 2020 | 11.36 | 68.11 | 42.10 | 411.92 | 533.49 | 4557.7 | 1406.8 | 3150.9 |
| Соли 2020 нис.ба соли 2010, % | 275 | 133,6 | 118,6 | 139,0 | 137,9 | 118,3 | 117,7 | 118,5 |

***Сарчашма.*** Омори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, -2021.

**Эзоҳ:** Пардохтҳои гумрукӣ $= f$(Гардиши савдои хориҷӣ);

Хироҷи гумрукӣ $= f$(Пардохтҳои гумрукӣ);

Боҷи гумрукӣ $= f$(Пардохтҳои гумрукӣ);

Андозҳои аксизӣ $= f$(Пардохтҳои гумрукӣ);

Андоз аз арзиши иловашуда $= f$(Пардохтҳои гумрукӣ)

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хироҷи гумрукӣ дар таъминоти

молиявии фаъолияти унсурҳои низоми гумрук нақши калидӣ дорад. Хироҷи гумрукӣ, умуман боҷи гумрукӣ, андози аксизӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва пардохтҳои гумрукӣ ба неруи фаъолияти иқтисоди берунаи мамлакат вобастагии зич дорад. Аз маълумоти ҷадвали 2.12 мушоҳида мегардад, ки пайваста бо боло рафтани савдои беруна гардиши савдои хориҷӣ, хироҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳо низ афзуда истодааст.

Дар давраи солҳои 2010-2020 ҳаҷми хироҷи гумрукӣ беш аз 2,7 маротиба афзудааст, яъне он ба ҳар як банди афзоиши гардиши савдои хориҷӣ тақрибан 2,3 банд афзудааст (2,7/1,18). Вобаста ба тағйирёбии ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ тағйирёбии назарраси пардохтҳои гумрукӣ мушоҳида мешавад. Мутобиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳо муодилаи хаттиро, барои муайян намудани алоқамандии ин нишондиҳандаҳо истифода бурдан мумкин аст, ки дар зер оварда шудааст (муодилаи 1).

$$\text{Пардохтҳои гумрукӣ} = 0.1226 * \text{Гардиши савдои хориҷӣ} \quad (1)$$

Аз натиҷаи муодилаи (1) бармеояд, ки вобаста ба ҳар як фоизи болоравии гардиши савдои хориҷии кишвар пардохтҳои гумрукӣ ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 12.26 фоиз афзоиш меёбад (ҷадвали 2.13).

**Ҷадвали 2.13. Натиҷаи санҷишҳои тестии муодилаи (1)**

| **Тағйирёбандаи вобаста:** | **Пардхотҳои гумрукӣ (бо млн.долл.)** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Коэффитсиентҳо | Хатогиҳои стандартӣ | t-омор | P-қиммат |
| x–гардиши савдои хориҷӣ (бо млн.дол) | 0. 122653 | 0.005725 | 21.42454 | 0.00000 |
| R-квадрат | 0.978679 | Критерияи F | 459.0108 | |
| Бамеъёрдарории R-квадрат | 0.878679 | Аҳаммиятнокии F | 0.00000 | |
| Хатогии стандартӣ | 87.35246 | | | |

***Сарчашма***: Муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.12 таҳия намудааст.

Дар ҷадвал оварда шудааст, ки коэффитсиенти детерминатсионии $R^2$ байни тағйирёбандаи вобастаи пардохтҳои гумрукӣ ва новобастаи гардиши савдои хориҷӣ ба 0,98 баробар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар муодилаи мазкур байни тағйирёбандаҳо алоқамандии зич вуҷуд дорад. Нишондиҳандаҳои дигари санҷишӣ, аз ҷумлаи $t_b$=21.42 ва $F_{\text{критерия}}$=459.01

низ гипотезаи нулиро рад мекунанд ва тасдиқ менамоянд, ки нишондиҳандаи муодила ва натиҷаи регрессия дар маҷмуъ аҳаммиятнок ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаи муодилаи (1) дар расми 2.4 бо истифода аз маълумоти омории пардохтҳои гумрукӣ бо натиҷаи ҳисобии муодила ва хатогии байни онҳо дар давраи солҳои 2010-2020 оварда шудааст.




**Расми 2.4. Натиҷаи муодилаи пардохтҳои гумрукӣ (бо млн.долл)**

***Сарчашма*:** Муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.12 таҳия намудааст.

Аз расми 2.4 чунин мушоҳида мегардад, ки дар байни маълумоти омории пардохтҳои гумрукӣ ва натиҷаи муодила тафовути кам вуҷуд дошта, вобаста ба муодилаи (1) мо метавонем нишондиҳандаи пардохтҳои гумрукиро дурнамо намоем, ки натиҷаи он дар ҷадвали 2.14 оварда шудааст. Динамикаи хироҷи гумрукӣ нишон медиҳад, ки ҳамасола вобаста ба пардохтҳои гумрукӣ, он ҳиссаи муайянро ташкил додааст. Аз ин хотир, барои дурнамои нишондиҳандаи мазкур муодилаи зеринро истифода бурдан мумкин аст (муодилаи 2).

$$\text{Хироҷи гумрукӣ} = 0.014927 * \text{Пардохтҳои гумрукӣ} \quad (2)$$

Аз муодилаи (2) ба назар мерасад, ки ҳангоми дар ҳаҷми 1 доллари ИМА зиёд гардидани пардохтҳои гумрукӣ ба ҳисоби миёна 0.0149 доллари ИМА ба хироҷи гумрукӣ рост меояд (ниг. ба ҷадв. 2.14).

**Ҷадвали 2.14. Натиҷаи санҷишҳои тестии муодилаи (2)**

| Тағйирёбандаи вобаста | Хироҷи гумрукӣ (бо млн.долл.) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Коэффитсиентҳо | Хатогиҳои стандартӣ | t-омор | Р-қиммат |
| х-пардохтҳои гумрукӣ (млн.дол.) | 0.014927 | 0.001274 | 11.71859 | 0.000000 |
| R-квадрат | 0.932123 | Критерияи F | 137.325 | |
| Бамейёрдарории R-квадрат | 0.832123 | Аҳаммиятнокии F | 0.00000 | |
| Хатогии стандартӣ | 2.409775 | | | |

***Сарчашма*:** Муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.12 таҳия намудааст.

Натиҷаи муодилаи ҷадвали 2.14 аз он шаҳодат медиҳад, ки вобаста ба коэффитсиенти детерминатсионии муодилаи истифодашуда $R^2$=0.93 байни нишондиҳандаҳо алоқамандии зич вуҷуд дорад. Нишондиҳандаҳои омории санҷишии $t_{омор}$ ва $F_{критерия}$ низ гипотезаи нулиро рад мекунанд ва тасдиқ менамоянд, ки коэффитсиентҳои муодила ($t_b$<|11.7|) ва натиҷаи регрессия (F<|137.32|) аҳаммиятнок ба ҳисоб меравад.

Натиҷаи муодилаи (2) дар расми 2.5 бо маълумоти омории хироҷи гумрукӣ бо ҳисобӣ пайдонамудаи муодила ва хатогии байни онҳо дар давраи солҳои 2010-2020 оварда шудааст.




**Расми 2.5. Натиҷаи муодилаи хироҷи гумрукӣ (бо млн.доллари ИМА).**
***Сарчашма*:** Муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.12 таҳия намудааст.

Тамоюли тавассути муодила ба даст овардашудаи хироҷи гумрукӣ дар қиёс бо динамикаи оморӣ фарқияти на он қадар зиёд дорад. Аз ин рӯ,

муодилаи (2)-ро барои дурнамои хироҷи гумрукӣ истифода бурдан мумкин аст.

Нишондиҳандаи дигари таҳлилшаванда - боҷи гумрукӣ низ ҳамасола рӯ ба афзоиш дорад ва ҳамин тариқ, вобаста аз маҷмуи пардохтҳои гумрукӣ тавассути муодилаи зерини хаттӣ афзоиши боҷи гумрукиро муайян кардан мумкин аст (муодилаи 3).

$$\text{Боҷи гумрукӣ} = 0.141719 * \text{Пардохтҳои гумрукӣ} \qquad (3)$$

Муодилаи (3) нишон медиҳад, ки вобаста ба 1 доллари ИМА зиёд гардидани пардохтҳои гумрукӣ боҷи гумрукӣ ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 0.141 доллари ИМА афзоиш меёбад. Натиҷаи муфассалтари муодила дар ҷадвали 2.15 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.15. Натиҷаи санҷишҳои тестии муодилаи (3)**

| **Таъғийрёбандаи вобаста:** | **Боҷи гумрукӣ (бо млн.доллар)** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Коэффитсиентҳо | Хатогиҳои стандартӣ | t-омор | Р-қиммат |
| Пардохтҳои гумрукӣ (бо млн.долл) | 0.141719 | 0.003604 | 39.32756 | 0.000000 |
| R-квадрат | 0.993576 | Критерияи F | 1546.657 | |
| Бамеъёрдарории R-квадрат | 0.893576 | Аҳаммиятнокии F | 0.00005 | |
| Хатогии стандартӣ | 6.817072 | | | |

***Сарчашма*:** Муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.12 таҳия намудааст.

Маълумоти ҷадвали 2.15 низ аз он шаҳодат медиҳад, ки байни нишондиҳандаҳои интихобгардида алоқамандии зич вуҷуд дошта, коэффитсиенти детерминатсионии онҳо $R^2$=0.993-ро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои санҷишии омории $t_{b1}$<|39.32|, ва $F_{критерия}$=1546.657 низ гипотезаи нулиро рад карда, тасдиқ менамоянд, ки параметри коэффитсиенти муодила ва натиҷаи регрессия дар маҷмуъ аҳаммиятнок маҳсуб меёбад.




**Расми 2.6. Натиҷаи муодилаи боҷи гумрукӣ (бо млн.доллар)**

***Сарчашма*: Муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.12 таҳия намудааст.**

Натиҷаи муодилаи (3) дар расми 2.6 вобдаста ба маълумоти омории боҷи гумрукӣ аз рӯйи маълумоти ҳисобии тавассути муодила ба даст овардашуда ва хатогии байни онҳо дар давраи солҳои 2010-2020 оварда шудааст

Аз расми 2.6 мушоҳида мегардад, ки дар байни нишондиҳандаҳо хатогии кам ҷой дорад ва вобаста ба муодилаи интихобгардида, мо метавонем нишондиҳандаи боҷи гумрукиро дурнамо намоем (ҷадвали 2.18). Вобаста ба таъғйирёбии андозҳои аксизӣ дида мешавад, ки нишондиҳандаи мазкур ба ҳисоби миёна тақрибан 6%-и пардохтҳои гумрукиро ташкил медиҳад. Тибқи ин таъғйирёбӣ, муодилаи хаттиро барои дарёфти вобастагии андозҳои аксизӣ ва пардохтҳои гумрукӣ истифода бурдан мумкин аст, ки дар зер оварда шудааст (муодилаи 4).

$$\text{Андози аксизӣ} = 0.062926 * \text{Пардохтҳои гумрукӣ} \quad (4)$$

Аз натиҷаи муодилаи (4) чунин бармеояд, ки ҳангоми ба андозаи 1 доллари ИМА зиёд шудани пардохтҳои гумрукӣ, ба ҳисоби миёна андозҳои аксизӣ 0.062 доллари ИМА зиёд мегарданд. Натиҷаи муфассалтари муодила дар ҷадвали 2.16 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.16. Натиҷаи санҷишҳои тестии муодилаи (4)**

| Таъғийрёбандаи вобаста | Андози аксизӣ (бо млн. доллар) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Коэффитсиентҳо | Хатогиҳои стандартӣ | t-омор | P-қиммат |
| x–пардхотҳои гумрукӣ (бо млн.долл) | 0.062926 | 0.003522 | 17.86637 | 0.00000 |
| R-квадрат | 0.99972 | Критерияи F | 35681.4 | |
| Бамеъёрдарории R-квадрат | 0.89972 | Аҳаммиятнокии F | 0.00000 | |
| Хатогии стандартӣ | 7.81589 | | | |

***Сарчашма***: Муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.12 таҳия намудааст.

Натиҷаи муодилаи ҷадвали 2.17 низ исбот менамоянд, ки коэффитсиенти детерминатсионии муодилаи истифодашуда $R^2$=0.998 буда, байни нишондиҳандаҳо алоқамандии зич вуҷуд дорад. Нишондиҳандаҳои омории санҷишии $t_{омор}$ ва $F_{критерия}$ низ ва $F_{критерия}$ низ гипотезаи нулиро рад мекунанд ва тасдиқ менамоянд, ки коэффитсиентҳои муодила ($t_b$<|188.89|) ва ва натиҷаи регрессионӣ (F<|35681.4|) аҳаммиятнок ба ҳисоб меравaнд (натиҷаи муфассал дар замимаи 4 оварда шудааст).

Натиҷаи муодилаи (4) дар расми 2.7 бо маълумоти омории андози аксизӣ бо натиҷаи муодила ва хатогии байни онҳо дар давраи солҳои 2010-2020 оварда шудааст.




**Расми 2.7. Натиҷаи муодилаи андози аксизӣ бо млн. доллари ИМА**

***Сарчашма***: Муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.12 таҳия намудааст.

Вобаста ба натиҷаи муодила, ки дар расми 2.7 оварда шудааст ва байни нишондиҳандаҳо хатогии кам дида мешавад. Бо истифода аз муодила (4) мумкин аст, ки нишондиҳандаи андози аксизиро дурнамо намоем. Барои таҳлили андоз аз арзиши иловашуда ва барои дурнамо намудани нишондиҳандаи мазкур муодилаи хаттиро истифода бурдан мумкин аст, ки ба намуди зерин оварда шудааст (муодилаи 5).

$$\text{Андоз аз арзиши иловашуда} = 0.780428 * \text{Пардохтҳои гумрукӣ} \quad (5)$$

Аз натиҷаи муодилаи (5) бармеояд, ки ҳамасола андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоби миёна ба 78%-и пардохтҳои гумрукиро ташкил медиҳад. Натиҷаи муфасстари муодила дар ҷадвали 2.17. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.17. Натиҷаи санҷишҳои тестии муодилаи (5)**

| **Тағйирёбандаи вобаста:** | **Андоз аз арзиши иловашуда (бо млн. доллар)** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Коэффитсиентҳо | Хатогиҳои стандартӣ | t-омор | Р-қиммат |
| x–пардохтҳои гумрукӣ (бо млн.долл) | 0.780428 | 0.004132 | 188.8952 | 0.00000 |
| R-квадрат | 0.99972 | Критерияи F | 35681.4 | |
| Бамеъёрдарории R-квадрат | 0.89972 | Аҳаммиятнокии F | 0.00000 | |
| Хатогии стандартӣ | 7.81589 | | | |

***Сарчашма*:** Муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.12 таҳия намудааст.

Натиҷаи муодилаи ҷадвали 2.17 низ исбот менамоянд, ки коэффитсиенти детерминатсионии муодилаи истифодашуда $R^2$=0.99 буда, байни нишондиҳандаҳо алоқамандии зич вуҷуд дорад. Нишондиҳандаҳои омории санҷишии $t_{омор}$ ва $F_{критерия}$ низ ва $F_{критерия}$ низ гипотезаи нулиро рад мекунанд ва тасдиқ менамоянд, ки коэффитсиенти муодила ($t_b$<|188.89|) ва ва натиҷаи регрессионӣ (F<|35681.4|) аҳаммиятнок ба ҳисоб меравcovered. Натиҷаи муодилаи (5) дар расми 2.8. бо маълумоти омории андоз аз арзиши иловашуда бо ҳисобӣ пайдо кардашудаи муодила ва хатогии байни онҳо дар давраи солҳои 2010-2020 оварда шудааст.




**Расми 2.8. Натиҷаи муодилаи андоз аз арзиши иловашуда (бо млн.доллар)**

***Сарчашма*: Муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.12 таҳия намудааст.**

Натиҷаи муодилаи дар расми 2.8 овардашуда нишон медиҳад, ки байни маълумоти оморӣ ва ҳисобӣ хатогии кам вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, бо истифода аз муодила (5) мумкин аст, ки нишондиҳандаи андоз аз арзиши иловашударо дурнамо намоем (ниг. ба ҷадв. 2.18).

**Ҷадвали 2.18. Дурнамои нишондиҳандаҳои фаъолияти гумрукӣ**

| Солҳо | Хироҷи гумрукӣ | Боҷи гумрукӣ | Андози аксизӣ | Андоз аз арзиши иловашуда | Пардохт-ҳои гумрукӣ | Гардиши савдои хориҷӣ. млн. долл. (X1) | Содирот. млн. долл (X2) | Воридот. млн. долл. (X3) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2020 | 11.36 | 68.11 | 42.10 | 411.92 | 533.49 | 4557.7 | 1406.8 | 3150.9 |
| 2021 | 8.49 | 80.69 | 35.82 | 444.35 | 569.37 | 4642.11 | 1491.21 | 3150.9 |
| 2022 | 8.69 | 82.56 | 36.65 | 454.62 | 582.54 | 4749.47 | 1598.57 | 3150.9 |
| 2023 | 8.94 | 84.89 | 37.69 | 467.48 | 599.01 | 4883.75 | 1732.85 | 3150.9 |
| 2024 | 9.25 | 87.87 | 39.07 | 483.9 | 620.05 | 5055.31 | 1904.41 | 3150.9 |
| 2025 | 9.65 | 91.67 | 40.7 | 504.86 | 646.91 | 5274.32 | 2123.42 | 3150.9 |

***Сарчашма*: Аз тарафи муаллиф бо истифода аз барномаи MS Excel ва маълумоти ҷадвали 2.12 тартиб дода шудааст.**

Тавре маълум аст, асоси пардохтҳои гумрукиро нишондиҳандаҳои воридотӣ ва содиротии мамлакат ташкил медиҳанд. Бинобар ин, барои муайян намудани вобастагии байни омилҳои воридот ва содирот ба пардохтҳои гумрукӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо истифода аз маълумоти оморӣ (ниг. ба ҷадв. 2.19) таҳлили коррелятсионӣ гузаронидан мақсаднок мебошад.

**Ҷадвали 2.19. Нишондиҳандаҳои фаъолияти гумрукӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе дар давраи солҳои 2010-2021**

| Солҳо | Пардохтҳои гумрукӣ (ҶТ), млн.сом | Пардохтҳои гумрукӣ (ш.Душанбе), млн.сом | Воридот, млн.сом | Содироот, млн.сом |
|---|---|---|---|---|
| 2010 | 1694,4 | 679,5 | 11722,2 | 5271,0 |
| 2011 | 2286,9 | 902,7 | 15129,1 | 10652,2 |
| 2012 | 2716,8 | 920,8 | 18023,0 | 6485,8 |
| 2013 | 3211,8 | 854,9 | 19337,0 | 4509,5 |
| 2014 | 3998 | 1215,8 | 21229,2 | 4827,9 |
| 2015 | 3585,2 | 1056,6 | 19576,0 | 5074,6 |
| 2016 | 3813 | 1247,3 | 23858,6 | 7073,7 |
| 2017 | 4407,8 | 806,8 | 23683,8 | 10224,9 |
| 2018 | 4843,4 | 1072,5 | 28834,8 | 9821,8 |
| 2019 | 5535 | 1334,2 | 31922,2 | 11193,2 |
| 2020 | 5494,9 | 1436,4 | 31422,0 | 14029,2 |
| 2021 | 6840,7 | 1834,0 | 34681,9 | 23817,0 |

***Сарчашма***: ҳисоботи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010-2021.

Мувофиқи таҷрибаҳои амалӣ таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ имконияти ошкор намудани як қатор омилҳоеро дорад, ки метавонанд ба самаранокии фаъолияти корӣ таъсир расонанд.[58] Дар рафти таҳлил маълум гардидид, ки байни омилҳои воридот ва содирот алоқамандии коллинеарӣ вуҷуд дошта ($r_{В,С} = 0{,}734$), имконияти дохил намудани яке аз омилҳои мазкур ба амсилаҳои регрессионии арзёбии пардохтҳои гумрукӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанберо ба миён овард. Имконияти ба он омиле дода мешавад, ки агар вобастагии байни онҳо бо аломати натиҷавӣ баланд бошад. Бинобар, ин натиҷаи таҳлил нишон дод, ки байни нишондиҳандаи пардохтҳои гумрукӣ ва омили воридот дар сатҳи ҷумҳурӣ ( $r_{ПГ,В} = 0{,}980$) ва шаҳри Душанбе ( $r_{ПГ,В} = 0{,}893$) вобастагии баланд вуҷуд доранд. Чунин вобастагии байни аломатҳои натиҷавӣ ва омилҳои таъсиррасон нишон медиҳанд, ки ҳангоми таҳияи амсилаҳои регрессионии арзёбии пардохтҳои гумрукӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанберо ба сифати омили таъсиррасон дохил намудани омили нишондиҳандаҳои воридотӣ тибқи талаботи эконометрикӣ мебошад.

[58] Ходжаев П.Д. Корреляционно-регрессионный анализ факторов развития материального стимулирования персонала [Текст] / П.Д. Ходжаев, Ш.О. Кабиров, И.А. Субхонкулов // Экономика Таджикистана. - 2020. - №S4-1. - С. 149-158. - EDN WIORQX

Ҳамин тариқ, дар асоси маълумоти омории (пардохтҳои гумрукӣ ва воридот) давраи солҳои 2010-2021 ва татбиқи усулҳои эконометрӣ амсилаи регрессионии арзёбии пардохтҳои гумрукӣ дар сатҳи Хадамоти гумрук ва Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе ба таври зайл таҳия карда шудааст.

1. Дар сатҳи ҷумҳурӣ:

$$\text{ПГ}_\text{Т} = -698{,}954 + 0{,}2033 \cdot \text{В} \qquad (2.1)$$

$$R^2 = 0{,}961$$

2. Дар сатҳи РМГ дар шаҳри Душанбе:

$$\text{ПГ}_\text{Д} = 235{,}465 + 0{,}0377 \cdot \text{В} \qquad (2.2)$$

$$R^2 = 0{,}849$$

Дар инҷо, $\text{ПГ}_\text{Т}$ - пардохтҳои г Зеро мувофиқи таҷрибаҳои амалӣ таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ имконияти ошкор намудани як қатор омилҳоеро дорад, ки метавонанд ба самаранокии фаъолияти корӣ таъсир расонанд.[59]

умрукӣ дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, $\text{ПГ}_\text{Д}$ - пардохтҳои гумрукӣ дар сатҳи РМГ дар шаҳри Душанбе, В - воридот, С – содирот мебошанд.

Аз натиҷаи коэффитсиенти детерминатсия ($R^2$) маълум мегардад, амсилаҳои регресиионии таҳиягардида босифат буда, истифодабарии он ҳангоми таҳлил, тибқи қоида мебошанд.

Дар мавриди татбиқи амсилаҳои мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст: дар ҳолати ба як воҳид зиёд гардидани ҳаҷми воридот, пардохтҳои гумрукӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна ба андозаи 0,2033 воҳид зиёд мегардад. Ҳамзамон, агар ҳаҷми воридот ба як воҳид зиёд шавад, ба ҳисоби миёна пардохтҳои гумрукӣ дар РМГ дар шаҳри Душанбе ба андозаи 0,0377 воҳид зиёд ҷамъоварӣ мегардад.

Ҳамчунин низоми гумрук дар самти мубориза бар зидди

---

59 Ходжаев П.Д. Корреляционно-регрессионный анализ факторов развития материального стимулирования персонала / П.Д. Ходжаев, Ш.О. Кабиров, И.А. Субхонкулов // Экономика Таджикистана. - 2020. - №S4-1. - С. 149-158. - EDN WIORQX

ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ фаъолияти ҷоннок дорад, ки метавонад ситонидани ҷаримаҳо манбаи молиявии фаъолияти онҳо бошад. Чуноне, ки рақамҳои ҷадвали 2.20 нишон медиҳанд, дар мунсибатҳои иштирокчиёни фаъолдияти иқтисоди беруна, ки онро низоми гумрук назорат мекунад, шумораи ҷавобгарии ҷинояти дар давраи солҳои 2017-2020 афзоиш ёфтааст, яъне он 2 маротиба зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2.20. Фаъолият дар самти мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ**

| Ҷавобгариҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Соли 2020 нис. ба соли 2017 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷавобгарии маъмурӣ, воҳид | 4947 | 4583 | 4170 | 4208 | 85,0 |
| Ҷавобгарии ҷиноятӣ, воҳид | 36 | 61 | 92 | 72 | 200,0 |
| Ҳамагӣ | 4983 | 4644 | 4262 | 4280 | 85,9 |
| Маблағи пардохтҳои гумрукии барқароршуда, млн. сомонӣ | 41163 | 16374 | 9706,6 | 15887,3 | 38,6 |
| Ҷаримаҳо, млн. сомонӣ | 4283 | 7,884,8 | 7476,8 | 7090,5 | 165,5 |
| Мусодираи молҳо, ҳаз. сомонӣ | 34296 | 8548 | 7171 | 10526 | 30,7 |

**Сарчашма:** ҳисоботи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010-2021.

Ҳаҷми ҷаримаҳо дар ин давра аз 4283 то 7090,5 млн. сомонӣ афзудааст. Соли 2020 ҳаҷми мусодираи молҳо беш аз 10 млн сомонро ташкил додааст. Барои баланд бардоштани сатҳи самаранокии корҳо бо молҳои дар гардиши моликияти давлатии низоми гумрук қарордошта ва молҳои мусодирашуда барномаи мақсаднокеро коркард намудан лозим аст, ки дар он натанҳо онҳо ба қайд гирифта шуда бошанд, балки роҳҳои зерини ҳаллу фасли иқтисодӣ-ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва масъалаҳои методологии корҳо бо мусодирашудаҳо (конфискатҳо) инъикос ёбанд:

– бояд заминаи ҳуқуқии ҳалли масъалаҳои зерин таҳия гарданд: дар санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ бояд ҳуқуқи низоми гумрук дар технологияи фурӯши мусодираҳо нисбатан аниқ муайян карда шавад. Ба андешаи мо, ба низоми гумрук ҳуқуқ дода шавад, ки бо ҷалби дигар ташкилотҳои ғайригумрукии фурӯш технологияи фурӯши мусодираҳо ҳал намояд.

– тартиби нархгузории молҳои фурӯхташавандаи дар гардиши моликияти давлатӣ қарордошта муайян карда шавад. Дар айни замон ин қабил молҳо бо нархҳои бозорӣ фурӯхта мешаванд. Аммо, ин нарх абстакт мебошад, чунки категорияи нархи бозорӣ ҳодисаи мураккаб аст. Дар ҳамон як вақт дар молҳои монанд метавонанд нархҳои бозории гуногун вуҷуд дошта бошанд. Дар натиҷаи ин, дар аксар маврид барои сохторҳои гумрук ҳолате рух медиҳад ё лозим меояд, ки масалан, онҳо барои мақомоти назораткунанда асоснок кунанд, ки чаро маҳз ин нархҳо ба ҳайси нархҳои бозории мусодираҳо қабул шудаанд;

– коркарди нақшаи баҳисобгирии воситаҳое, ки аз мақомоти гумрук ба даромади буҷети давлатӣ, дар натиҷаи ройгон ба давлат додани металлҳои қиматбаҳои мусодирашуда ва амволи арзишнок (тилло, маснуот аз тилло, сангҳои қиматбаҳо, молҳои арзишманди фарҳангӣ ва ғайра) ворид мешаванд.

Ғайр аз муқаррар намудани таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрук бо мусодираҳо масъалаҳои иқтисодӣ-ташкилӣ низ аҳамияти ниҳоят муҳим доранд. Ин масъалаҳо қабули чораҳои зеринро тақозо мекунанд:

Якум, коркарди методҳо ва роҳхои баҳогузории бозоргирии молҳое, ки дар моликияти давлатӣ гардиш мекунанд. Чунки давлат барои дарёфти фоидаи хуб аз фурӯши мусодираҳо, махсусан агар онҳо сатҳи баланди бозоргирӣ дошта бошанд ҳавасманд мебошад. Бинобар ин, низоми гумрук бояд сатҳи бозоргирии молҳоро донад. Дар ҳолате, ки агар мол сатҳи пасти бозоргирӣ дошта ё умуман бозоргир набошад, он гоҳ хизматрасонӣ барои раванди фурӯши он на танҳо бесамар, балки зиёновар хоҳад буд. Аз ин лиҳоз, ба низоми гумрук зарур аст, ки методикаи баҳогузории бозоргирии мусодираҳо ва тартиби ҳаракат ё гардиши ин молҳоро дар моликияти давлатӣ бо назардошти сатҳи бозоргирии онҳо таҳия намояд.

Дуюм, бояд нақшаи интиқоли молҳо (таҷҳизот) ба субъектҳои иқтисодие, ки шароити вазнини молиявӣ доранд бо мақсади дароз намудани муҳлати пардохти арзиши онҳо таҳия карда шавад. Барои дароз

кардани муҳлати пардохт бонкҳо бояд ба ҳайси зомин баромад кунанд. Ин аз як тараф барои беҳбуди ҳолати молиявии ташкилот мусоидат намояд, аз тарафи дигар, хароҷоти нигоҳдории молҳоро (таҷҳизотро), ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад кам мекунад.

Сеюм, шартҳои ба ташкилотҳои ғайригумрукӣ барои фурӯш интиқол додани мусодираҳоро муайян карда, инчунин масъулияти ҳам мақомоти гумрук ва ҳам ташкилоти дигар барои фурӯши саривақтӣ ва самараноки молҳо муқаррар карда шавад.

Чорум, инчунин бояд нақшаи оқилонаи ҳамроҳӣ кардани молҳое, ки дар моликияти давлатӣ гардиш мекунанд, аз ҳаллу фасли масъалаи интиқоли онҳо ба моликияти давлат сар карда то фурӯши онҳо коркард ва амалӣ карда шаванд. Зимнан, дар доираи низоми гумрук нақшаи ташкилии ба принсипҳои маркетинг асосёфтаро, ки ҳамаи марҳилаҳои кор бо молҳоро фаро мегирад таҳия намудан зарур аст. Дар ҳошияи ин ташкили маркетинг бояд тамоми қаламрави ҷумҳуриро фаро гирад. Бинобар ин, зарур аст, ки дар назди низоми гумрук Маркази хадамоти маркетингӣ ташкил карда шавад, ки тавассути алоқаҳои гумрукӣ ба омӯзиш ва ҷамъоварии иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати молҳои дар гардиши моликияти давлатбуда, нархи эҳтимолии фурӯши молҳои мусодирашуда ва харидорони онҳо машғул гардад. Дар ин Марказ тибқи методикаи махсус ҳолати бозорҳои молҳои гуногун дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси таҳлили онҳо чораҳои муносиб барои фурӯши онҳо коркард мешаванд. Хароҷоти ҳадди ақал, ки бо гардиши молҳо дар моликияти давлатӣ алоқаманд мебошад, бояд ба ҳайси меъёрҳои мувофиқ ва инчунин нархи эҳтимолии ҳадди аксари фурӯши ин молҳо баромад намояд. Маркази хадамоти маркетингӣ тавсияҳо коркард намуда, ба низоми гумрук роҳҳои фурӯши ин молҳоро пешниҳод менамояд.

Дар сохтори Маркази хадамоти маркетингӣ бояд воҳидҳои махсус дар Раёсатҳои минтақавии гумрукӣ дохил шуда, бо мақсади тезонидани раванди фурӯши молҳои мусодирашуда ташкилотҳои дигари

ғайригумрукии фурӯшро ҷалб намоянд. Инчунин бояд нақшаи ҷойивазкунии молҳо аз ҷойи мусодирашуда ба ҷой ё минтақаи фурӯш таҳия карда шавад. Тартиби ҳамкории байниякдигарии хадамоти гумрук бо субъектҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва ташкилотҳое, ки молҳоро мефурӯшанд зарур аст. Раванди коркард дар худ технологияи ҳамкории байниякдигарӣ ва методологияи таъминоти иқтисодӣ-молиявиро фаро мегирад.

Акнун, бори дигар масъалаи Фонди рушди низоми гумрукро баррасӣ менамоем. Дар аксар маврид бо дарназардошти дефитсити буҷети давлатӣ, як қисми маблағи Фонд барои маблағгузории барномаҳои дигари миллии мақсаднок, ки ба фаъолияти гумрук алоқаманд мебошанд истифода мешавад.

Дар навбати худ бояд қайд кард, ки низоми гумрук барои иҷрои уҳдадориҳо ва вазифаҳои худ ба воситаҳои молиявӣ хеле ниёз дорад. Аз ин рӯ, бидуни ҷустуҷӯйи захираҳои иловагӣ низоми гумрук наметавонад чорабиниҳоеро, ки барои баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ, таъмини рушди низоми гумрук ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии кормандони худ равона гардидаанд амалӣ созад.

Тибқи сарчашмаҳои ташаккули маблағҳо ба Фонди рушди низоми гумрук коркарди барномаҳои махсусе мувофиқи мақсад мебошанд, ки дар онҳо истифодаи воситаҳои иловагӣ ва сарчашмаҳо пешбинӣ шуда бошанд. Воситаҳои аз муассисаҳои воҳиди давлатӣ дарёфтшавандаи дар низоми гумруки ҷумҳурӣ ҷамъшаванда яке аз манбаҳои иловагӣ барои инвестисия кардан, сохтмон ва ободкориҳои сарҳадҳои гумрукӣ ва сохтмони инфрасохтори гумрук (объектҳои хизматӣ-истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ-маишӣ) ба ҳисоб мераванд. Ин муассисаҳои воҳид ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ хизматрасонида, даромад пкли мегиранд. Инчунин онҳо метавонанд барои Фонди рушди низоми гумрук аз фаъолияти анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, ташкили мағозаҳои савдои бебоҷ, ширкатҳои брокерҳои гумрукӣ, интиқолдиҳандагони гумрукӣ ва инчунин аз

гузаронидани амалиёти гуногуни нақлиётӣ, хизматрасониҳои иттилоотӣ ва ғайра даромадҳои пулӣ ба даст оранд. Барои самаранок истифода кардани ин манбаҳо аз нав бақайдгирии муассисаҳои амалкунандаро бо дарназардошти қонунгузории ҷумҳурӣ бо муайян кардани мақсадҳо ва предмети фаъолияти онҳо гузаронидан лозим аст.

**Хулосаи боби 2**

Дар доираи арзёбии вазъи ҷории рушди низоми гумруки мамлакат ва механизми иқтисодии идоракунии он фаъолияти иқтисодии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гузаронида шуд, ки натиҷаи он дар солҳои охир зарурати ислоҳи роҳи Ҳукумати мамлакатро дар самти таъмини тағйири сифатии фаъолияти иқтисодии берунӣ тасдиқ мекунад. Ба андешаи мо, асоси ин сиёсатро бояд барномаи комплексии рушди фаъолияти иқтисодии берунии мамлакат ва қисмҳои таркибии муҳими онро бошад, бояд масъалаҳои таъмини бехатарии берунии ҷумҳурӣ, ташкили мубодилаи савдои хориҷии муфид тавассути коркард ва амалисозии стратегияи содирот ва воридот, ҷалб ва истифодаи инвеститсияи хориҷӣ ва барномаи бетаъсир кардани салдои манфии гардиши савдои хориҷӣ ташкил диҳанд.

Натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳо ва сохтори гардиши савдои хориҷӣ мавҷудияти таҳдид ба амнияти озуқаворӣ ва технологии мамлакат тасдиқ мекунад, зеро дар айни замон дар сохтори бахши истеъмолот воридоти маводи ғизоӣ зиёда аз 45%-ро ташкил дода, қарзи берунии ҷумҳурӣ низ хеле зиёд гардидааст.

Вобаста ба натиҷаи таҳлил, ҷиҳати арзёбии механизми ташкилию иқтисодии идоракунии низоми гумруки мамлакат, мафҳум ва унсурҳои алоҳидаи он мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, муайян карда шудааст, ки фаъолияти иқтисодии мақомоти гумрук ба механизмҳои истифодаи самараноку судманди захираҳо дар раванди иҷрои вазифаҳои гумрук, ки дар шакли хизматрасониҳои гумрукӣ рӯйи кор меояд, алдоқакмандӣ дорад ва аз механизмҳои иқтисодие, ки дар ниҳодҳои дигари ҳокимияти давлатӣ амал мекунанд фарқ мекунад. Ба андешаи мо, дар низоми идоракунии

хадамоти гумрук методҳои иқтисодии идоракунӣ накши калидӣ доранд, чунончӣ онҳо муайян намудани нақшаи директивии доир ба ташаккули қисми даромади буҷети давлат, ташаккул ва истифодаи фонди рушди хадамоти гумрук, ҳавсмандкунии моддиву коллективӣ ва методҳои баланд бардоштани масъулияти иқтисодиро дар бар мегиранд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки яке аз хусусиятҳои механизми иқтисодии низоми гумрук инчунин системаи маблағгузории онҳо буда, ба ҳайси манбаи дастгирии молиявии фаъолияти низоми гумрук ҳам маблағгузории буҷетӣ ва ҳам захираҳои фонди худи рушди низоми гумрук баромад мекунанд, ки аз ҳисоби захираҳои хизматрасониҳои ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ дарёфтшаванда ташаккул меёбанд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки имрӯзҳо захираҳои молиявии ба низоми гумрук аз буҷети давлатии ҷумҳурӣ воридшаванда дар таносуб бо маҷмуи захираҳои молиявие, ки низоми гумрук дорад ниҳоят кам мебошанд. Дар рафти таҳқиқот инчунин маълум гардид, ки хироҷи гумрукӣ барои таъминоти молиявии фаъолияти унсурҳои низоми гумрук нақши калидӣ дошта, он дар маҷмуъ бо - бочи гумруки, андози аксизи, андоз аз арзиши иловашуда ва пардохтҳои гумруки аз неруи фаъолияти иқтисоди берунаи мамлакат вобастагии зич дорад. Бинобар ин, дар ин самт бояд бо дарназардошти манфиати тарафҳо тадбирҳои судманд андешида шавад, чунончӣ андешидани ин гуна тадбирҳо ба коҳиш додани сатҳи амалҳои коррупсионӣ дар низомӣ гумрук ва баланд гардидани сатҳи шаффофияти пешбурди фаъолияти низом ҳамчун замина баромад мекунад.

# БОБИ III. РОҲҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ ГУМРУК

## 3.1. Таъминоти иттилоотӣ-таҳлилии идоракунии низоми гумрук

Низоми мақомоти гумруки ҷумҳурӣ ҳамчун мақоми давлатӣ аз ҷиҳати бисерҷанбагии вазифаҳои он низоми мураккаб мебошад. Он аз як тараф дорои сатҳи баланди тамаркуз буда, аз тарафи дигар зерсохторҳои он дар тамоми минтақаҳои мамлакат паҳн гардидаанд. Бо дарназардошти ин системаи идоракунии низоми гумрук дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки аз низоми идоракунии ташкилотҳои дигар фарқ мекунад. Хусусиятҳои идоракунии низоми гумрук дар сатҳҳои мухталифи идоракунӣ дар шаклҳои зайл ба назар мерасад:

Сатҳи якум, сатҳи олии ҷумҳуриявӣ ё миллӣ буда, сатҳи баланди масъулияти иҷтимоию сиёсӣ дорад ва дар ҳошияи низоми мақомоти давлатӣ банақшагирии дарозмуҳлат ва ташкили фаъолиятро иҷро намуда, афзалияти муносибати равандиро нисбат ба идоракунӣ мавриди истифода қарор медиҳад.

Сатҳи дуюм, ба ибораи дигар сатҳи миёна номида мешавад. Он дар минтақаҳои мамлакат ҷойгир буда, раванди идоракуниро дар доираи нишондодҳои аз ҷониби сатҳи олии низоми гумрук муқарраршуда ташкил ва амалӣ менамояд. Ин сатҳ дар назди сатҳи олӣ ҳисоботдиҳанда мебошад.

Сатҳи сеюм, сатҳи поёнӣ буда, ба шахс ё нозири гумрук дахл дорад, ки ингуна ашхос қобили худ қабул кардани қарорро доранд. Ин сатҳи идоракунӣ ба қабули қарорҳо оид ба иштирокчии мушаххаси муносибатҳои иқтисодии берунӣ дар доираи меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраршуда ва ҳудуди муваққатӣ машғул мебошад. Ғайр аз ин, ин гуна ашхос дар раванди идоракунӣ имконияти истифодаи рафтор аз рӯйи вазъиятро доранд.

Сифатнокӣ ва самаранокии идоракунии низоми гумрук дар ҳамаи сатҳҳои он аз сатҳи таъминнокии иттилоотӣ вобаста мебошад. Тавре, ки маълум аст иттилоот яке аз захираҳои калидие мебошад, ки самаранокии

фаъолияти идоракуниро муайян месозад. Дар назарияи идоракунӣ иттилоот ҳамчун маҷмуи маълумот оид ба тағйироти дар низом ба амалоянда баррасӣ карда мешавад, ки сатҳи номуайянии донишҳои моро дар бораи объект нисбатан коҳиш мекунад.[60] Иттилоот барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва воситаҳои иртиботии хизматӣ ҳамчун захира истифода бурда мешавад ва он - предмет, восита ва маҳсулоти меҳнати идоракунӣ маҳсуб меёбад.

Сохторҳои гуногуни низоми гумрук сатҳи мухталифи таъминоти моддию техникӣ ва кадрӣ дорад. Бинобар ин, иттилоот дар ҳар як сатҳи идоракунӣ дорои хусусиятҳои зерини хоси худ мебошад:

1. Баҳогузорӣ намудани захираҳои иттилоотӣ аз ҷониби коршиносон ҷиҳати муайян намудани пешгӯйии рушди минбаъдаи низом (тибқи онҳо барои давраи дарозмуҳлат нақшаҳо муайян карда мешаванд) оид ба амалиёти барасмиятдарории мавҷуда, назорати интиқоли молу воситаҳои нақлиёт, ҳолатҳои пинҳон кардани молҳо оид ба иҷрои нақшаи пештар тарҳрезишуда, муваффақиятҳо, камбудиҳо ва ғайра барои сатҳи олӣ ниҳоят муҳим мебошад.

2. Барои сатҳи дуюм ё миёна захираҳои иттилоотии дарбаргирандаи маълумот оид ба навгониҳо, супоришҳои нав, фармонҳо, рафти иҷрои нақшаҳо, ҳолати фаъолияти тобеон ва ғайра зарур мебошанд.

3. Дар сатҳи сеюми низоми гумрук нозирон асосан дар заминаи шахсан баррасӣ намудани масъала доираи муайяни қарорҳои идоракуниро қабул мекунанд. Дар ин раванд барои ингуна ашхос иттилооти инъикоскунандаи раванди амалиёти ҷорӣ (оид ба молу воситаҳои нақлиёт, ки марҳилаи барасмиятдарорӣ, тафтиш ва азназаргузаронии гумрукиро мегузаранд) зарур мебошанд. Нозирон бояд дар бораи амалиёти фаъолияти гумрук донишҳо дошта, тибқи онҳо амалиёти гумрукиро анҷом диҳанд ва инчунин оид ба навгониҳо, хосияти ин ё он чорабинӣ ва ғайра

---

[60] Ершов А.Д. Информационное обеспечение управления таможенной системой [Текст]: монография / А.Д. Ершов, П.С. Копанева. - СПб.: Знание, 2002. - С.34.

низ бояд маълумот дошта бошанд.

Дар сатҳи муосири таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрук, таъминоти иттилоотию техникии он ҳамчун унсури муҳимтарини таъминоти иттилоотӣ дар раванди автоматикунонии низоми гумрук марҳила ба марҳила рушд кардааст. Қайд кардан зарур аст, ки раванди автоматикунонӣ дар низоми гумруки ҷумҳурӣ аз соли 2010 оғоз ёфта, ба мақомоти гумрук техника ва технологияҳои иттилоотӣ марҳила ба марҳила ворид карда шудаанд ва дар баробари ин гурӯҳи мутахассисони соҳаи таъмини барномавии мақомоти гумрук ташаккул ёфтааст. Дар низоми гумруки мамлакат ибтидо аз 1 январи соли 2012 Системаи иттилооти автоматикунонидашудаи ягона (СИАЯ) ҷорӣ ва мавриди истифода қарор дода шуд, ки ин низом имконияти ташкили шабакаи ҳифзшудаи интиқоли маълумотро фароҳам овард. Таъсиси чунин инфрасохтори ягона имконият дод, ки дар байни мақомоти марказӣ ва воҳидҳои минтақавии гумрук ҳамкории шабакавӣ ташкил карда шуда, дастрасии озод ба махзани маълумот ва захираҳои иттилоотии истифодабарандагон-иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ пайдо гардад.

Бинобар сабабҳои объективӣ – мураккабии соҳаи предмети СИАЯ низоми гумруки ҷумҳурӣ татбиқи муносибати вазифавиро, ки мақсади он ташкили махзани иттилоотӣ мебошад, таҷассум мекунад. Гарчанде сатҳи сусти таркиботи автоматизатсияи равандҳои идоракунӣ эҳсос мегардад, вале муносибати вазифавӣ имконияти зудтар ташаккул додани махзани маълумоти омории СИАЯ-ро фароҳам овард, ки дар ҳамаи қисматҳои низоми гумрук – аз нуқтаҳо (дидбонгоҳҳо)-и гумрукӣ то Хадамоти гумрук самтнокии гуногуни мақсаднок дорад.

Ибтидо аз соли 2014 дар доираи татбиқи тадбирҳо оид ба самаранокии фаъолияти СИАЯ фаъолгардии самтҳое ба назар мерасад, ки бо амалисозии муносибати назоратӣ алоқаманд мебошанд. Ин муносибат заминаи ташаккули системаи назоратии фаъолияти гумрукро муайян кард. Ба ибораи дигар, он ба ташаккули низоми идоракуние имкон фароҳам

овард, ки дар он таркиботи зеҳнии дастгирии равандҳои идоракунӣ пурзӯр гардиданд. Истифодаи ҳамаҷонибаи технологияи муосири иттилоотии ба дастгирии қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидаткунанда ҳолати идоракунии низоми гумруки мамлакатро сифатан беҳтар намуд. Захираҳои бузурги иттилоотии дар зарфи ҳафт соли охир дар СИАЯ ҷамъшуда иқтидори он ва базаи идоракуниро баланд бардоштанд.

Ҳамин тавр, низоми гумруки ҷумҳурӣ солҳои охир захираҳои сармоявии муайянро ба технологияи автоматикунонидашудаи иттилоотие харҷ кардааст, ки ба беҳтар гардидани сифати фаъолияти гумрук равона гардидаанд. Имрӯзҳо низоми ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдории маълумот дар СИАЯ хуб ба роҳ монда шудааст, вале бояд қайд кард, ки агар дар асоси таҳлили амиқ ба захираҳои иттилоотӣ сифати нав дода шавад, он гоҳ арзиши захираҳои иттилоотӣ ба маротиб хоҳад афзуд. Дар айни замон ҳолатҳое ба вуқӯъ мепайванданд, ки дар ҳамаи унсурҳо ё ташкилотҳои низоми гумрук маҷмуи бузурги маълумот ҷамъоварӣ мегардад, вале сохторсозӣ, муайян намудани эътимоднокӣ ва тақсимбандии онҳо тибқи сохторҳои гуногуни низом мушкил мебошад. Ғайр аз ин, барои таҳлил ва қабули қарори дахлдори идоракунӣ ба даст овардан ва дар шакли зарурӣ пешниҳод кардани онҳо низ ниҳоят мушкил аст. Ба ҳамин маънӣ, дар қисми зиёди сохторҳои низоми гумрук ҳаҷми бузурги захираҳои иттилоотии ҷамъшуда то имрӯз ё аз истифода дар канор мемонанд ва ё ин ки мавриди истифодаи ғайрисамаранок қарор мегиранд.

Дар ҳоли ҳозир дар махзани маълумотии СИАЯ маълумот оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти хадамоти гумрук, аз ҷумла нусхаи электронии декларатсияҳои гумрукии борҳо, ки Хадамоти гумруки ҷумҳурӣ шурӯъ аз соли 2011 ба расмият даровардааст, ҷамъоварӣ ва коркард шуда истодаанд. Қобилияти зеҳнии таҳлилгарон ва роҳбарони Хадамоти гумрук оид ба таҳлили фаврӣ ва сифатноки ин гуна иттилоот имконият медиҳад, ки моҳияти системаи фаъолияти иқтисодии берунӣ амиқтар дарк карда шуда, дар ин замина фаъолияти идоракунӣ беҳтар гардонида шавад.

Айни замон низоми гумруки мамлакат таҳлили истифодабарии декларатсияи гумрукии борро дар барномаи СИАЯ ҷой додааст, ки дар ҷадвали 3.1 ва расмҳои 3.1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.1. Инъикоси декларатсияи гумрукии бор дар барномаи Системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи ягона дар мақомоти гумрук дар давраи солҳои 2017-2021**

| Номи низоми гумрукӣ | Рамзи низом | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Воридот*** | | ***89180*** | ***51872*** | ***42547*** | ***47732*** | ***58005*** | ***71661*** | ***72012*** |
| Воридоти муваққатӣ | 5 | 821 | 770 | 413 | 161 | 547 | 562 | 307 |
| Реимпорт | 6 | 375 | 360 | 314 | 163 | 185 | 227 | 138 |
| Нобудкунӣ | 93 | 8 | 7 | 10 | 6 | 7 | 10 | 6 |
| Даст кашидан ба манфиати давлат | 97 | 1 | 1 | 2 | 4 | 28 | 20 | 6 |
| Мағозаи савдои бебоҷ | 96 | 7 | 4 | 3 | 2 | 1 | 12 | 8 |
| Анбори гумрукӣ | 71 | 29 | 8 | 2 | 10 | 9 | 15 | 21 |
| Иҷозат барои муомилоти озод | 40 | 87939 | 50722 | 41803 | 47386 | 57228 | 70815 | 71526 |
| ***Содирот*** | | ***8271*** | ***10012*** | ***10166*** | ***10745*** | ***13317*** | ***15015*** | ***12086*** |
| Содироти муваққатӣ | 2 | 955 | 371 | 343 | 264 | 255 | 257 | 167 |
| Реэкспорт | 31 | 363 | 676 | 618 | 518 | 914 | 1233 | 624 |
| Захираҳо | 95 | 1194 | 1439 | 1114 | 1134 | 1121 | 1056 | 384 |
| Транзити гумрукии байналмилалӣ | | 3543 | 1838 | 1406 | 1916 | 1806 | 572 | 467 |

***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф дар асоси ҳисоботи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010-2021 тартиб дода шудааст.




**Расми 3.1. Инъикоси декларатсиякунонӣ дар барномаи СИАЯ дар микёси РМГ дар шаҳри Душанбе дар давраи солҳои 2014-2020**

***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф дар асоси ҳисоботи РМГ дар шаҳри Душанбе тартиб дода шудааст.

Ба таҳлилгарон пеш аз ҳама зарур аст, ки аз маҷмуи маълумоти захираҳои иттилоотии идоракунӣ ҳамон иттилоотеро ҷудо намоянд, ки қобилият таъмини самаранокии қабули қарорҳои идоракуниро дар соҳаи фаъолияти гумрук дошта бошанд. Тавре, ки дар боло қайд кардем эҳтиёҷот ба иттилооти сохтори гуногуни идоракунии низоми гумрук якранг набуда, аз рӯйи ҳадафҳо ва вазифаҳое муайян карда мешаванд, ки онҳоро дар раванди идоракунии воҳид ё сатҳи худ ҳал менамоянд. Он инчунин аз миқёс ва муҳиммияти қарори идоракунӣ, аз миқдор ва хосияти нишондиҳандаҳои идорашаванда, вариантҳои гуногуни ҳолати эҳтимолии объекти идорашаванда ва инчунин аз бузургӣ ва гуногунрангии низоми таъсироти дохилӣ ва берунӣ ва ғайра вобаста мебошад. Таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрук якчанд марҳилаҳоро фаро мегирад, ки дар расми 3.2. оварда шудаанд.




**Расми 3.2. Марҳилаҳои таъминоти иттилоотӣ**
***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Барои ташкили идоракунии самараноки низоми гумрук зарур аст, ки вазифаҳои таъминоти иттилоотии идоракунии мақомоти гумрук мушаххас ва гурӯҳбандӣ карда шаванд. Мо метавонем онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намоем:

Гурӯҳи якум вазифаҳое мебошанд, ки бо таъминоти ҳамкории иттилоотии байни сохторҳои мақомоти идоракунии гумрук алоқаманданд:

– ташаккул ва пешниҳоди нақшаҳои асоснокшуда ва тавсияҳо марбут ба фаъолият ба мақомоти идоракунии гумрук;

– коркарди фаврии иттилооте, ки дорои дастурҳо ва амрҳои мақомоти

идоракунии гумрук, ҳуҷҷатноккунӣ ва назорати иҷрои онҳо мебошад;

– иҷрои амрҳо оид ба такмили низоми идоракунӣ, ки боиси тағйирёбии ҳолати ҷории таъминоти иттилоотӣ мегардад;

– ба низоми гумрук пешкаш намудани натиҷаҳои назорати иҷрои дастурҳо ва амрҳо, иттилоот оид ба ҳолати объектҳои идоракунии гумрук;

– тақсимбандии маҷмуи иттилоот дар доираи нақшаи муқарраршудаи тобеият ё зинаҳои идоракунӣ.

Гурӯҳи дуюм вазифаҳое мебошанд, ки барои таъмини ҳамкорӣ бо объектҳои идоракунии гумрук равона шудаанд:

– қабул ва нигоҳдории иттилооте, ки аз объектҳои идоракунии гумрук ворид мегарданд;

– ба расмият овардан ва тибқи дастурҳо ва фармонҳои мақомоти идоракунии низоми гумрук ба объектҳо пешкаш намудан;

– назорати сифати иҷрои корҳо, муайян кардани ҳолати мушкилиофар, ки боиси дахолати мақомоти идоракунии гумрук мегардад.

Ҳамин тавр, низоми таъминоти иттилоотӣ ба монанди системаи идоракунии низоми гумрук ба навъҳои махсуси системаҳои мураккаб мансуб мебошад, бинобар ин, зарур аст, ки ба он тамоми масъалаҳои боқимондаи бо таҳқиқ, лоиҳакашӣ, ҷорӣ намудан ва истифодаи чунин система алоқамандидошта дохил карда шаванд.

Зинаи муосири рушди хадамоти гумрук, бо тақвияти ҳамаҷонибаи ӯҳдадории он ва болоравии ҷавобгарии мақомоти маркази хадамоти гумрук дар назди ҳам Ҳукумат ва ҳам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақомоти дар мамлакат иҷрокунандаи вазифаҳои муҳим иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқ тавсиф меёбад. Талабот ба болоравии самаранокии фаъолияти мақомоти гумруки мамлакат қабули тадбирҳои мукаммалро вогузор мекунад, аз он ҷумла дар самти такмили низоми иттилоотӣ, ки он самаранокии технологияи гумрукӣ ва инчунин мубориза бо қонунвайронкунӣ ва ҷиноят дар соҳаи фаъолияти гумрукро таъмин мекунад.

Дар шароити иттилоърасонӣ ва компютеркунонии умумиҷаҳонии ҷамъият дар маҷмуъ дар мақомоти гумрук низ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки иттилорасонӣ – ин раванди динамикаи баландошта буда, дар гиреҳи соҳаҳои гуногуни дониш ба вуҷуд меояд, ки истилоҳоти он аз рӯйи сабабҳои воқеӣ то ҳол ба таврӣ комил возеҳ нагаридааст ва метавонад ба ҳар навъ истифода гардад. Дар ин робита, барои идора намудани низоми гумруки мамлакат на танҳо иттилоот, балки натиҷаи таҳлилии он зарур мебошад. Аз ин рӯ муттаҳид намудани амалҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот, ки онҳоро таъминоти иттилоотию таҳлилӣ меноманд, дар идоракунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ боз ҳам муҳимтар мегарданд. Он дар дилхоҳ низом бунёди зерсохтори махсуси ба фаъолияти иттилоотию таҳлилӣ машғулбударо тақозо мекунад.

Таъминоти иттилоотию таҳлилии зерсохтори фаврии мақомоти гумрук аз он иборат мебошад, то ин ки ашхоси қабулкунандаи қарорҳои идорӣ ҳаҷми ба қабули қарор зарурӣ ва кофии иттилоотро дар ихтиёри худ дошта бошанд. Тавре дар боло қайд намудем, таъминоти иттилоотию таҳлилӣ ин маҷмуи чорабиниҳои хислати ташкилӣ, иттилоотиютехникӣ ва илмиву амалидошта доир ба бунёд ва ташкили дастасии фаврӣ ба иттилооти хизматӣ мебошанд, ки онҳо маълумоти барои фаъолияти пайгирӣ ва фаврӣ-ҷустуҷӯӣ зарурро дарбар мегиранд.

Ингуна тартибот аз ҷониби ҳайати фаврии мақомоти гумрук амалӣ карда мешавад ва он ба ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва таҳлили маълумоти мавҷуда, инчунин коркарди дурнамоҳо бо мақсади таъмини саривақтӣ ва комили иҷрои масъалаҳо аз ҷониби мақомоти гумрук доир ба ошкорсозӣ, огоҳсозӣ ва пешгирии қонунвайронкунӣ дар соҳаи фаъолияти гумрук равона гардидааст. Аз таърифи овардашуда ба назар мерасад, ки яке аз қисмҳои он ба таркиби иттилоотӣ ва қисми дигари он ба таркиби таҳлилӣ бахшида шудааст. Дар воқеъ болоравии суръати рушди илму техника ва компютеркунонии тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷомеа боиси

инкишофи муносибат нисбат ба иттилоот, натиҷаи он ва ташаккули воситаҳои муосири коркарди иттилоот гардидааст.

Иттилоот ва натиҷаи таҳлилии он дар зинаи муосири рушди ҷомеа нафақат мушоҳидагардӣ (инъикоси пурра ва аниқи натиҷаҳои кори низом ва ҷузъҳои алоҳидаи он) ва идорашавии (бадастоварии вокуниши аниқ аз низом ҳангоми ба он таъсир расонидан) соҳаи танзими гумрукиро таъмин мекунанд, балки ҳамзамон дар ташкили равандҳои истеҳсолӣ ислоҳоти воқеиро ворид месозад.

Дар адабиёти илмӣ мо бо ин гуна се мафҳум, ба монанди фаъолият, кор ва таъминот, ки бо мафҳуми мушаххассозандаи «фаъолият, кор ва таъминоти иттилоотӣ ва ё иттилоотӣ-таҳлилӣ» ҳамгиро мебошанд, дучор мегардем. Фаъолияти иттилоотию таҳлилӣ яке аз шаклҳои фаъолияти хизматӣ мебошад, ки тавассути он қисме аз вазифа ва масъалаҳои ба мақомоти гумрук вогузоршуда амалӣ карда мешаванд. Он аз ҷониби зерсохторҳои махсуси мақомоти гумрук, ки барои ҳадафҳои ҷамъоварӣ, банизомоварӣ, нигоҳдорӣ ва тафсири таҳлилии иттилоот нигаронида шудаанд, амалӣ карда мешавад.

Корҳои иттилоотию таҳлилӣ – раванди иҷрои чорабиниҳои мушаххас мебошад, ки онҳо дар зерсохторҳои мақомоти гумрук барои ҳалли масъалаҳои истеҳсолии хусусӣ иҷро мегарданд. Ба онҳо аз он ҷумла зерсохторҳои мақомоти гумрук, тавассути ҷамъоварӣ ва бо роҳи тавсифи таҳлилии иттилоот дар самти ӯҳдадории худ, низ машғул шуда метавонанд.

Таъминоти иттилоотию таҳлилӣ – ин намуди фаъолияти махсусан ташкилшуда ва барои мақсадҳои мушаххаси қувваҳо ва воситаҳо пешбинишуда мебошад, ки ин қувваҳо ва воситаҳо масъалаҳои гузошташударо аз ҳисоби ҷамъоварӣ, танзим ва таҳлили тавсифи иттилоот иҷро мекунанд. Ҳамин тариқ, таъминоти иттилоотию таҳлилии зерсохторҳои фаврии мақомоти гумрук – ин намуди фаъолияти фаврию хизматӣ мебошад, ки дар чорчубаи он масъалаҳои фаврию ҷустуҷӯии дар асоси ҷамъоварӣ, танзим ва тавсифи таҳлилии иттилоот амалишаванда

иҷро мегарданд. Низоми таъминоти иттилоотию таҳлилӣ ба самтҳои зерини фаъолият ҷудо карда мешаванд: иттилоотӣ, таҳлилӣ ва техникӣ.

Таҳти фаъолияти иттилоотии зерсохторҳои мақомоти гумрук муттаҳидӣ (ягонагӣ)-и равандҳои ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва тақсимбандии иттилоотии ба мақомоти гумрук вогузоршуда фаҳмида мешавад. Масъалаи фаъолияти иттилоотӣ аз таъмини ҳайати идоракунанда ва ҳайати фавриии зерсохторҳои мақомоти гумрук бо иттилооти мавҷудаи саривақтӣ, пурра ва барои истифодабарӣ мувофиқ иборат мебошад, новобаста аз он, ки аз ҷониби кӣ, кай ва чӣ тавр он ба даст оварда шудааст ва дар куҷо одатан нигоҳ дошта мешавад.




**Расми 3.3. Нақшаи фаъолияти таҳлилӣ**

***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Фаъолияти таҳлилии зерсохторҳои фаврӣию таҳлилӣ – таҳқиқоти амалие мебошанд, ки онҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кулли зерсохторҳо амалӣ карда мешаванд ва дорои мақасадҳои дарки моҳият, сабаб ва тамоюли рушди воқеа, баррасӣ ва арзёбии вазъияти фаврии бавуҷудомада ва инчунин баҳодиҳии чорабиниҳои фаврии гузаронидашуда ва банақшагирифташуда мебошанд (ниг. ба расми 3.4). Ба масъалаҳои марбути ин гуна фаъолият тааллуқ доранд:

– таҳлили иттилоот доир ба фаъолияти зиддиқонунии гурӯҳҳои мутташаккили ҷиноӣ, иштирокчиёни бевиҷдони ФИБ ва ташкилотҳои дар доираи фазои гумрук амалкунанда;

– таҳлили маълумот доир ба таҷрибаи гузаронидани чорабиниҳои

фаврию ҷустуҷӯӣ ва фаврию пешгирикунанда ҷиҳати ошкор намудан, огоҳсозӣ ва пешгирии ин гуна амалҳо, инчунин арзёбии самаранокии чорабиниҳои мазкур;

дарки ҳадди аксари мазмун (маъно)-и тамоми иттилооти фаврӣ ва иттилооти дигари мавҷудбуда.

Принсипҳои асосии фаъолияти зерсохтори иттилоотию таҳлилии мақомоти гумрук аз инҳо иборат аст:

**1. Принсипи мутобиқати сохтор ва вазифаҳои таъмионоти иттилоотии таҳқоқотҳои иттилоотӣ**. Амалӣ намудани принсипи мазкур дар амалия талаб менамояд, ки кормандони зерсохтори иттилоотӣ ва шуъбаи иттилоотию таҳлилӣ бояд дониши амиқи сатҳ ва самтҳои фаъолияти фаврии зерсохторҳои низом, инчунин масъалаҳои нисбатан муҳим ва аввалиндараҷаи марбут ба суръатбахшии босамари қарорро дошта бошанд. Дар ин маврид кормандони шуъбаи иттилоотию таҳлилӣ бояд омодаи он бошанд, ки гурӯҳе аз масъалаҳои иттилоотии дар назди зерсохтори иттилоотӣ қарордошта метавонанд дорои тамоюли густаришёбии мунтазам бошанд ва ин пеш аз ҳама аз пайдоиши самтҳои нави афзалиятноки корҳои иттилоотию таҳлилӣ, аз ҷумла самтҳои бо таҳқиқи амиқи масъалаҳои таъмини фаъолияти устувори мақомоти гумрук алоқаманд, вобаста аст. Ба вуҷуд омадани мавзӯҳои нави таҳқиқотӣ комилан табиист, ки дар ташкили таҳқиқоти амалишаванда маънои тағйироти муайянро дорад ва бояд тавассути бозсозии мазмун, шакл ва усулҳои таъминоти иттилоотии мутобиқаткунанда пешбарӣ карда шавад. Тавре аз таҷрибаҳо бар меояд, вайрон намудани принсипи мазкур боиси дар фондҳои иттилоотӣ ғуншавии ҳуҷҷатҳои нолозим мегардад ва хароҷоти коркарди маводи дастрасшавандаро афзун менамояд.

**2. Принсипи муттасилии (мунтазамӣ) равандҳои иттилоотӣ**. Принсипи мазкурро ҳангоми асосноккунӣ ва бунёд намудани равандҳои иттилоотӣ риоя намудан зарур аст. Он талаб менамояд, ки тартиби ташаккулёбии фондҳои дилхоҳ ҳуҷҷатҳо муттасил бошад. Риоя накардани принсипи

мазкур дар амал боиси монеъ шудан ба маводҳои коркарднашуда мегардад. Дар натиҷа чунин ҳолат, агар аз як тараф ба дароз гардидани муҳлати иҷрои дархостҳо ва коҳиш ёфтани дараҷаи пуррагии мазмуни онҳо боис гардад, аз тарафи дигар сабаби дар таҳқиқот истифодашавии маълумоти кӯҳна мегардад.

**3. Принсипи мансубият** - маънои таъмини ҷустуҷӯ ва интихоби маълумоти нисбатан муҳим ва актуалиро дорад. Бо мақсади муайян намудани маълумоте, ки дар фаъолияти гумрук истифода бурдан мумкин аст, он аз кормандони зерсохтори иттилоотӣ амалӣ намудани таҳлили сели иттилоотро талаб менамояд. Амалӣ намудани ин принсип тахассусмандии баланд ва муносибати ҷавобгарона нисбат ба фаъолияти кормандони шуъбаи иттилоотию таҳлилиро талаб менамояд, ки он интихоби маълумотро аз маҷмуи иттилооти воридшаванда ва бавуҷудоянда таъмин мекунад. Бе равобити зич ва доимии кормандони шуъбаи иттилоотию таҳлилӣ бо кормандони фаврии зерсохторҳои низоми гумрук ин масъала наметавонад ҳалли сифатноки худро дарёфт кунад. Аз сатҳи ин гуна муносибатҳои ҳамгиро ҳамчунин сатҳи ташаккулёбии фондҳои иттилоотии шуъбаи иттилоотию таҳлилӣ низ тадриҷан вобастагӣ дорад.

**4. Принсипи мутобиқати шакл ва усулҳои пешбурди иттилоотӣ**. Мутобиқи принсипи мазкур пайдоиши шаклҳои нави пешбурди иттилоотии фаъолият маънои даст кашидан аз усулҳои қаблан санҷидашударо надорад, балки он дақиқ намудани нақши нави онҳоро дар доираи низоми муайян ифода мекунад. Бунёди низоми автоматонидашудаи иттилоотию ҷустуҷӯӣ, набояд ҳатман ба аз байн бурдани нишондиҳандаи библиографии анъанавӣ нигаронида шавад ва ҷамъоварии маълумоти муҳим дар интихоби иттилооти мавзӯӣ низ, набояд масъалаи ташаккули фонди ҳуҷҷатӣ ва таснифкунандаи онро зери шубҳа қарор диҳад. Яъне таснифӣ соҳавӣ ва проблемавии иттилооти фаврӣ бояд мухолифи таснифкунандаи фонди ҳуҷҷатҳо набошад, чун вазифаи воситаи ҷустуҷӯи иттилоотро вогузор намуда, танҳо дар доираи ҳадафҳои таҳқиқоти

иттилоотию таҳлилӣ фавран амалӣ мегардад. Яке аз шартҳои ҳатмии дар амалия истифодагардии принсипи мазкурро танзими ҷиддӣ ва мунтазами мутобиқати таснифкунанда (классификатор) ба масъалаҳои ҳалталаби таҳқиқоти ҷории банақшагирифташуда ташкил медиҳад.

**5. Принсипи афзалиятҳо дар пешбурди иттилоотӣ**. Муқаррар намудани афзалиятҳо барои мавзӯҳои таҳқиқоти иттилоотию таҳлилӣ тартиботи оддӣ мебошад. Дар робита ба ин, афзалиятҳои муқарраршаванда бояд ба иттилои тамоми кормандони зерсохтори иттилоотӣ ҷиҳати роҳбарии қатъӣ дар фаъолият расонида шавад. Барои пешбурди корҳои афзалиятнок ҳамеша бояд ҳаҷми зиёди захираҳои таъминоти иттилоотӣ ҷудо гардад. Дар амал татбиқ намудани принсипи мазкур истифодаи нисбатан мақсадноки имконоти маҳдуди зерсохтори иттилоотиро ба мақсади баланд бардоштани самаранокии ингуна фаъолият имкон медиҳад. Зарурати беҳтарсозии равобити ҳамгирои хадамоти гумрук вуҷуд дорад: маълумоти ба сатҳҳои нисбатан поёнӣ итиқолшаванда бояд бо диққат интихоб гарданд ва набояд дорои маълумоти ғайр бошанд.

**6. Арзёбии илмии зуҳурот:** бунёд ва омӯзиши алгоритмҳои ҳисобӣ ва усулҳои нисбатан умумии берун овардани дониш аз маълумоти ба даст овардашуда, ошкор намудани воқеияти рушд ва амалигардии низоми гумрук, амалӣ намудани ташхис, банақшагирӣ ва дурнамои рушди низоми гумрук ва ҷузъҳои он.

Бо мақсади таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрук зарур аст, ки интихоби низоми нишондиҳандаҳо (индикаторҳо) гузаронида шавад. Ин масъалаҳо дар зербоби навбатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

### 3.2. Коркарди нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии идоракунии низоми гумрук

Тавре, ки дар зербоби қаблӣ қайд намудем низоми ягонаи мақомоти гумруки ҷумҳурӣ иерархӣ мебошад, бинобар ин, идоракунии зернизоми онро (сатҳи минтақавӣ, нуқтаҳои гумрук ва ғайра) аз нуқтаи назари

самаранокии иҷрои вазифаҳои ба онҳо вогузоршуда баҳо додан лозим аст. Маҷмуи вазифаҳои ҳамаи сатҳҳои низоми гумрук ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоотро тақозо менамояд, ки дар заминаи он низоми нишондиҳандаҳои самаранокӣ ташаккул меёбад.

Дар раванди интихоб ё таъсиси низоми нишондиҳандаҳои самаранокии идоракунии низоми гумрук инҳоро ба назар гирифтан зарур аст: ҳадафҳои фаъолияти гумрук, вазифаҳои системавии низоми гумрук, нишондиҳандаҳои самаранокӣ оид ба ҳар як вазифа, ки тағйирёбии ҳар як нишондиҳанда ва сатҳи таъсири онҳоро муайян мекунад, гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо тибқи категорияи муайян, масалан, миқдорӣ ва сифатӣ, имконияти мавҷуд будани таъминоти методӣ ва иттилоотӣ барои тартиб додан ва баҳогузории нишондиҳандаҳо, сарҳадҳои маъмурӣ ва ғайра.

Низоми гумрукро бояд ҳамчун низоми муттасил рушдкунанда, раванди мақсадноки амалкарди низоми ягонаи мақомоти гумрук баррасӣ кард. Бинобар ин, амсилаи математикии идоракунии низоми гумрукро метавон ба шакли зерин шарҳ дод:

$$W(t) = f\big(x_1(t), \dots, x_m(t); y_1(t), \dots, y_n(t)\big),$$
$$G_k[x_i(t); y_j(t)], i = 1, \dots, m; j = 1, \dots, n,$$

ки дар ин ҷо:

W(t) – меъёри баҳогузорӣ ё нишондиҳандаи самаранокӣ;

X1(t)…xm(t) —параметр (нишондиҳанда)-ҳои идорашаванда;

y1(t)...yn(t) — параметр (нишондиҳанда)-ҳои идоранашаванда;

Gk(f) — вазифаҳое, ки маҳдудиятро ифода мекунанд.

Бо дарназардошти он, ки низоми гумруки давлат дар умум ягонагии фаъолияти гумрукии ҳамаи сатҳҳо мебошад, маҷмуи натиҷаҳои фаъолияти он аз фаъолияти ҳамаи қисматҳои низом, сохтори он дар маҷмуъ аз муносибатҳо, алоқаҳо ва вазифаҳои иҷрошаванда вобаста аст. Идоракунии самаранокии низоми гумрук интихоб ва коркарди низоми нишондиҳандаҳои фаъолияти онро тақозо мекунад.

Дар адабиёти иқтисодӣ дар масъалаи интихоби нишондиҳандаҳои

арзёбии самаранокии идоракунии фаъолияти низоми гумрук ҳаммаъноӣ дида намешавад. Сабаби ин дар мушкилии ифодаи як гурӯҳ нишондиҳандаҳо тавассути нишондиҳандаҳои дигар ва муттаҳид сохтани онҳо ба як нишондиҳандаи синтетикие мебошад, ки ҳадафи асосии фаъолияти гумрукро ифода менамояд. Оид ба интихоби нишондиҳандаҳое, ки самаранокии низоми гумрукро тавсиф мекунанд муносибатҳои зерин вомехӯранд (ниг. ба расми 3.4).




**Расми 3.4. Самаранокии фаъолияти гумрук**

*Сарчашма*: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Аз расми 3.4 мушоҳида мегардад, ки самаранокии низоми гумрук аз рӯйи варианти омехта, яъне ҳам тибқи саҳми ҳар як қисмат ба натиҷаи умумӣ ва ҳам аз рӯйи меъёри ҷузъии самаранокӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Тавре дар боло қайд намудем (ниг. ба расми 3.4), тамоми фаъолиятҳои гумрукӣ ба се самт ҷудо шуда, ҳар яке аз онҳо вазифаҳои сершумори фаъолияти гумрук ва сатҳи гуногуни онҳоро инъикос мекунанд. Ҳамин тариқ, дар натиҷа нишондиҳандаҳои сершумореро коркард кардан мумкин аст, ки маҷмуи вазифаҳо ва ҳамаи сатҳҳои низоми ягонаи фаъолияти гумрук ва ё хизматрасонии мамлакатро инъикос менамоянд. Нақшаи таъсиси чунин низоми нишондиҳандаҳо барои сатҳи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 3.5 оварда шудааст.




**Расми 3.5. Нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми гумрук**

***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми гумрук аз рӯйи мувофиқат ба қисматҳои низоми гумрук тақсимбвндӣ ва дар бонки маълумотҳо ё маркази иттилоотии мақомоти гумруки мамлакат ҷамъоварӣ карда мешаванд. Нишондиҳандаҳо аз махзани маълумотӣ мутобиқ ба ҳадафҳои таҳлили фаъолияти гумрук интихоб карда мешаванд. Дар рафти интихоби нишондиҳандаҳо аз барномаҳои MSExcel ва Statistics, ки аз ҷониби коршиносон ҳамчун воситаи ёрирасон таъсис додаанд, истифода бурдан мумкин аст.

Дар марҳилаи дигар аз байни нишондиҳандаҳои сершумор нишондиҳандаҳо ба гурӯҳҳо ва самтҳо ё категорияҳо ҷудо карда шуда, дар марҳилаи хотимавӣ бошад, низоми нишондиҳандаҳои ниҳоӣ ё нишондиҳандаи ҷамъбастӣ коркард карда мешавад. Тартиби ташаккули низоми нишондиҳандаҳо вазифаи мураккаб ва яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти сохтори иттилоотию таҳлилӣ мебошад, ки алгоритми наҳияи он дар расми 3.6 оварда шудааст.

Ҳангоми интихоб ва коркарди низоми нишондиҳандаҳо бояд ба меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрук такя кард. Меъёрҳои дар адабиёти илмӣ мавҷудбударо ҷамъбаст намуда, мо меъёрҳои зерини баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрукро пешниҳод менамоем:




**Расми 3.6. Алгоритми ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти низоми гумрук**

*Сарчашма*: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Якум - баланд бардоштани сатҳи риояи меъёрҳо ва қоидаҳои дар асноди қонунгузории фаъолияти гумрукӣ муқарраршуда, иҷрои саривақтии пардохтҳои гумрукӣ ва хироҷи гумрукӣ, инчунин таъмини пуррагии онҳо. Баҳогузории миқдории иҷрои меъёри мазкур дар заминаи таҳлили сатҳи иҷрои нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва муқоисаи онҳо бо нишондиҳандаҳои воқеӣ амалӣ карда мешавад (ниг. ба ҷадв. 3.2).

**Ҷадвали 3.2. Муҳтавои меъёрҳои якум**

| № | Номгӯйи нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак |
|---|---|---|
| 1 | Ҳиссаи даъвоҳо (аризаҳо) нисбат ба мақомоти гумрук дар миқдори умумии даъвоҳои (аризаҳои) баррасинамудаи судҳо, ки тибқи онҳо судҳо на ба фоидаи мақомоти гумрук қарор қабул кардаанд. | % |
| 2 | Ҳиссаи парвандаҳо оид ба ҳуқуквайронкуниҳои маъмурӣ дар миқдори умумии парвандаҳои бозшуда, ки оид ба онҳо қарор дар бораи ҷазо бароварда шудааст ва бо назардошти шикоят ё эътироз аз истеҳсолот қатъ нагардидаанд. | % |
| 3 | Иҷрои қонуни ҷумҳуриявӣ оид ба буҷети ҷумҳурӣ дар мавриди гузаронидани пардохтҳои гумрукӣ. | % |
| 4 | Ҳиссаи пардохтҳои гумрукии ситонидашуда дар натиҷаи тасҳеҳи арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар маблағи умумии пурра гузаронидашудаи пардохтҳои гумрукӣ тибқи натиҷаҳои тасҳеҳи арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёт | % |
| 5 | Ҳиссаи пардохтҳои гумрукӣ дар натиҷаи тасҳеҳи арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар маблағи умумии пардохтҳои гумрукии ҷудонашуда оид ба натиҷаҳои тасҳеҳи арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёт | % |

*Сарчашма*: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Дуюм - баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои гумрукии ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ пешниҳодшаванда ва коҳиш додани хароҷоти иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии берунӣ ва давлат, ки бо барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ алоқаманд мебошанд. Баҳогузории миқдории ин меъёр дар заминаи таҳлили сатҳи мутобиқати нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва воқеӣ амалӣ карда мешавад. Нишондиҳандаҳои меъёри дуюм дар ҷадвали 3.3 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.3. Муҳтавои меъёри дуюм**

| № | Номгӯйи нишондиҳанда | Воҳиди ченак |
|---|---|---|
| 1. | Вақти гузаронидани амалиёти гумрукӣ, ки барои интиқоли молу воситаҳои нақлиёт ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ якҷоя бо декларатсиякунии онҳо зарур аст. | % |
| 2. | Вақт барои иҷрои амалиёти гумрукӣ дар нуқтаҳои гузарониши автомобилӣ тариқи сарҳади давлатӣ. | % |
| 3. | Ҳиссаи хизматрасониҳо ва вазифаҳои давлат дар шумораи умумии пурсидашудагон, ки тибқи тартиби маъмурӣ пешниҳод ва иҷро карда мешаванд. | % |
| 4. | Ҳиссаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ дар шумораи умумии пурсидашудагон, ки дар маҷмуъ фаъолияти мақомоти гумрукро мусбат арзёбӣ мекунанд. | % |
| 5. | Ҳиссаи фурудгоҳҳо дар шумораи умумии онҳо, ки дар онҳо ҳангоми интиқолёбии борҳои дастӣ ва бағоҷи ҳамроҳикунандаи мусофирон тавассути сарҳади гумрукӣ чун «Долони сабз» қабул мешаванд. | % |
| 6. | Имкониятҳои гузарониш дар гузаргоҳҳои автомобилӣ, ки мавриди истифода мегиранд. | Автомобил дар як шабона рӯз |
| 7. | Ҳиссаи парвандаҳои ҷиноятии хосияти коррупсионидошта тибқи маводи воҳидҳои амнияти худи мақомоти гумрук дар шумораи умумии парвандаҳои ҷиноятии коррупсионии ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбати шахсони мансабдори мақомоти гумрук бознамуда. | % |

***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Сеюм, муайян кардани сатҳи қочоқ ва борҳои дигар, ки ба ҷумҳурӣ ворид кардани онҳо манъ шудааст ва инчунин ашёҳо ва амволи қиматноке, ки аз сарҳади мамлакат баровардани онҳо мамнуъ аст. Баҳогузории миқдории дарёфти ин меъёр дар асоси таҳлили сатҳи мутобиқати нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва воқеӣ иҷро карда мешавад, ки ба таври мушаххас дар ҷадвали 3.4 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.4. Мухтавои меъёри сеюм**

| № | Номгӯйи нишондиҳанда | Воҳиди ченак |
|---|---|---|
| 1. | Ҳиссаи молу воситаҳои нақлиётии ба ҳудуди гумруки ҶТ воридшуда дар шумораи умумии молҳои воридшуда, ки оид ба онҳо мақомоти гумруки мамлакат чораҳо дар бораи бартараф кардани вайронкуниҳои қонунгузории ҶТ қабул карданд. | % |
| 2. | Ҳиссаи парвандаҳои ҷиноятӣ дар шумораи умумии ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, ки мақомоти гумрук боз намудаанд. | % |
| 3. | Ҳиссаи ҳолатҳои ошкоршудаи риоя накардани маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ нисбати молҳои литсензияшаванда ва молҳое, ки иҷозатро тақозо мекунанд, ҳангоми интиқолёби тавассути сарҳади давлатии ҶТ, дар шумораи умумии ҳолатҳои чунин вайронкуниҳои ошкоркардаи ҳамаи мақомоти назоратӣ. | % |

***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Ҳамин тавр, дар раванди интихоб ё коркарди низоми нишондиҳандаҳои самаранокии идоракунии низоми гумрук қисмҳои таркибии зеринро ба назар гирифтан зарур аст: мақсади фаъолияти гумрук, вазифаҳои системавии низоми гумрук, нишондиҳандаҳои самаранокӣ тибқи ҳар як вазифа, омилҳои муайянкунандаи тағйирёбии ҳар як нишондиҳанда ва сатҳи таъсири онҳо, гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо аз рӯйи категорияи муайян (масалан, микдорӣ ва сифатӣ), имконияти мавҷуд будани таъминоти методӣ ва иттилоотӣ барои тартибдиҳӣ ва баҳогузорӣ кардани нишондиҳандаҳо, маъмурӣ ва дигар сарҳадҳо ва ғайра. Низоми нишондиҳандаҳои самаранокие, ки фаъолияти хизматии низоми гумрукро инъикос мекунад, дар ҷадвали 3.5 пешниҳод шудааст. Бояд қайд кард, ки баҳогузории фаъолияти низоми гумрук тавассути як нишондиҳанда дар заминаи амалиёти расмикардашуда амалан ғайриимкон аст. Бо дарназардошти ин, барои баҳогузории фаъолияти низоми гумрук коршиносоне истифода мешаванд, ки дар асоси коркарди иттилооти ҷамъшуда саҳми ҳар як вазифаро дар самаранокии умумии фаъолияти низоми гумрук баҳогузорӣ мекунанд. Мо аз рӯйи натиҷаҳои ҷамъбасти пурсиши коршиносӣ сатҳи таъсири ҳар як вазифаро ба самаранокии фаъолияти низоми гумрук баҳогузорӣ намудем (ниг. ба ҷадв. 3.6).

## Ҷадвали 3.5. Нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи самаранокии идоракунии низоми гумрук

| Вазифаҳои системавии гумрукӣ | Нишондиҳандаҳои умумии самаранокӣ | Нишондиҳандаҳои ҷузъии самаранокӣ |
|---|---|---|
| 1. Вазифаи молиявӣ-иқтисодӣ | Натиҷанокии молиявӣ | 1. Таносуби (ҳиссаи) пардохтҳои гумрукӣ нисбат ба буҷети давлатии ҷумҳурӣ.<br>2. Сатҳи иҷрои нишондиҳандаҳои нақшавӣ тибқи пардохтҳои воқеӣ ба буҷет.<br>3. Сатҳи талафоти имконпазири пардохтҳои гумрукӣ.<br>4. Таносуби пардохтҳои гумрукӣ дар давраи замонӣ нисбат ба арзиши муҳтаво ва таъмини фаъолнокии низоми гумрук. |
| 2. Вазифаи назорати гумрукӣ | Натиҷаи маҷмуии назорати гумрукӣ | 1. Миқдори барасмиятдарориҳои гумрукӣ дар давраи ҳисоботӣ.<br>2. Миқдори шахс, мол ва воситаҳои нақлиёти аз назорати гумрукӣ гузашта ва ғайра |
| 3. Вазифаи муҳофизатӣ ё ҳифзи ҳуқуқ | Натиҷаи маҷмуии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ | 1. Миқдори қоидавайронкуниҳои гумрукии ошкоршуда<br>2. Миқдори парвандаҳои бозшуда ва парвандаҳои «бурдкардашуда».<br>3. Серҳаракатии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, аз рӯйи як шабонарӯз. |
| 4. Вазифаи танзими гумрукӣ | Натиҷаи маҷмуии танзимкунӣ | Тағйирёбии ҳаҷм, сохтори содироту воридот ва ғайра. |
| 5. Фаъолияти таҳлилӣ | Натиҷаи маҷмуӣ | 1. Фаврияти пешниҳоди иттилоот, аз рӯйи соат.<br>2. Ҳаҷми амсилаи иттилоотии ФИХ.<br>3. Фаврияти ворид намудани тағйирот ба амсилаи фаъолияти иқтисодии берунӣ. |

***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

## Ҷадвали 3.6. Таъсири намудҳои алоҳидаи фаъолият тибқи баҳогузории коршиносон

| Намуди фаъолият | Пардохтҳои гумрукӣ | Гузаронидани нақлиёт | Натиҷаҳои фаъолияти ҳуқуқӣ |
|---|---|---|---|
| Идоракунӣ | 0.061 | 0.076 | 0.0133 |
| Фаврӣ | 0.255 | 0,386 | 0.375 |
| Ҳифзи ҳуқуқ | 0.144 | 0, 121 | 0.253 |
| Иқтисодӣ | 0.313 | 0, 27 | 0.15 |
| Таъминкунанда | 0.069 | 0.036 | 0.038 |
| Иттилоотӣ-техникӣ | 0.144 | 0.154 | 0.106 |

***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Заминаи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии фаъолияти низоми гумрукро вазифаҳои дар назди онҳо қарордошта ташкил медиҳанд. Бинобар ин, дар чунин шароит маҷмуи умумии нишондиҳандаҳои

фаъолияти низоми гумрук вуҷуд надоранд, балки танҳо алгоритми муайян ё ягонаи фаъолияти он мавҷуд мебошад. Дар раванди коркарди маҷмуи нишондиҳандаҳои баҳогузории идоракунии низоми гумрук бояд мавҷудияти миқдори зиёди он нишондиҳандаҳое ба назар гирифта шавад, ки сатҳи мухталифи иерархияи низоми гумрукро (ки дорои самтҳои гуногуни фаълолият мебошанд), тавсиф ё баҳогузорӣ менамоянд. Ҳангоми ҳалли таҳлилии вазифаи иҷрошаванда, бинобар ҳаҷми калони ҳисоббаробаркуниҳо, ҷудокуниҳо ва баррасии аломатҳои гуногун, истифодаи миқдори зиёди нишондиҳандаҳо хеле мушкил аст.

Муҳиммияти ин ё он нишондиҳандаро ба тарзи сифатӣ ва дар асоси таҳлили қонуниятҳои омории онҳо ва инчунин гузаронидани таҳлили коррелятсионию регрессивӣ муайян кардан мумкин аст. Боварибахшии қонуниятҳои сифатии динамикаи ҳаҷми бузурги нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми гумрукро метавон бо роҳи автоматикунонии коркарди иттилоот ошкор намуд. Ҳамин тавр, нишондиҳандаҳои ташаккулёфта барои таҳлили системавии фаъолияти низоми гумрук иттилооти аввалияро ташкил мекунанд. Дар баробари ин, амалиёти ташаккули нишондиҳандаҳо вазифаи мураккаби яке аз самтҳои муҳими таъмини иттилоотию таҳлилии системаи идоракунии низоми гумрук мебошанд.

Дар низоми ташаккули таъминоти иттилоотию таҳлилии идоракунии низоми гумрук ташаккули низоми нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои гумрукӣ мақоми муҳим дорад. Бо дарназардошти ин, масъалаи муносибати методии ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳои гумрукиро муфассал баррасӣ менамоем. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки хизматрасониҳои гумрукӣ ба намудҳои асосӣ ва иловагӣ ҷудо мешаванд. Оид ба ҳар яке аз ин намудҳо бояд нишондиҳандаи баҳогузорие коркард карда шавад, ки он инъикос ё ба назар гирифтани манфиати ҳамаи иштирокчиёни раванди гумрукро ҷиҳати омода намудани иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар самти баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои гумрукӣ имкон медиҳад.

Дар айни замон, дар ҳуҷҷатҳои стратегии давлат эълон гардидани зарурати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои гумрукӣ ва такмили минбаъдаи механизмҳои идоракунии низоми гумрук ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои ба амалигардии ҳадафҳои вогузоршуда мусоидаткунандаро тақозо менамояд. Методикаи баҳогузории сифати хизматрасониҳои гумрукӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки баҳогузории сифати хизматрасониҳои мақомоти гумрукро аз нуқтаи назари манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои гумрукӣ ба тарзи мувофиқ имкон медиҳад. Мавҷуд будани иттилооти боварибахш ва низоми асосноки нишондиҳандаҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар рафти қабули қарорҳои идорӣ нақши калидӣ доранд.

Барои баҳогузории самаранокии идоракунии фаъолияти гумрук, ба андешаи мо, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки нишондиҳандаҳои зерини такмили хизматрасониҳои гумрукиро мавриди истифода қарор диҳад:

– таносуби иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ, ки дар миқдори умумии пурсидашудаҳо сифати хизматрасониҳои гумрукиро қаноатбахш баҳогузорӣ менамоянд;

– ҳиссаи хизматрасониҳои давлатӣ, ки Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли электронӣ (дар доираи тартиби маъмурии муқарраршуда) анҷом медиҳад ва тибқи онҳо имконияти дар шакли электронӣ дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳои давлатӣ дастрас намудани онҳо вуҷуд дорад.

Тибқи натиҷаҳои пурсиши мо ҳиссаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ дар шаҳри Душанбе 27,3% (100 нафар пурсидлашуда) ва дар вилояти Суғд 37,2%-ро (500 нафар пурсидашуда) ташкил доданд. Вале танҳо бо як нишондиҳандаи баҳогузории сифати хизматрасониҳои мақомоти гумрук ташаккули тасаввурот оид ба сатҳи хизматрасонии мушаххас ва ҳолатҳои мушкилие, ки дар раванди расонидан ва дастрас намудани иттилоот барои асоснок кардани қарорҳои идоракунӣ пайдо

мешаванд, имкон надорад. Бинобар ин, мавҷудияти низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории хизматрасониҳои гумрукие тақозо карда мешавад, ки манфиати тарафҳои гуногун ва иштирокчиёни барои ташаккули самтҳои такмили идоракунии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ мусоидаткунандаро ба назар мегиранд.

Бо дарназардошти болозикр бори дигар ба муҳтаво ва сифати хизматрасониҳои гумрукӣ таваҷҷуҳ мекунем. Хизматрасониҳои гумрукӣ ба категорияи хизматрасониҳои давлатие таалуқ доранд, ки барои иҷрои сиёсати гумрукӣ равона шудаанд. Аз ин рӯ, хизматрасониҳои гумрукӣ барои истеъмолкунандагон ё иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ неъмат, яъне ҳар чи зудтар гузаштани раванди барасмиятдарории гумрукиро пешниҳод мекунанд. Гарчанде давлат фармоишгари ин гуна хизматрасониҳо бошад ҳам, дар шакли бартарафсозии таҳдидҳои амнияти иқтисодӣ ва зарарҳо аз онҳо дар маҷмуъ аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиат ба даст меорад. Хизматрасониҳои гумрукӣ дорои чандин хусусиятҳои аз дигар хизматрасониҳо фарққунанда мебошанд. Дар ҳошияи ин, барои иштирокчии фаъолияти иқтисодии берунӣ, ки истеъмолкунандаи асосии хизматрасониҳои гумрукӣ мебошад, натиҷаи хизматрасонии дар асоси қарори қабулнамудаи мақомоти гумрук амалигардида, аҳамияти калон дорад. Бинобар ин, хизматрасонии гумрукӣ бояд ҳамчун натиҷаи фаъолияти мақомоти гумрук баррасӣ шавад, ки ҳадафи он аз иҷрои вазифаи давлатӣ ва қонеъгардонии эҳтиёҷоти халалвориднакунанда ба мамнуият ва маҳдудиятҳо барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ иборат мебошад. Ба андешаи муҳаққиқи ватанӣ Рауфи А.[61] давлат барои танзими иқтисоди бозорӣ он вазифаҳоеро иҷро менамояд, ки танҳо бо ёрии бозор амалӣ гардонидани онҳо имконнопазир аст. Дар ин ҷо муаллиф дар баробари татбиқи як қатор хизматрасониҳои давлатӣ назорати гумрукиро низ ҳамчун воситаи калидӣ арзёбӣ намудааст.

[61] Рауфи А. Конкурентоспособная экономика в переходном периоде [Текст] / А. Рауфи, Т.М. Рабиева // Вестник Технологического университета Таджикистана. - 2013. - № 2(21). - С. 84-94. – EDN VWLCNF.

Сифати хизматрасониҳои гумрукӣ сатҳи қаноатмандии талаботи истеъмолкунандагонро (иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ, давлат) муайян мекунад. Аз лиҳози гуногунрангии натиҷаҳои фаъолияти низоми гумрук намудҳои гуногуни хизматрасониҳои гумрукӣ арзи вуҷуд доранд. Ба андешаи мо, барои такмили методҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳо бояд хизматрасониҳои гумрукӣ гурӯҳбандӣ ё ба хизматрасониҳои асосию иловагӣ (аз рӯйи хосияти фаъолият) ҷудо карда шаванд. Ба гурӯҳи асосӣ натиҷаи фаъолияти хизматии сохторҳои низоми гумрукро метавон мансуб донист ва ба хизматрасониҳои иловагӣ бошад, хизматрасониҳои хосияти ёрирасондоштае дохил мешаванд, ки ҳамон рӯз дар доираи тартиботи маъмурӣ (ба рӯйхат даровардан, маслиҳат додан, қабули қарори пешакӣ ва ғайра) амалӣ мегарданд. Вале ба намудҳо ҷудо кардани онҳо аз муқоисанашавандагии онҳо вобаста буда, зеро аз ҷиҳати хосияти нисбатан фарққкунандаи фаъолият ва вазифа доштани онҳо, имконияти ба як қисмати баҳогузорӣ ворид намудани онҳоро маҳдуд мекунад. Дар маҷмуъ вобаста ба намудҳои хизматрасонӣ ҳамаи натиҷаҳои фаъолияти сохтори низоми гумрукро чунин тавсиф кардан мумкин аст (ниг. ба расми 3.7).




**Расми 3.7. Унсурҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳои гумрукӣ**
***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Амалигардонии қисматҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳои низоми гумрук, ки дар расми 3.7 оварда шудаанд, ба интихоби нишондиҳандаҳои баҳогузории хизматрасониҳои иловагӣ ва асосӣ, инчунин ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти дахлдор боис мегарданд. Тавре дар боло қайд намудем, ин амал ба муқоисанашавандагии

нишондиҳандаҳое алоқаманд мебошад, ки ин гуна хизматрасониҳо ва инчунин фарқияти ҳисса ё саҳми онҳоро дар маҷмуи фаъолияти кулли низоми гумрук баҳогузорӣ мекунанд.

Хизматрасониҳои иловагии аз тарафи низоми гумруки мамлакат амалишаванда аз рӯйи хосияти худ батартибовардашуда мебошанд, яъне дар доираи тартиби маъмурии муқарраршуда пешниҳод карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, нисбат ба натиҷаҳои пешниҳоди хизматрасонии мазкур талабот муайян карда шуда, ғайр аз ин барои ҳар як хизматрасонӣ нишондиҳандаи сифат ва дастрасӣ муайян карда шудааст, ки дар заминаи баҳогузории сифати хизматрасониҳои мақомоти гумрук қарор доранд. Нишондиҳандаҳои ҷамъбастии баҳогузории хизматрасониҳои батартибовардашудаи гумрукӣ дар замимаи «Б» оварда шудаанд.

Аз маълумоти дар замимаи «Б» овардашуда чунин ба назар мерасад, ки имрӯзҳо асосан 12 намуди хизматрасониҳои батартибовардашудаи низоми гумруки мамлакат амал мекунанд, ки таъсиси рӯйхат, қабули қарорҳои пешакӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва иттилоотӣ, додан ва шаҳодатномаи тахассуси оид ба амалиёти гумрукӣ ва бозпас гирифтани онро таъмин мекунанд. Ғайр аз хизматрасониҳои мазкур, дар низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии аз тарафи низоми гумруки ҷумҳурӣ расонидашаванда, ки дар сомнаи расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудааст, инчунин вазифаи зерин вуҷуд доранд: ташкили назорати амалиёти асъории иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ, ки ташкилоти қарздиҳанда ҳисоб намешаванд.

Бо дарназардошти ин, аз рӯйи вазифаҳо ё намудҳои болозикри фаъолият ҳанӯз нишондиҳандаи сифат ва дастрасии хизматрасонӣ муқаррар карда нашудааст, вале тамоюли рушди Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки ҳоло такмили тартиботи маъмурии пешниҳоди хизматрасониҳо идома доранд ва зимнан интизор меравад, ки дар оянда номгӯйи хизматрасониҳои гумрукии

батартибовардашуда ва нишондиҳандаҳои сифатӣ ва дастрасӣ зиёд гардад.

Таҳлили маълумоти дар замимаи «Б» овардашуда доир ба номгӯйи хизматрасониҳои иловагӣ нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи сифат ва дастрасии хизматрасонӣ на дар ҳамаи хизматрасониҳои гумрукӣ муайян карда шудаанд. Он хизматрасониҳое, ки дорои нишондиҳандаи сифат мебошанд, хосияти гуногуннақшавӣ дошта, сифати хизматрасониҳоро пурра баҳогузорӣ карда наметавонанд. Дар мавриди нишондиҳандаҳои дастрасӣ метавон гуфт, ки асосан онҳо декларатсия карда шуда, истифодагарди нишондиҳанда (параметр)-ҳои баҳогузории миқдориро имкон намедиҳанд. Бинобар ин, зарурати такмили минбаъдаи механизмҳои коркард ё ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳои батартибовардашудаи низоми гумрук, дар самти таъмини сатҳи баланди иттилоотнокӣ ва имконияти баҳогузории миқдории онҳо, ба миён меояд.

Дар зинаи навбатӣ унсури баҳогузории сифати хизматрасониҳои асосии гумрукиро баррасӣ хоҳем кард. Тавре маълум аст, фаъолияти асосии Хадамоти гумрук ба такмили амалиёти гумрукӣ ва амалисозии назорати гумрукие алоқаманд аст, ки барои қабули қарор оид ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт дар чаҳорчӯбаи амалиёти дархостнамудаи гумрук нигаронида шудааст. Таҳлили амалияи фаъолияти мақомоти гумрук нишон медиҳад, ки амалисозии назорати гумрукӣ хизматрасонии асосии гумрукӣ мебошад. Ин намуди хизматрасонии гумрукӣ аз рӯйи моҳияти худ хизматрасонии ғайрибатартибовардашуда мебошад, бинобар ин, нишондиҳандаҳои сифати он дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ тасдиқи худро наёфтааст ва ин зарурати коркарди низоми нишондиҳандаҳои дахлдори баҳогузории сифатро тақозо менамояд.

Дар раванди ташаккули нишондиҳандаҳои сифати хизматрасониҳои асосии низоми гумрук зарурати ба назар гирифтани далеле вуҷуд дорад, ки таҳти хизматрасониҳои гумрукӣ манфиатҳои давлат (дар шахси мақомоти гумрук) ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ, ҳамчун

истеъмолкунандагони хизматрасониҳои гумрукӣ, қарор гирифтаанд. Дар доираи чунин дурангӣ дар раванди баҳогузорӣ ҷудо намудани ду самт зарурат дорад: қонеъ гардонидани манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии берунӣ ва манфиатҳои давлат.

Талаботе, ки давлат нисбат ба пешниҳоди хизматрасониҳои Хадамоти гумрук пешбарӣ менамояд дар асноди қонунгузорӣ ба тартиб даровarда шудаанд. Талаботи пешниҳодшаванда нисбат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ шартҳои рушди соҳибкорӣ ва гирифтани фоидаро муайян мекунанд. Табиист, ки ин талабот ба нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ таъсири бевосита мерасонанд. Иштирокчиёни ФИБ пеш аз ҳама ба фаврӣ ва сарфакорона будани хизматрасониҳои гумрукии пешниҳодшаванда ҳавасманд мебошанд. Дар мавриди манфиатҳо ва талаботи давлат ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки онҳо ба қонуниятнокӣ, натиҷанокӣ ва самаранокии иҷрои манфиатҳои давлат мансуб мебошанд. Ба инобат гирифтани ҳамаи ин самтҳо барои ба таври маҷмуӣ баҳогузорӣ намудани сифати хизматрасониҳои гумрукии ҳам аз тарафи давлат ва ҳам аз тарафи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ пешниҳодшаванда шароит фароҳам меоранд. Барои амалигардонии самтҳои муайяншуда метавон низоми зерини нишондиҳандаҳои баҳогузории сифатро пешниҳод кард:

– қонуниятнокӣ: хизматрасонӣ тибқи талаботи муқарраршуда, имконияти хизматрасонӣ ба шахсони мансабдор, эътимоднокии пешниҳоди иттилоот ва ғайра;

– натиҷанокӣ: пуррагӣ ва саривақтӣ будани хизматрасонӣ ва ғайра;

– самаранокӣ: таносуби хароҷот ба хизматрасонии гумрукии дарёфтшуда ва гирифтани натиҷаҳо;

Баҳогузории сифатро метавон дар асоси низоми холдиҳӣ анҷом дод, ки дар ин ҳолат нишондиҳандаҳои ҷамъбастии дар натиҷаи баҳогузорӣ дарёфтшуда барои асоснок кардани қарорҳои идоракунӣ ҳамчун манбаи иттилоотӣ баромад мекунад.

### 3.3. Такмили механизми идоракунии иқтидори кадрии низоми гумрук

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид шудааст, ки "Рушди сармояи инсонӣ дар кишвар ҳадаф ва барномаи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Он дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ҷойи аввалро ишғол мекунад". Бинобар ин, дар марҳалаи нави рушди мамлакат, вақте ки нақш ва аҳамияти неруи инсонӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа баланд мегардад, зарурати ташаккули низоми нави идоракунии иқтисодиёти ба истифодаи самараноки неруи инсонӣ ва иқтидори кадрӣ асосёфта пайдо мешавад. Бо дарназардошти ин, дар низоми идоракунии системаи иқтисодӣ, аз ҷумла дар низоми гумрук низ масъалаҳои такмили идоракунии иқтидори кадрии барои иҷрои самараноки вазифаҳои низоми гумрук мусоидаткунанда мавқеи калидиро ишғол мекунанд.

Мафҳуми «иқтидори кадрӣ» дар худ тавсифоти маҷмуии инсони дорои қобилияти зеҳнӣ ва истеҳсолиро дар бар мегирад. Дар ин мафҳум қобилиятҳои мазкури инсон на танҳо аз мавқеи «мавҷудияти» воқеии онҳо баррасӣ мегарданд, балки инчунин дар худ шароити марбутаи ташаккул ва инкишофи онҳоро таҷассум мекунад. Ҳамин тавр, мафҳуми «иқтидори кадрӣ» бисёрнақшавӣ буда, ҷанбаҳои шахсии ҳаракати унсурҳои дохилии онро инъикос менамояд.

Умуман, дар соҳаи муносибатҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ ва зимнан дар низоми гумрук ва инчунин мақомоти андоз ва ҳифзи ҳуқуқ пеш аз ҳама омилҳои шахсиятӣ нақши нисбатан муҳим доранд. Бинобар ин, нисбат ба омодагии доимии касбӣ ва тахассусии кадрҳои сохторҳои низоми гумрук, ташкили интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ва инчунин баланд бардоштани сатҳи дониши мутахассисон, бо мақсади такмили қобилияти онҳо дар ҳаллу фасли фаврии вазифаҳои ҷорӣ ва ояндаи рушди Хадамоти гумруки мамлакат, талаботи доимӣ вуҷуд дорад.

Ҳайати кадрии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар шароити мушкили геополитикӣ ва иқтисодии мамлакат пурра карда шудааст. Бинобар ин, дар давраҳои аввали ташаккули низоми гумруки ҷумҳурӣ омилҳои мавҷудаи он замон нақши муҳим надоштанд. Қисми зиёди кормандон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ихтисос ё таҳсилоти махсус ва таҷрибаи хизмат дар хадамоти гумрукро надоштанд, вале дар раванди пешбурди фаъолият дар низоми гумрук ва фаъолияти истеҳсолӣ минбаъд малакаҳои касбӣ пайдо намуданд. Ба андешаи мо, дар инҷо омили муҳим он мебошад, ки ҳайати кормандони низоми гумруки ҷумҳурӣ бевосита дар низоми гумрук ва бо иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии берунӣ кору фаъолият намуда, дар ин соҳа таҷрибаи байналмилалӣ гирифтаанд ва кӯшиш намудаанд онро бидуни назардошти анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии рушди ҷумҳурӣ дар фаъолияти худ истифода намоянд, ки ин албатта на ҳамеша натиҷаҳои мусбат медиҳад. Бинобар ин, имрӯзҳо сатҳи касбию тахассусии кадрҳои низоми гумрук бояд ба талаботи баланде, ки аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва созмонҳои байналмилалӣ нисбат ба низоми гумруки ҷумҳурӣ пешниҳод мегарданд, мутобиқ бошад.

Дар ҷумҳурӣ ислоҳоти иқтисодии дар самти гузариш ба марҳилаи нави рушд ба амалоянда, саноатикунонии босуръати мамлакат ва мутаносибан такмили механизми хоҷагӣ боиси пайдоиши соҳаҳои нави дониш ва мутахассисони ихтисосманд, аз ҷумла дар соҳаи хадамоти гумрук мегарданд. То соли 1995 омода кардани кадрҳои дорои таҳсилоти олии соҳаи низоми гумрук дар ҷумҳурӣ вуҷуд надошт ва танҳо шурӯъ аз соли 1995 дар муассисаҳои олии касбии алоҳидаи соҳаи иқтисодиёт ин мушкилӣ бартараф карда шуд. Имрӯзҳо дар заминаи таҳсилоти олӣ қабул ба ихтисоси нав – фаъолияти гумрук вуҷуд дорад ва дар факултаҳои ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ барои низоми гумрук кадрҳои дорои таҳсилоти олӣ омода карда мешаванд.

Такмили системаи идоракунии низоми гумрукро бидуни баҳогузории амиқ ва таҳлили иқтидори кадрии он ва коркарди сиёсати кадрӣ баррасӣ

намудан ғайриимкон аст. Ба андешаи мо, таҳлил ва баҳогузории иқтидори кадрии низоми гумрук бояд баҳои миқдорӣ ва сифатии кадрҳо, мутобиқати онҳо ва инчунин чораҳои истифодаи самараноки иқтидори кадриро пешбинӣ намояд ва дар заминаи он интихоби усули самараноки идоракунии низоми гумрук таъмин карда шавад. Ислоҳоте, ки соли 2019 дар Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид, маҳз ба ҳамин мақсадҳо равона шудааст. Қобили зикр аст, ки такмили шаклҳо ва методҳои идоракунии низоми гумрук яке аз вазифаҳои асосии ислоҳоти минбаъдаро ташкил медиҳад.

Низоми гумрук шохаи мунтазам рушдкунандаи соҳаи идоракунӣ буда, фаъолияти он дар баробари рушди бахши иқтисоди берунии иқтисодиёт густариш меёбад. Соли 2010 дар низоми гумруки кишвар ҳамагӣ 1000 нафар кору фаъолият мекарданд, соли 2019 бошад, миқдори онҳо аллакай ба 1100 нафар расид, ки дар давраи таҳлилшаванда шумораи кормандони низоми гумрук 1,1 маротиба зиёд гардид.

Ҷанбаи сифатии иқтидори кадриро дар асоси таҳқиқи алоқамандӣ ва вобастагии байниҳамдигарии байни сатҳҳои таҳсилотӣ ва касбӣ, таҳлили сохтори синну солии кормандон, собиқаи корӣ ва инчунин муайянсозии таносуби байни ҳайати кормандони идоракунӣ ва сарҳаддии низоми гумрук муайян кардан мумкин аст. Дар ниҳояти кор, дар асоси ин нишондиҳандаҳои сифатӣ комёбиҳо ва самаранокии фаъолияти низоми гумрукро баҳогузорӣ кардан мумкин аст. Дар ин ҷанба нуқтаи назари олимони алоҳидаро ҳамрайъӣ намудан мумкин аст, зеро онҳо сохтори таҳсилотиро ҳамчун низоме баррасӣ менамоянд, ки дар асоси меъёрҳои расмӣ (шаҳодатнома, диплом ва ғайраҳо) сатҳи дониши кормандон ва маҳорати махсуси касбии онҳоро шарҳ медиҳанд. Дар ҳақиқат, сатҳи таҳсилоти кормандон ва ихтисоси дар натиҷаи шаклҳои гуногуни таҳсил ва фаъолияти амалӣ ба дастовардаи онҳо омилҳои асосие мебошанд, ки ба ҳайати касбии кадрҳо таъсир мерасонанд. Ин яке аз ҳалқаҳои муҳимме мебошад, ки сохтори касбӣ ва ихтисосии иқтидори кадрии низоми

гумрукро бо ҳам алоқаманд мегардонад.

Яке аз нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи сатҳи тахассуси кормандони низоми гумрук - ин ҳиссаи шумораи кормандони дорои таҳсилоти касбӣ (олӣ ва миёнаи махсус) дар шумораи умумии кормандон мебошад.

Сохтори тахассусии иқтидори кадрии низоми гумрук нишон медиҳад, ки пешравӣ ё тамоюли тағйирёбии ҳиссаи кормандони дорои таҳсилоти касбӣ, пеш аз ҳама кормандони дорои таҳсилоти олӣ, зиёд шуда истодааст.

**Чадвали 3.7. Шумораи кормандони мақомоти гумрук**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2015 | 2019 |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамагӣ кормандон | 1000 | 1040 | 1100 |
| 2. | Дорои таҳсилоти олӣ (%) | 83,6 | 88,2 | 92,3 |
| 3. | аз ҷумла: | | | |
| 4. | иқтисодӣ | 51,2 | 55,2 | 52,4 |
| 5. | ҳуқуқшиносӣ | 32,4 | 33,0 | 40,0 |
| 6. | миёнаи махсус | 16,4 | 11,8 | 7,7 |

***Сарчашма***: Ҳисоботи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикиситон дар солҳои 2010-2020.

Чуноне, ки аз ҷадвали 3.7 бармеод дар давраи солҳои 2010-2019 шумораи кормандони дорои таҳсилоти олӣ аз 605,0 то 1015,3 нафар ё ба андозаи 67 % зиёд шуда, шумораи дорандагони таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 119 то 84 нафар 28,8% кам шудааст. Чунин тамоюл аз он шаҳодат медиҳад, ки нишондиҳандаҳои сифатии сохтори тахассусии иқтидори кадрии низоми гумрук дар ҳоли инкишофёбӣ қарор дорад. Ин тамоюли мусбат дар оянда низ нигоҳ дошта мешавад, чунки ҳайати кормандони ташкилотҳои низоми гумрук бо миқдори зиёди асноди меъёрии танзимкунандаи фаъолияти гумрук сарукор доранд. Тавре аз таҷрибаи ҷаҳонӣ мушоҳида мегардад, ҳайати кормандони низоми гумрукро лозим меояд, ки бо чандин асноди ҳуқуқии оддӣ, вале калонҳаҷм сару кор дошта бошанд, ки қоидаҳои Созмони умумиҷаҳонии гумрук, Созмони умумиҷаҳонии савдо, Созишномаи генералӣ оид ба тарофаҳо ва савдо ва ҳамчунин Созишномаи генералӣ оид ба савдои хизматрасониҳоро дар бар мегиранд.

Ин гувоҳи он аст, ки низоми гумрук дар навбати аввал вазифаҳои хосияти иқтисодӣ ва ҳуқуқидоштаро ҳаллу фасл менамояд. Зимнан, бояд шумораи он кормандони низоми гумрукро таҳлил кард, ки онҳо таҳсилоти олии риштаи иқтисодӣ ва ҳуқуқшиносӣ доранд. Ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии кормандони низоми гумрук соли 2019 ба 92,3% баробар гардид, ки ин шумора соли 2010 83,6 % ташкил дод. Ин рақамҳо собит менамоянд, ки сохтори низоми гумруки ҷумҳурӣ асосан бо мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ пурра карда шудааст ва ин тамоюл инчунин бо он алоқаманд аст, ки пас аз соли 2010 дар ҷумҳурӣ афзоиши пуррашавии кадрҳо ва омодасозии мутахассисони соҳаи низоми гумрук ҷараён дорад.

Дар шароити фаъолияти устувори низоми гумруки ҷумҳурӣ рушди равандҳои инноватсионӣ, пеш аз ҳама, дигаргуншавии рақамии фаъолияти гумрук, ки зиёдшавии шумораи кормандонро пешбинӣ намекунад, бояд ба ҷойивазкунии кадрҳо ва ҷалби мутахассисони баландихтисос диққати ҷиддӣ дода шавад. Дар низоми гумрук инчунин ҳавасмандӣ ба кадрҳои соҳибкасби дорои ҳам ихтисоси иқтисодӣ ва ҳам ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, яъне мутахассиси дорои касби иқтисодчӣ-ҳуқуқшинос, зиёд аст. Зеро онҳо метавонанд вазифаҳои гумрукро дар сатҳи нисбатан баланди самаранокӣ анҷом диҳанд. Бинобар ин, аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо бо муассисаҳои олии касбии мамлакат, дар самти омода кардани мутахассисони соҳаи низоми гумрук, шартномаҳо баста шуда, мутахассисон вобаста ба тақозои замон омода карда мешаванд.

Тавре дар боло қайд карда шуд, раванди муттасили рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ ва иҷро кардани вазифаҳои муҳими аз манфиатҳои давлатҳо (иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ) сарчашмагиранда ба сифати иқтидори кадрии он талаботи калон пешниҳод мекунанд. Таҷрибаи фаъолияти гумрук нишон медиҳад, ки фаъолнокии нисбатан эҷодкоронаи кормандон дар синни аз 30 то 40-солагӣ, ки зиёда аз 5 сол собиқаи корӣ доранд, зуҳур мекунад. Бо дарназардошти ин, таҳлили

сохтори синну солии кормандони низоми гумрук аз рӯйи категорияи кормандон мувофиқи мақсад мебошад. Зимни таҳлил муайян гардид, ки таносуби кормандони то 35-сола 35%, 50-сола ва сину соли аз он боло 10 % ва собиқаи кории то 10 сол 55- %-ро ташкил медиҳанд.

Сохтори синну солии кормандони роҳбарикунандаи Хадамоти гумруки ҷумҳурӣ захираи аз ҷиҳати сифат беҳтаргардидаи сохтори иқтидори кадриро нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, сардор ва муовинони шуъбаҳо то 50-сола 45% буда, сарнозорон, нозири калон ва нозир 55 %-ро ташкил медиҳад. Тавре маълум аст, таҳсилоти олии касбии корманди гумрук дар низоми гумрук шарти зарурии фаъолияти самараноки роҳбарони сохторҳои низоми гумрук мебошад. Чунки махсусияти кору фаъолият дар низоми гумрук аз кормандон тақозо менамояд, ки онҳо соҳиби донишҳои амиқи ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ, мутахассиси касбии дорои қобилияти мустақилона ба таври фаврӣ қабул кардани қарорҳои идоракуниро оид ба доираи васеи масъалаҳо, ҳатто дар вазъиятҳои ғайриодӣ, бошанд. Бешубҳа, дар ин ҷо принсипи якҷояшавии донишҳои махсус муносиб мебошад. Бо мақсади такмили низоми идоракунии иқтидори кадрӣ ва умуман низоми гумрук ҷорӣ кардани иттилооти пурра ё маълумот оид ба кадрҳо дар маркази иттилоотии Хадамоти гумрук, ки барои хизмати гумрукӣ аз ҷиҳати имконият мувофиқ мебошад, зарур аст. Махзани маълумотии мазкур ҷиҳати ташкил ва дастгирии кадрҳои эҳтиётӣ барои иваз кардани вазифаҳои хадамоти гумрук шароит фароҳам меорад.

Ҳалқаи муҳими низоми идоракунии иқтидори кадрӣ, умуман системаи идоракунии низоми гумрук, мавҷудияти илман асоснокшудаи сиёсати кадрӣ мебошад. Асосҳои консептуалии коркарди сиёсати кадрии низоми гумрук бояд аз заминаҳои умумиметодологӣ ва ташкилии ташаккули талабот ба кадрҳои касбии низоми гумрук сарчашма гиранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки пас аз ошкор гардидани эҳтиёҷоти иловагии кадрӣ дар низоми гумрук, барои амалисозии ин эҳтиёҷот вазифаи интихоби кадрҳо ба миён меояд. Дар раванди коркарди сиёсати кадрӣ дар

низоми гумрук бояд нуктае ба назар гирифта шавад, ки шахсони мансабдори ин низоми Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони ҷумҳурӣ буда, аз рӯйи сифатҳои худ – корӣ, ахлоқӣ, сатҳи таҳсилот ва вазъи саломатӣ қобилияти иҷрои вазифаҳо ва супоришҳои ба низоми гумруки мамлакат вогузоршударо дошта бошанд. Барои иҷрои талаботи асосӣ нисбат ба интихоби кадрҳо унсурҳои ҷудогонаи таркиботи зерини онро пешниҳод менамоем, ки метавонанд ҳамчун нишондиҳандаи баҳогузории сифат баромад намоянд:

а) Сифатҳои кории кадр: салоҳияти касбӣ; донишҳои амиқ оид ба асосҳои сохтори давлатии ҷумҳурӣ, вазифаҳо ва фаъолияти низоми гумрук; донистани якчанд забони хориҷӣ; донистани технологияи муосири иттилоотӣ; қобилияти ташкили корбарии системавӣ.

б) Сифатҳои ахлоқӣ: саводнокӣ, устувории сиёсӣ ва бадгумон набудан; фаъолият танҳо дар доираи меъёрҳои ахлоқу одоби хизматчии гумрук; масъулият ва камолоти шаҳрвандӣ; мубориза бурдан бар зидди коррупсия.

Сатҳи таҳсилоти корманди гумрук ба ҳайси меъёрҳои сифатнокӣ ва касбияту кордонии мутахассис баромад мекунад. Маҳз сатҳи таҳсилот бо нишон додани ихтисос ва таҷрибаи корӣ (собиқаи корӣ) ҳамчун заминаи номгӯйи вазифаҳо қарор мегирад ва ин номгӯй бояд ба шакли марказонидашуда дар Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

Меъёри муҳими дигар ин саломатӣ мебошад. Бо роҳи методҳо ва усулҳои муоинаи тиббӣ ва ташхиси психофизиологӣ муайян кардани вазъи саломатӣ, қобилияти фардӣ ва коршоямии касбии корманди ояндаи гумрук зарур мебошад. Талаботи дар боло зикргардида муҳим арзёбӣ гардида, дар сурати риоя гардидан аз ҷониби нафари пешниҳодшаванда корбарӣ намудан дар низоми гумрук ба ӯ номумкин мегардад.

Барои фаъолият намудан дар низоми гумрук ба вазифаҳои Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони

сардори Хадамот таъйин карда мешаванд. Довталабон барои ишғоли вазифаҳои боқимонда дар асоси шартнома бо роҳи интихоби озмунӣ қабул карда мешаванд.

Низоми гумрукро зарур аст, ки дар рафти қабули кадрҳо ба қобилияти касбӣ ва кордонӣ, инчунин ба омодагии онҳо барои истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ ва коркарди электронии иттилоот ва маълумот диққат диҳанд. Талаботи мазкур бо он алоқамандӣ дорад, ки истифодаи технологияи навтарини иттилоотӣ дар соҳаи фаъолияти гумрук ба таъсиси фазои ягонаи иттилоотӣ дар низоми гумрук нигаронида шуда, дар заминаи он, ташкили системаи самараноки идоракунӣ ва низоми назорати ҳаракати молу воситаҳои нақлиёт, баҳогузории пурраи онҳо, баланд бардоштани сатҳи сифат ва назорати фаврӣ таъмин карда мешавад. Афзоишёбии гардиши мол дар байни иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва сохторҳои низоми гумрук бо роҳи муроҷиатномаҳо тавассути технологияҳои иттилоотии муосир, дар шакли электронии декларатсияи молу воситаҳои нақлиёт ва ғайраҳо, амалӣ карда мешавад. Ҳолати мазкур аз мутахассисони касбӣ на танҳо истифодаи воситаҳои иттилоотӣ (техникаи компютерӣ), балки дониши натиҷаҳои барномаҳои муосирро оид ба компютерикунонии амалиёти гумрук, ки дар рафти коркард ва интиқоли иттилоот вақт ва хароҷотро сарфа менамоянд, тақозо мекунад.

Талаботи муҳими дигар нисбат ба хизматчии низоми гумрук, ҳамчун хизматчии давлатӣ, - ба таври системавӣ ташкил намудани фаъолияти корӣ мебошад. Моҳияти ин талабот дар он зоҳир мегардад, ки шахсони бидуни қобилияти ҳосилкунандаи ғояҳою амалҳо, инчунин иҷрои вазифаю уҳдадориҳо, наметавонанд ба фаъолияти гумрук машғул шаванд. Ҳайати кормандони низоми гумрук, махсусан онҳое, ки дар дастгоҳи идоракунӣ кору фаъолият мекунанд, бояд на танҳо кордону касбӣ бошанд, балки онҳо бояд тафаккури таҳлилӣ дошта, аз уҳдаи хулосабандии илмӣ ва натиҷагирӣ бароянд.  Мутахассиси касбии гумрук бояд оқибати амалҳои (мустақим ва

ғайримустақим) худро донад, худро ҳамеша узви коллектив ҳисобида, аъзои фаъоли он бошад, нисбат ба манфиатҳои аъзоёни коллектив эҳтиром дошта, барои иҷрои ҳадафҳои умумии мақомот кӯшиш намояд. Нишондиҳандаҳои ин талабот тавассути тестҳои махсуси хосияти равонӣ-касбидошта муайян карда мешаванд.

Риояи меъёрҳои ахлоқ ва одоби хизматчии мақомоти гумрук сифати муҳими корманд мебошад, ки онро дар байни номгӯйи талабот метавон ҳамчун талаботи аввалиндараҷа баррасӣ намуд. Чунин меъёрҳо ва арзишҳо, ба монанди поквиҷдонӣ, майл надоштан ба дасиса ва найрангҳои пинҳонӣ, ҳисси масъулият, тавони фаъолият дар коллектив ва ҳамин гуна дастгириҳои байниҳамдигарӣ сифатҳои асосии хизматчии гумрук мебошанд.

Бояд қайд кард, ки ташаккули низоми омодакунӣ ва аз нав омода кардани кадрҳо принсипи асосии сиёсати кадрӣ мебошанд. Ин сиёсат бояд аз равандҳои зерини ба амалояндаи ташаккул ва рушди иқтидори кадрии низоми гумрук маншаъ гирад:

а) қабули мутахассисони ихтисосманди дорои таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки дар факултаҳои соҳавии муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ омода карда шудаанд;

б) ташкили низоми аз нав омода кардан ва баланд бардоштани ихтисоси кадрҳо, мутахассисони дар низоми гумрук фаъолияткунанда дар таълимгоҳҳои махсуси ватанӣ ва хориҷӣ;

в) ташкили низоми бисёрзинагии баланд бардоштани тахассуси кормандон бо назардошти:

- хосияти фаъолият ва манфиатҳои омехта;
- собиқаи корӣ аз рӯйи касб;
- тағйири талаботи касбӣ нисбат ба кормандон дар доираи дигаргуниҳои ба нақша гирифташаванда дар низоми гумрук (тағйирёбии технологӣ, ивазшавии асосҳои қонунгузорӣ ва ғайраҳо).

Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки омодагӣ, аз нав омодакунӣ ва баланд бардоштани тахассусмандии кормандони низоми гумрук бояд ҳамчун низоми амал нисбат ба самтҳо ва марҳилаҳои муҳим ташкил карда шаванд. Ба андешаи мо, аз байни онҳо метавон инҳоро ҷудо кард:

– ташаккули низоми бисёрзинаи баланд бардоштани таҳсилоти тахассусӣ ва касбӣ дар доираи марҳилаҳои гузариш ба он;

– муқаррар ва ё муайян намудани низоми талабот нисбат ба мутахассисе, ки барои ишғоли вазифаи мушаххас талабгор аст ва инчунин сертификатсиякунонии сатҳи таҳсилот ҳамчун меъёри аттестатсияи кормандон;

– таъмини дастрасии шабакаи муасссисаҳои таҳсилотӣ бо дарназардошти ҷойи кор, ҷойи истиқомат, миқдори хароҷоти нақлиётӣ ва вақти гузаштан;

– такмили механизмҳои ниҳоди эҳтиётӣ ҷиҳати пешбарӣ намудан барои ишғоли вазифаи роҳбарикунанда, омодагӣ ва аз нав омодакунии мутахассисон ҳамзамон бо таъсиси низоми трейнингӣ (омӯзишӣ);

– амалисозии принсипҳои идоракунии ҳайати кормандон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои менеҷменти стратегӣ;

– рушди шакли куратории кадрӣ – «Устод-шогирд», ки барои инкишофи тахассуси ҳайати кормандони низоми гумрук мусоидат мекунад;

– дар раванди таҳсилот ҷорӣ намудани технологияи муосир ва дастовардҳои инноватсионӣ (натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва прогресси илмӣ-техникӣ дар соҳаи низоми гумрук);

– омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти низоми гумрук, ҷамъбаст ва интихоби шакли барои ҷумҳурӣ қобили қабул ва татбиқи он;

– ташаккул додани рӯҳияи зӯрозмоӣ дар байни кормандони низоми гумрук, ки ба алоқаи байниҳамдигарии муваффақиятҳои шахсӣ бо шакли прогрессивии ташкили фаъолият асос ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки санҷиши тестӣ, сертификаткунонӣ ва низоми муттасил баланд бардоштани тахассус қисматҳои муҳими низоми чораҳо

оид ба интихоб ва омодакунии кадрҳои низоми гумрук мебошанд. Санҷиши тестӣ ба ташкили низоми тестҳо барои кормандони сатҳҳои гуногуни идоракунии низоми гумрук равона гардидааст. Санҷиши алоқамандӣ ва донишҳои асноди меъёрӣ, ки фаъолияти иқтисодии беруниро танзим мекунанд, бояд дар таркиби тестҳои таҳияшаванда мақоми марказиро ишғол намоянд. Сертификаткунонӣ - дар асоси санҷиши тестӣ додани ҳуҷҷат ё сертификатро пешбинӣ менамояд, ки ҳуқуқи ишғоли вазифаи дахлдорро муайян мекунад. Ба андешаи мо, ҳангоми коркарди методикаи сертификаткунонӣ бояд ба принсипҳои зерин такя карда шавад:

– мустақилияти сохтор ё комиссияе, ки сертификаткунониро дар уҳда дорад;

– системавӣ будани донишҳо, таҷриба ва малака;

– такроршавандагии муносиб;

– сохтори тафриқадори талабот (тестҳо) вобаста ба вазифа.

Ташкили низоми муттасили баланд бардоштани тахассуси кормандони низоми гумрук якҷояшавии муносиб ва истифодаи самараноки шаклҳои гуногуни таълим – курсҳои такмили ихтисос, семинарҳои илмиву амалӣ, симпозиумҳо оид ба мубодилаи таҷрибаи байналмилалӣ, омода намудани кадрҳо тавассути шаклҳои унвонҷӯйӣ, докторантура ва иштирок дар таҳқиқотҳои илмиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, вобаста ба сатҳи камолот (омодагӣ)-и корманд ва имкониятҳои зеҳнии ӯ бояд шаклҳо ва барномаҳои баланд бардоштани тахассус ташаккул ва такмил ёбанд.

Раванди амалисозӣ ё коркарди сиёсати кадрӣ ва чорабиниҳои кадрӣ дар низоми гумрук бояд аз ҳадафҳо ва вазифаҳои Хадамоти гумрук сарчашма гирад. Сиёсати кадрӣ замоне воқеӣ ва таъсирбахш мегардад, ки агар он ба иҷрои стратегияи Хадамоти гумрук мусоидат намуда, барои дарёфти мақсадҳои дар назди он қарордошта нигаронида шавад. Ин тасдиқномаро муфассалтар баррасӣ менамоем, зеро моҳияти сиёсати кадрӣ ва амалиёти коркарди он дар низоми гумрук маҳз дар он ифода меёбад.

Сиёсати кадрӣ унсури асосии стратегияи умумии рушди низоми гумрук буда, таҳияи онро дар доираи корҳои умумии стратегияи рушди низоми гумрук оғоз намудан зарур аст. Барои таҳияи стратегия ва сиёсати кадрӣ алгоритме пешниҳод менамоем, ки аз марҳилаҳои зерини пайдарҳам иборат аст:

Марҳилаи якум – аз таҳияи нақшаи стратегии бо ҷанбаҳои дохилии рушди хадамоти гумрук алоқаманд иборат мебошад.

Марҳилаи дуюм – аз таҳияи нақшаи стратегии бо шароити берунии фаъолияти низом алоқаманд иборат мебошад.

Марҳилаи сеюм - якҷояшавии натиҷаҳое мебошад, ки дар марҳилаҳои қаблӣ ба даст омадаанд.

Ҳамин тариқ, коркарди стратегияи кадрӣ дар доираи рушди стратегияи умумии низоми гумрук ба амал меояд. Бори дигар таъкид менамоем, ки дар ҳамаи марҳилаҳои коркарди чорабиниҳои бо иқтидори кадрӣ алоқамандидошта омилҳои муайянкунанда ба тариқи зайл ифода меёбанд:

– мақсадҳои низоми гумрук ҳамчун мақомоти давлатӣ, ки барои дарёфти онҳо стратегияи умумӣ равона карда шудааст;

– захираҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ-иқтисодие, ки низоми гумрук барои иҷрои мақсадҳо ва ухдадориҳо воқеан ҳам дар ихтиёр дорад.

Барои ташаккул ёфтани сиёсати кадрӣ гурӯҳи мутахассисон ва коршиносон машғул мегарданд. Бо дарназардошти ин, ба ҳолатҳои ташкилии фаъолияти кории ин гурӯҳ назар менамоем. Ба ақидаи мо, ба ҳайати гурӯҳи коршиносон шомил намудани ашхоси зерин мувофиқи мақсад мебошад:

– роҳбари низоми гумрук ва муовини ӯ оид ба кадр;

– мутахассис оид ба коркарди нақшаҳои стратегии низоми гумрук (ин нафар бояд мутахассиси баландихтисоси хадамоти гумрук ё ин ки машваратчии аз берун даъватшуда бошад);

– коршиносон оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти истеҳсолии низоми

гумрук ва фаъолияти иқтисодии берунӣ ва ғайра;

– равоншинос ва корманди соҳаи тибро низ ба гурӯҳи коршиносон дохил намудан лозим аст.

Ҳайати гурӯҳ, вобаста ба масъалаҳои пайдошуда ва вазъити дигаргуншавии муҳити берунӣ ва дохилии муносибатҳои гумрукӣ, метавонад тағйир ёбад ва илова бар ин, ҳамаи раванд пайдарҳамии қадамҳоро дар назар дорад, ки барои ҳар як марҳила ташаккули гурӯҳи коршиносони худро тақозо менамояд, аммо роҳбарони зинаи олии идоракунӣ ва мутахассисони масъули раванд тағйир намеёбанд.

Барои ташкили фаъолияти самараноки раванди гурӯҳӣ ба коршиносон вобаста кардани вазифаҳои зерин мақсаднок мебошад:

1. Танзимгари раванди гурӯҳӣ. Ин вазифа ба мутахассиси ташкили раванд вогузор карда мешавад ва вазифаи ӯ таъминоти методӣ, иттилоотӣ ва техникӣ, инчунин гузаронидани маҷлисҳои гурӯҳро (тибқи методикаи дархостшуда ва риоя намудани тартиби маҷлис) дар бар мегирад. Бояд қайд кард, ки танзимгари раванди гурӯҳӣ (таъминкунандаи дастгирии методии раванди гурӯҳӣ) бояд мутахассиси соҳа буда, дорои донишу малакаи ташкили кор ё раванд бошад, яъне ӯ бояд мутахассиси соҳаи коркарди қарорҳои стратегӣ бошад.

2. Ёрдамчии танзимгари раванди гурӯҳӣ (агар ӯ мутахассис-равоншинос бошад нисбатан беҳтара аст). Ӯ протоколи функсионалии гурӯҳ, омодагӣ ва пешниҳод ҳуҷҷатҳоро ба ҳимояи лоиҳаи чорабиниҳои кадрӣ дар коллегияи Хадамоти гумрук муҳайё менамояд.

3. Коршиносони бо ҳайати кормандон коркунанда. Онҳо ба таҳлили раванди идоракунии захираҳои инсонӣ машғул гардида, сиёсати кадрии дахлдори Хадамоти гумрукро баҳогузорӣ менамоянд ва дар баробари таҳия намудани нақшаи чорабиниҳои кадрӣ, натиҷанокии чорабиниҳоро низ арзёбӣ менамоянд.

Бо дарназардошти он, ки дар гурӯҳ инчунин кормандони ғайри мутахассиси соҳаи идоракунии ҳайати кормандон ширкат мекунанд, аз

рӯзҳои аввали фаъолият, бояд онҳо оид ба амсилаҳои стратегияи рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ барои идоракунии ҳайати кормандон огоҳ карда шуда, талаботи махсус нисбат ба кормандон муайян гарданд.

Барои ташкили фаъолияти гурӯҳӣ коршиносон омода намудани маводи зерин зарур мебошад:

1. Маводҳое, ки коршиносонро дар рафти қабули қарор бо иттилоот таъмин менамоянд:

– нақшаи ҷорӣ ва рушди минбаъдаи низоми гумрук;

– сохтори ташкилии низоми гумрук дар мамлакат;

– иттилоот оид ба категорияи иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии берунӣ;

– захираҳои иттилоотӣ дар бораи раванди технологии фаъолияти гумрук;

– натиҷаҳои фаъолияти кории воҳидҳои алоҳидаи низом, яъне воҳидҳои марказӣ ва минтақавӣ;

– маълумот дар бораи кормандон (қоидаи пардохти музди меҳнат, ҷадвали корбаст, уҳдадориҳои вазифавӣ, сифатҳои фардӣ ва ғайра).

2. Маводи тақсимотӣ, ки коршиносон дар раванди омода кардани қарор пур мекунанд.

3. Таъмини маводи конселярӣ ва воситаҳои техникӣ (коғази ватман, қалам, ручка, фломастер, воситаҳои интиқолдиҳандаи электронии иттилоот, проектор, экран ва ғайра).

4. Ҷиҳати коркарди тамоми захираҳои иттилоотӣ бояд коршиносон ва аъзоёни гурӯҳ дар ихтиёри худ технологияи иттилоотӣ (компютер, принтер) дошта бошанд.

Тавре дар боби аввал оварда шудааст, муносибати диагностикӣ яке аз муносибатҳои нисбатан машҳур ва муҳим мебошад. Махсусан метавон «Амсилаи диагностикии Ивансевич»-ро[62] қайд кард. Ин амсиларо, ки Ҷон

[62]Общая характеристика диагностической модели управления персоналом (УП-модель)/ [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://lib.sale/upravlenie-organizatsii-

Ивансевич баён намудааст ва истифодаи амалии васеъ дорад, истифодаи маълумоти таҳлили таъсири омилҳои дохилӣ ва беруниро ба рушди дилхоҳ низоми соҳаи идоракунии кадрҳо пешбинӣ ва диагнозро муайян карда, варианти асосноки ҳалро пешниҳод менамояд. Мақсади диагностика ошкор кардани «нуқтаҳои беҳаракат» ва самтҳои манфии фаъолияти низом ва ташкили шароити мусоид ҷиҳати таъмини рушди он мебошад. Идоракунии ҳайати кормандон дар ин амсила се объекти асосии таҳлилиро дар бар мегирад: а) одамон-кормандон; б) шароити берунӣ ва дохилӣ; в) шароити худи ташкилот. Амсилаи диагностика тақозо менамояд, ки аз ҳамкории байниҳамдигарии ин се унсур, бояд муҳимтарини он ҷудо карда шавад ва он ҳангоми ҳаллу фасли вазифаи мушаххаси идоракунии ҳайати кормандон мавриди таҳлил қарор гирад. Пеш аз он, ки ба шарҳи ҳар як марҳилаи кор шурӯъ намоем, дар аввал пайдарҳамии қадамҳои барои коркарди сиёсати кадрии низоми гумрук зарурро муайян менамоем:

1. Интихоби намуди стратегия, ки дар низоми гумрук татбиқ карда мешавад. Баҳогузории захираҳои Хадамоти гумрук, ки барои иҷрои чорабиниҳои кадрӣ зарур мебошанд.

2. Муайян кардани асоси самти кор бо кадрҳо, ки барои амалисозии ҳадафҳои низоми гумрук нисбатан муҳим мебошанд.

3. Таҳияи низоми чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи иқтидори кадрӣ ва кадрҳои сатҳи фаврӣ.

4. Муайян намудани ҳаҷми хароҷот (замонӣ ва молиявӣ) барои татбиқи чорабиниҳо.

5. Коркарди меъёрҳое, ки иҷрои чорабиниҳои нақшавии баланд бардоштани иқтидори кадриро баҳогузорӣ мекунанд.

6. Инъикоси натиҷаҳои коркард дар ҷадвали ҷамъбастӣ, ба охир расонидани марҳилаи омодакунии коркарди сиёсати кадрии низоми гумрук.

---

knigi/obschaya-harakteristika-diagnosticheskoy-54598.html., открытый. Дата обращения:10.12.2020.

Бояд хотиррасон кард, ки дар раванди диагностика тарафҳои қавӣ ва заифии таъминоти кадрии низоми гумрук ошкор мегарданд, ки барои роҳ надодан ба пайдоиши ихтилофоти иқтидори кадрӣ имконият фароҳам меоранд. Дар раванди коркарди сиёсати кадрӣ ба ҳолати кадрии тавсифкунандаи сатҳи мутобиқати байни эҳтиёҷоти унсурҳои низоми гумрук дар нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии иқтидори кадрӣ ва мавҷудияти воқеии он диққат додан зарур аст. Ҳолати кадрӣ хосияти бисёромилӣ дорад ва асосан дар муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқии самти ташкил ва истифодаи иқтидори кадрӣ инъикос меёбад. Диагностикаи ҳолати кадриро дар заминаи низоми нишондиҳандаҳои ба қисматҳо ҷудошуда баҳогузорӣ кардан мумкин аст (ниг. ба ҷадв. 3.8).

**Ҷадвали 3.8. Гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои таъминоти кадрии низоми гумрук**

| №б/т | Гурӯҳҳо | Муҳтавои нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|
| 1. | **Иқтисодӣ:**<br>– нишондиҳандаҳои ташкилию иқтисодӣ;<br>– сатҳи зудҳаракатӣ. | – шумораи миёнарӯйхати кормандон;<br>– мутобиқати нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии иқтидори кадрии эҳтиёҷоти низоми гумрук;<br>– ҳолат ё тавозуни қабул ба кор ва аз кор озод кардани кормандон;<br>– шумораи кормандони ба кор қабулшуда ва аз кор озодкардашуда;<br>– коэффитсиентҳо: гардиши зарурӣ, гардиши қабул ва аз кор озодкунӣ, азкорравии воқеӣ ва имкониятӣ, сатҳи зудҳаракатии кормандон ва ғайра. |
| 2. | **Иҷтимоию иқтисодӣ** | – сатҳи рақобатпазирии кормандон;<br>– коэффитсиенти интизоми меҳнат;<br>– ҳолати шарикии иҷтимоӣ;<br>– сатҳи иштирок дар идоракунӣ ва ғайра. |
| 3. | **Демографӣ** | – ҳайати кормандон аз рӯйи ҷинс;<br>– ҳайати кормандон аз рӯйи синну сол ва ғайра. |

***Сарчашма*:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Муайянкунӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои ҳар як гурӯҳ имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои фарққунандаи ҳолати кадрӣ нисбатан мушаххас баҳогузорӣ карда шуда, дар ин асос сиёсат ва стратегияи самараноки

идоракунии иқтидори кадрӣ коркард карда шавад.

Нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи қисматҳои иқтисодии вазъияти кадриро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Гурӯҳи якум - нишондиҳандаҳои ҳолати умумии иқтидори кадрӣ, шумораи кормандон, таносуби талабот ва пешниҳодоти кормандони низоми гумрукро дарбар мегирад. Гурӯҳи дуюм бошад, ҳаракати кормандонро мефаҳмонад, яъне нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи самти тағйирёбии вазъияти кадрӣ ва устувории онро дарбар мегирад. Ин нишондиҳандаҳо имконият медиҳанд, ки раванди тағйирёбӣ ё ҳаракати кормандони сатҳҳои гуногун таҳлил карда шаванд.

Дар мавриди нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи қисмати иҷтимоии вазъияти кадрӣ метавон қайд кард, ки онҳо ҷанбаҳои сифатии иқтидори кадриро баҳогузорӣ мекунанд. Нишондиҳандаҳои ҳайати кормандон аз рӯйи ҷинс ва синну сол қисмати демографии вазъияти кадриро мефаҳмонанд. Ҳамин тавр, дар асоси муайянкунии ҳамаи нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии вазъияти кадрии низоми гумрук ва тамоюли рушди онро баҳогузорӣ намудан ва инчунин, методҳои самараноки танзими онро муайян намудан мумкин аст. Ҳамаи қисматҳои номбаршудаи вазъияти кадрӣ байни ҳам алоқаманд мебошанд, вале дар ин ҷо қисматҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ афзалиятнок мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки сиёсати кадрӣ бо тамоми соҳаҳои сиёсати хоҷагии низоми гумрук алоқаманд мебошад, аз ин лиҳоз, идоракунии кадрҳо бояд ба низоми идоракунии объектҳои дигари Хадамоти гумрук шомил гардад. Рушди асосии бомуваффақияти низоми гумрук идоракунии ҳамоҳанги ҳамаи захираҳо мебошад.[63] Қабули қарор дар соҳаи сиёсати кадрӣ дар тамоми зернизомҳои функсионалӣ вуҷуд дорад, яъне оид ба идоракунии фаъолияти инноватсионӣ, идоракунии раванди технологӣ,

[63] Ковинов Э. Управлять персоналом - значит повышать эффективность компании / Э. Ковинов // Управление персоналом. - 2005. - № 2. - С. 14.

идоракунии фаъолияти хоҷагӣ-иқтисодӣ ва иқтисодии берунӣ, идоракунии кадрӣ ва ғайра. Қарорҳои соҳаи сиёсати кадрӣ ба қарорҳои зернизомҳои функсионалии номбаршуда таъсири муҳим мерасонанд, зеро ба вазифаҳои сиёсати кадрӣ мансуб дониста мешаванд:

- таъмини ҳамаи зернизомҳо бо мутахассисон ва кормандони зарурӣ;
- ҳаллу фасли масъалаҳои кироякунӣ, баҳогузорӣ, мутобиқшавии меҳнатӣ, ҳавасмандӣ ва мақсаднокӣ;
- таълим, аттестатсия, ташкили меҳнат ва ҷойҳои корӣ;
- банақшагирии пешравӣ аз рӯйи хизмат ва идоракунии кадрҳои эҳтиётӣ;
- идоракунии навгониҳо дар корҳои кадрӣ;
- бехатарӣ ва саломатии кормандон ва ғайра.

Ба андешаи иқтисоддони ватани Рауфи А. ҳар коркун мувофиқи сатҳи арзишмандии сармояи инсониаш ва мувофиқан натиҷаи меовардааш дар ҷараёни иҷрои вазифаи кориаш ҳавасманд гардонда шавад[64].

Ташаккули сиёсати кадрӣ ба присипҳои бунёдӣ асос меёбад. Принсипҳои муҳимтарини[65] ташаккули самтҳои алоҳидаи сиёсати кадрӣ ва тавсифоти онҳо дар ҷадвали 3.9. оварда шудаанд.

Методикаи интихоби сиёсати кадриро мо дар мисоли Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе гузаронидем. Шумораи умумии кормандони Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе 217 нафарро ташкил медиҳад. Методикаи коркарди сиёсати кадрӣ аз якчанд қадамҳо иборат мебошад.

Қадами якум. Дар асоси «Амсилаи диагностикии Ивансевич» чунин намуди стратегияи кадриро интихоб намудем, ки ба ҳолати умумии ташкилот мувофиқат мекунад. Дар натиҷаи баҳогузории коршиносӣ муайян карда шуд, ки Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе

---

[64] Рауфи А. Арзишмандии сармояи инсонӣ [Матн] / А. Рауфи // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2020. - №1. - Р. 13-18. – EDN ALZHML
[65] Кибанов А.Я. Управление персоналом организации [Текст] / А.Я. Кибанов. - М., 2005. - С. 110-111.

методҳо ва усулҳои таъмини риояи чораҳои танзими гумрукию тарофавӣ, мамнуъиятҳо ва маҳдудиятҳои дар соҳаи танзими фаъолияти иқтисодии берунии бо молу воситаҳои нақлиётии аз тариқи сарҳадоти гумрукӣ интиқолёбанда алоқамандидоштаро, ки Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, мавриди истифодаи самаранок қарор додааст.

**Ҷадвали 3.9. Тавсифоти муҳимтарини принсипҳои ташаккули самтҳои алоҳидаи сиёсати кадрии низоми гумрук**

| № | Самтҳои асосӣ | Принсипҳо | Тавсифот |
|---|---|---|---|
| 1. | Идоракунии ҳайати кормандони низоми гумрук | Зарурати монанди дарёфти ҳадафҳои фардӣ ва ташкилотии низом | Ҷустуҷӯйи созиш ё ҳамоҳанг кардани манфиатҳои байни маъмурият ва кормандон |
| 2. | Кироя ва ҷудо кардан, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо | Мувофиқат, салоҳияти касбӣ, комёбиҳои амалӣ, озмунӣ будан | Мувофиқати ҳаҷми вазифаҳо, ваколатҳо ва масъулиятнокӣ ба имкониятҳои одам. Мувофиқати сатҳи дониш ба талаботи вазифа.<br>Доштани таҷрибаи амалӣ ва қобилияти ташкилотчигӣ (ҳангоми ташкили корҳои худ ва корҳои тобеон).<br>Сиришт, сатҳи хирад, характер, ниятҳо ва тарзи роҳбарӣ тибқи талабот.<br>Интихоби номзадҳо дар асоси озмун. |
| 3. | Ташаккул ва пешбарӣ ба вазифаҳои роҳбарикунанда | Озмунӣ будан, ҷойивазкунӣ, фардикунонии омодагӣ, тафтиши корҳо, мувофиқат ба вазифа, мунтазамии баҳогузории сифатҳо ва имкониятҳои фардӣ | Интихоб аз рӯйи озмун. Ивазкунии мураттаби вазифаҳо ба таври амудӣ ва уфуқӣ. Тибқи барномаҳои фардӣ омода намудани захираҳо барои вазифаи мушаххас. Таҷрибаомӯзии самаранок барои вазифаҳои роҳбарикунанда. Дараҷаи мувофиқати номзад ба вазифа дар лаҳзаи ҳозира.<br>Баҳогузории натиҷаҳои фаъолият, суҳбат, муайянкунии майлу рағбат ва ғайра. |
| 4. | Баҳогузорӣ ва аттестатсияи ҳайати кормандон | Интихоби нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ, баҳогузории ихтисос ва амалисозии вазифаҳо | Низоми нишондиҳандаҳое, ки мақсади баҳогузорӣ ва меъёрҳою зудии онро ба назар мегиранд. Коршоямӣ, муайянкунии сатҳи дониши зарурӣ барои иҷрои ин намуди фаъолият. Баҳогузории натиҷаҳои фаъолият |

*Давоми ҷадвали 3.9*

| № б/т | Самтҳои асосӣ | Принсипҳо | Тавсифот |
|---|---|---|---|
| 5. | Рушди ҳайати кормандон | Баланд бардоштани тахассус, хештангарой ва худтакмилдиҳӣ | Барои рушди доимии ҳайати кормандон аз нав дида баромадани даврагии дастурамали вазифавӣ. Мустақилият, худназорат-кунӣ, таъсир ба ташаккули методҳои иҷро. Қобилият ва имкониятҳои худтакмилдиҳӣ. |
| 6. | Мақсаднокӣ ва ҳавасмандии ҳайати кормандон, пардохти музди меҳнат | Мувофиқати пардохти музди меҳнат ба ҳаҷм ва мураккабии корҳои иҷромешуда, мувофиқати баробарии ҳавасмандиҳо ва муҷозот, мақсаднокӣ | Низоми самараноки пардохти музди меҳнат, мушаххаснокии шарҳи вазифаҳо, уҳдадориҳо ва нишондиҳандаҳо. Омилҳои барангезандаи барои баланд бардоштани ҳосилнокии самараноки меҳнат таъсиркунанда |

**Сарчашма**: аз рӯйи асари Кибанов А.Я. Управление персоналом организации. -М., 2005. -С. 110-111 тартиб дода шудааст.

Меъёри дуюми аҳаммиятнокии коркарди сиёсати кадрии муассиса мавҷудияти воситаҳои таъминкунандаи иҷрои мақсадҳо ва вазифаҳои низоми гумрук ҳисоб меёбанд, ки гузаронидани таҳлили ингуна захираҳоро тақозо намуд. Бо дарназардошти махфӣ будан ва бузургии ҳаҷми иттилоот мо кӯшиш намудем, ки танҳо баҳогузории тартиби мавҷудияти захираҳои зарурииро амалӣ намоем. Тартиби ҷамъбастӣ дар асоси баҳогузории иттилооти дарёфтшуда тартиб дода шудааст.

**Ҷадвали 3.10. Намудҳо ва аҳаммиятнокии захираҳои истифодашаванда (бо балҳои аҳаммиятнокии 10 – max, 1 – min)**

| Захираҳои истифодашаванда | Мавҷудияти ин намуди захира дар Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе |
|---|---|
| Молиявӣ | 8 |
| Моддӣ | 7 |
| Энергетикӣ | 6 |
| Иттилоотӣ | 7 |
| Инсонӣ | 8 |

***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Қадами дуюм. Муқоиса намудани мақсадҳои низоми гумрук бо вазифаҳои идоракунии ҳайати кормандон. Вазифаи идоракунии ҳайати кормандон аз интихоб ва ҷобаҷогузории кормандон, ташкили музди

меҳнат, баланд бардоштани сатҳи тахассусмандии кормандон, банақшагирӣ ва пешравӣ аз рӯйи хизмат ва ғайра иборат мебошад. Дар натиҷаи муқоисакунӣ муайян кардан мумакин аст, ки кадоме аз вазифаҳои идоракунии ҳайати кормандон амалисозии мақсади мушаххаси Хадамоти гумрукро таъмин менамояд. Мо дар натиҷаи таҳлил он самтҳои кор бо кадрҳоро ҷудо намудем, ки амалисозии мақсадҳои асосии низоми гумрукро дар сатҳи баланд таъмин мекунанд (ниг. ба ҷадвали 3.11).

**Ҷадвали 3.11. Вазифаҳои асосии идоракунии ҳайати кормандон**

| Вазифаҳо / Мақсадҳо | Интихоб ва ҷобаҷогузории кормандон | Ташкили музди меҳнат, мукофотҳо | Баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандон | Банақшагирӣ ва пешравӣ аз рӯйи хизмат |
|---|---|---|---|---|
| Такмил додани ташкил ва технологияи рӯёнидани пардохтҳои гумрукӣ ва назорати раванди воридшавии онҳо ба буҷети давлатӣ. | + | + | + | + |
| Ташкили барасмият-дарории гумрукии молҳо, ҳамзамон бо монандкунӣ ва соддагардонии амалиёти гумрукӣ. | + | + | + | + |
| Баланд бардоштани нақш ва аҳамияти низоми гумрук ҳамчун ниҳоди ҳифзи ҳуқуқ. | + | + | + | + |

***Сарчашма***: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Қадами сеюм. Ба таври фаврӣ коркард намудани чорабиниҳо оид ба масъалаҳои кадрӣ. Дар ин ҷо, муайянсозии муфассали ҳар як вазифаи идоракунии ҳайати кормандон тибқи ҳадафҳои мушаххаси низоми гумрук иҷро карда мешавад. Барои коркарди он механизми «ҳуҷуми зеҳнӣ» истифода шуда, натиҷаҳои он баҳогузорӣ мегарданд. Мисоли натиҷаҳои «ҳуҷуми зеҳнӣ» метавонанд ба тариқи зайл бошанд:

1. Интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо:

1.1. Бастани шартномаҳо бо муассисаҳои таҳсилотии касбӣ.

1.2. Истифодаи ВАО (воситаҳои ахбори омма).

1.3. Истифодаи иттилоот (бонки маълумот) оид ба кормандони аз коррафта.
1.4. Тартиб додани барномаҳои интихоб ба тариқи озмун.

2. Таҳияи низом ва шакли пардохти музди меҳнат (тибқи натиҷаи ниҳоӣ).
3. Тартиб додани барномаҳо барои гузаронидани аттестатсияи кормандон.
4. Аз рӯйи натиҷаҳои баҳогузории аттестатсионӣ ташкили аз нав омодакунии кадрҳо ва муайян намудани тақсимоти минбаъда дар хизмат.
5. Тартиб додани низоми чораҳо ё нақшаи кор бо мутахассисони ҷавон.
6. Таъсиси кадрҳои эҳтиётии сатҳи роҳбарикунанда.
7. Коркарди нақшаи дурнамои рушди иҷтимоӣ ва шарикии иҷтимоии Хадамоти гумрук.
8. Коркарди низоми чораҳо ё нақша оид ба пурзӯр намудани бехатарии Хадамоти гумрук ва мустаҳкам намудани интизоми меҳнат.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи қадамҳои болозикр баҳогузории чорабиниҳо оид ба масъалаҳои кадрӣ гузаронида шуда, раванди ба тартибгузории чорабиниҳои аҳаммиятнок анҷом дода мешавад. Аз байни чорабиниҳои барои баррасӣ пешниҳодшуда муҳимтарини онҳо ҷудо карда шуда, ба он тартиби (дараҷаи) ҳадди аксар дода мешавад. Албатта, барои то сатҳи зарурии сиёсати низоми гумрук расидани чорабиниҳои коркардшуда ва мавриди амалу роҳбарӣ қарор гирифтани онҳо зарурати назорат, таҳлил ва ислоҳи онҳо арзи вуҷуд дорад.

## Хулосаи боби 3

Таҳқиқи дарёфти роҳҳои асосии такмили механизми идоракунии низоми гумрук тақозо менамояд, ки дар заминаи хусусиятҳои хоси идоракунии низоми гумрук сатҳҳои мухталифи идоракунии он тавсиф карда шаванд, зеро маҳз онҳо сифатнокӣ ва самараноки идоракунии низоми гумрукро муайян менамоянд. Дар ин раванд иттилоот ҳамчун захираи калидии муайянкунандаи самаранокии фаъолияти идоракунӣ шинохта шуда, хусусиятҳои он вобаста ба сатҳҳои идоракунӣ асоснок

карда шудааст. Ҳатто таҳлилгарон низ ба интихоби иттилооте ниёз доранд, ки дорои қобилияти таъмини сатҳи самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ дар фаъолияти гумрук мебошад.

Вобаста ба фарогирии як қатор марҳилаҳои таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрук нақшаи алоқаи мутақобилаи онҳо таҳия карда шуда, ҷиҳати ташкили идоракунии самараноки низоми гумрук вазифаҳои таъминоти иттилоотии идоракунии мақомоти гумрук мушаххас ва гурӯҳбандӣ карда шудааст. Инчунин вобаста ба нақшаи фаъолияти таҳлилӣ ба принсипҳои асосии фаъолияти зерсохтори иттилоотию таҳлилии мақомоти гумрук равшанӣ андохта шудааст.

Вобаста ба интихоби нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи самаранокии низоми гумрук як қатор муносибатҳо аз рӯйи се самт тақсимбандӣ карда шуда, алоқамандии унсурҳои низоми нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми гумрук тасвир карда шудааст. Инчунин дар ин замина, алгоритми ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти низоми гумрук таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Дар заминаи ҷамбасти меъёрҳои илман асоснокшуда мо истифодаи як қатор меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрукро пешниҳод намудем. Ба ақидаи мо, барои такмили методҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳо бояд хизматрасониҳои гумрукӣ гурӯҳбандӣ ё ба хизматрасониҳои асосию иловагӣ (аз рӯйи хосияти фаъолият) тақсим карда шаванд.

Ба андешаи мо, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки барои баҳогузории самаранокии идоракунии фаъолияти гумрук аз нишондиҳандаҳои зерини хизматрасониҳои гумруки истифода намояд:

– таносуби иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ, ки дар миқдори умумии пурсидашудаҳо сифати хизматрасониҳои гумрукиро қаноатбахш баҳогузорӣ менамоянд;

– ҳиссаи хизматрасониҳои давлатӣ, ки Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли электронӣ (дар доираи тартиби

маъмурии муқарраршуда) анҷом медиҳад ва тибқи онҳо имконияти дар шакли электронӣ дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳои давлатӣ дастрас намудани онҳо вуҷуд дорад.

Аз лиҳози болоравии нақш ва аҳамияти неруи инсонӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа зарурати ташаккули низоми нави идоракунии иқтисодиёти ба истифодаи самараноки неруи инсонӣ ва иқтидори кадрӣ асосёфта ба миён омадааст, ки он низоми гумрукро низ фаро мегирад. Бинобар ин, дар рафти таҳқиқот мафҳуми “Иқтидори кадрӣ” аз якчанд ҷанба мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шуда, муайян карда шудааст, ки он мафҳуми бисёрнақшавӣ буда, ҷанбаҳои шахсии ҳаракати унсурҳои дохилии худро инъикос менамояд. Дар таҳқиқот оварда шудааст, ки ҳиссаи шумораи кормандони дорои таҳсилоти касбӣ (олӣ ва миёнаи махсус) дар шумораи умумии кормандон яке аз нишондиҳандаҳое мебошад, ки сатҳи тахассуси кормандони низоми гумрукро инъикос мекунад. Дар шароити муосир сохтори тахассусии иқтидори кадрии низоми гумрук нишон медиҳад, ки пешравӣ ё тамоюли тағйирёбии ҳиссаи кормандони дорои таҳсилоти касбӣ, пеш аз ҳама кормандони дорои маълумоти олӣ, зиёд шуда истодааст. Тавре аз таҳқиқи маълумоти давраи солҳои 2010-2021 бар меояд, дар давраи таҳлилӣ шумораи кормандони дорои маълумоти олӣ аз 605,0 то 1015,3 нафар ё ба миқдори 67 % зиёд гардида, шумораи нафарони дорандаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 119 то 84 нафар 28,8% коҳиш ёфтааст. Чунин тамоюл аз инкишофёбии нишондиҳандаҳои сифатии сохтори тахассусии иқтидори кадрии низоми гумрук дарак медиҳад.

Вобаста ба принсипҳои бунёдии ташаккули сиёсати кадрӣ, дар такя ба муҳимтарин принсипҳои ташаккули самтҳои алоҳидаи сиёсати кадрӣ, ки тавсифи онҳо дар шакли ҷадвал пешниҳод гардидааст, методикаи интихоби сиёсати кадриро мо дар мисоли Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе гузаронидем, ки шумораи умумии кормандони онро 217 нафар ташкил медиҳад.

Тибқи натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда натиҷаи иҷрои қадамҳои

болозикр баҳогузории чорабиниҳоро оид ба масъалаҳои кадрӣ тақозо намуда, муайян менамояд, ки бояд ба тартибгузории чорабиниҳои аҳаммиятнок анҷом дода шавад. Дар ин раванд, аз байни чорабиниҳои барои баррасӣ пешниҳодшаванда муҳимтарини онҳо ҷудо карда шуда, ба он бояд тартиби (дараҷаи) ҳадди аксар дода шавад. Асоснок карда шудааст, ки барои то сатҳи зарурии сиёсати низоми гумрук расидани чорабиниҳои коркардшуда ва мавриди амалу роҳбарӣ қарор гирифтани онҳо зарурати назорат, таҳлил ва ислоҳи онҳо арзи вуҷуд дорад.

# ХУЛОСАҲО

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мо ба чунин хулосаҳо ва пешниҳодҳо омадем:

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Низоми гумрук дар шароити муосир аз рӯйи муҳтаво ва иҷрои вазифаҳои махсус ниҳоди муҳим ва таъсирноки ҳар як давлати соҳибистиқлол мебошад. Он на танҳо дар низоми танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ ва пур намудани даромадҳои буҷети давлатӣ, балки дар низоми таъмини ҳамаи намудҳои бехатарии миллӣ, пеш аз ҳама бехатарии иқтисодии мамлакат, аҳамияти махсусан муҳим дорад. Дар заминаи ташаккул, рушд ва идоракунии низоми гумрук комплекси муносибатҳои бо раванди интиқолёбии молу воситаҳои нақлиёт алоқаманде (дар ҳуқуқи гумрукии ба тартибовардашуда ва амалиёти муносибатҳои иқтисодӣ инъикосшаванда) қарор доранд, ки барои ҳавасмандкунӣ ё маҳдудсозии фаъолияти иқтисодии берунии иштирокчиёни муносибатҳои гумрукӣ равона шудаанд. Муносибатҳои бо танзими интиқолёбии молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ алоқаманд дар ташаккули аз нуқтаи назари таъмини бехатарии иқтисодӣ мусоиди муносибатҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ гардонидани муносибатҳои гумрукӣ, муқаррар сохтани ниҳодҳо ва амалиёти зарурии низоми гумрук ва инчунин иҷрои амалии муносибатҳои иқтисодии муайяншуда ифода меёбад. **[1-М, 2-М, 4-М, 5-М, 7-М, 10-М, 12-М]**

2. Сатҳ ва сифати рушди низоми гумрук аз хусусиятҳо ва дараҷаи ҷалби ҷумҳурӣ ба робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ва чораҳои дар самти коҳиш додани сатҳи вобастагии иқтисодиёти мамлакат аз бозори ҷаҳонӣ бо роҳи гузариш ба амсилаи воридотивазкунии рушд ва баланд бардоштани сатҳи иқтидори содиротии ҷумҳурӣ вобаста аст. Дар самти амалисозии ин вазифаҳои стратегии давлат ва сиёсати иқтисодии берунӣ восита ё механизми нисбатан таъсирбахш низоми гумрук ва билохира сиёсати гумрукӣ мебошад. Низоми гумрук на танҳо ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати

